**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА**
**СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТКБ - 63,3(0)5
ТДУ - 947(575,3)
Л32

**ЛАТИФЗОДА НАСИБА МИРЗОЁҚУБ**

# «ТАЪРИХИ ШОҲРУХӢ»- И МУЛЛОНИЁЗИ ХӮҚАНДӢ - ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси**
**6.1.5 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои таърих,
Ҳомидзода Ф.М.

**ХУҶАНД – 2026**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО**........................................................................ 3

**МУҚАДДИМА**.........................................................................................4-19

**БОБИ I. ТАЪРИХИ ТАЪЛИФИ АСАРИ «ТАЪРИХИ ШОҲРУХӢ»- И МУЛЛОНИЁЗИ ХӮҚАНДӢ**...........................................................................20-54

1.1. Мазмун ва муҳтавои асари «Таърихи Шоҳрухӣ» -и Муллониёзи Хӯқандӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик.......................................................................20-41

1.2. Ҳаёт ва фаъолияти муаллифи «Таърихи Шоҳрухӣ» ..............................42-54

**БОБИ II. ИНЪИКОСИ ҲАЁТИ СИЁСИИ ХОНИГАРИИ ХӮҚАНД ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII ВА АВВАЛИ АСРИ XIX ДАР «ТАЪРИХИ ШОҲРУХӢ»- И МУЛЛОНИЁЗИ ХӮҚАНДӢ** .......................................55-101

2.1. Масоили салтанати Шоҳруххон ва ташаккули Хонигарии Хӯқанд..... 55-69

2.2. Вазъи сиёсии тоҷикони Хонигарии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII......................................................................................................... 69-77

2.3. Ҳаёти сиёсии хонигарии Хӯқанд дар аввали асри XIX........................77-101

**БОБИ III. ИНЪИКОСИ ҲАЁТИ ИҚТИСОДӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКОНИ ХОНИГАРИИ ХӮҚАНД ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII ВА АВВАЛИ АСРИ XIX ДАР «ТАЪРИХИ ШОҲРУХӢ»- И МУЛЛОНИЁЗИ ХӮҚАНДӢ...................................................................................................102-145**

3.1. Вазъияти иҷтимоию иқтисодии тоҷикони Хонигарии Хӯқанд...........102 -119

3.2. Шароити табиӣ ва мавқеи таърихию ҷуғрофии Фарғона......................119-130

3.3.Инъикоси ҳайати этникии Хонигарии Хӯқанд дар «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ...............................................................................131-145

**ХУЛОСА**...................................................................................................146-152

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО**............152-154

**РУЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА............ ..........................................................................................................**.......155-168

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия**...................................................................169-170

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ТШ - Таърихи Шоҳрухӣ

ОМ - Осиёи Миёна

ГГТ - генерал-губернатории Туркистон

ХХ - Хонигарии Хӯқанд

АБ - Аморати Бухоро

РСС Ӯзбекистон – Республикаи советии сотсиалитии Ӯзбекистон

ФЛ ИШАФ ИҶШС - Филиали ленинградии Институти шарқшиносии Академияи Фанҳои Иттиҳоди ҷумҳуриҳои шӯравии сотсиалистӣ

КДО - Китобхонаи давлатии оммавии ба номи М.Е. САЛТИКОВ-ШЕДРИН

БДТҲР - Бойгонии давлатии таърихи ҳарбии Россия

БМД ҶТ - Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

БМД ҶӮз - Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

АФ ИҶШС - Академияи фанҳои Иттиҳоди ҷумҳуриҳои шӯравии сотсиалистӣ

АФ РСС Т - Академиям фанҳои РСС Тоҷикистон

АФ РССӮз - Академиям фанҳои РСС Ӯзбекистон

ИШАФӮз - институти шарқшиносии академияи фанҳои Ӯзбекистон

БМТҲД ФР - Бойгонии марказии таърихии ҳарбии давлатии Федератсияи Русия

БМТДР - Бойгонии марказии таърихии давлатии Русия

ДДЛ - Донишгоҳи давлатии Ленинград ба номи А. С. Пушкин

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Таърихнигорӣ, илмест, ки таҳқиқотчиёнро ба таҳқиқи ҳодисаю рӯйдодҳои таърихии давраҳои гуногуни он ва баррасии холисонаи онҳо дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ омӯхт ва анҷом дод.

Аз ин ҷост, дар замони муосир, ки раванди босуръати ҷаҳонишавӣ барои инсоният зарурате пеш овард, ки таърихи гузаштаи ҷомеаи башариро бо ҳар роҳу равише барои худ амиқ дарёбем, то шахсияти хеш ва чи будани ҷомеаи инсониро бештар дарк карда бошем.

Дар асари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омадааст: «Ҳамзамон бо маҷрои ҷаҳонишавӣ раванди худшиносии пайгиронаи миллату халқҳо, фарҳангу тамаддунҳо ва кишвару минтақаҳо идома дорад, ки он омили муҳимтарини таҳаввулоти бузурги ҷаҳонӣ дар оғози асри XXI гардида, минбаъд низ сабабгори тағйироту дигаргуниҳои амиқтар шуда метавонад»[116, с.273].

Омӯзиши таърихи халқи тоҷик, бахусус, минтақаҳои шимолии Тоҷикистони имрӯза, ки дар асри XIX ба ҳайати хонигарии Хӯқанд дохил буданд, аз манбаъҳои таърихӣ истифода мешаванд. Аз ҷумла, «Таърихи Шоҳрух» - и Муллониёз Хӯқандӣ яке аз манбаъҳое ба ҳисоб меравад, ки ҷиҳати омӯзиши таърихи халқи тоҷик вобаста ба ҷой ва сукунати сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии халқи хеш дар ин давраи таърихӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки манбаъҳои таърихӣ барои омӯзиши давраҳо ва марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, аз ҷумла манбаъҳое, ки аз ҷониби муҳаққиқон аз асри XVIII то аввали асри XX навишта шудаанд ва дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик хеле арзишманданд, аҳаммияти хоса доранд.

Сарчашмаҳо ва манбаъҳои таърихӣ маҳсули натиҷаи фаъолияти инсон дар шакли фарҳанги моддӣ ва маънавӣ буда, дар марҳилаҳои гуногуни таърих ба вуҷуд меоянд ва маълумоти боэътимодро дар бораи вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ,

иҷтимоӣ ва фарҳангии мардум, халқ, сарзамин ва ин ё он давлатҳоро дар бар мегиранд.

«Сарчашмаҳои хаттӣ дар омӯзиши мероси таърихию фарҳангии кулли ҷомеаи башарӣ ва инъикоси проблемаҳои гуногуни таърихи қадим, асрҳои миёна ва навини халқҳо, аз он ҷумла халқҳои Осиёи Миёна, махсусан, халқи тоҷик нақши мондагор дошта, дар ҷамъбаст ва муайян кардани нақш ва мавқеи онҳо дар раванди таърих, яке аз пурарзиштарин ва барҷастатарин манбаъ ба шумор меравандм» [1-М, с.23]. Ин сарчашмаҳо маълумот ва далеҳои амиқу дақиқро, оид ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои ин ё он минтақа ва давраҳои гуногуни таърихӣ маълумоти муфассал пешниҳод менамоянд.

Манбаъҳои хаттӣ дар омӯзиши мероси таърихӣ ва фарҳангии тамоми ҷомеаи инсонӣ нақши муҳим доранд, ки масъалаҳои гуногуни таърихи қадим, асримиёнагӣ ва муосири халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла мардуми тоҷикро инъикос мекунанд ва аз ҷумлаи арзишмандтарин ва муҳимтарин захираҳо дар ҷамъбаст ва муайян кардани нақш ва ҷойгоҳ дар раванди таърихӣ мебошанд.

Осиёи Миёна яке аз манотиқи муҳимми стратегӣ барои кулли минтақа маҳсуб ёфта, ҳаводис ва воқеаҳое, ки дар ин минтақа рух додаанд, ба манотиқи гирду атрофи он бетаъсир намемонад.

Чунон чӣ: «Илми таърих аз муҳимтарин донишҳоеро, ки инсоният аз замонҳои қадим ба онҳо ниёз дошт, фароҳам меорад. Имрӯзҳо, ба шарофати истиқлолияти давлатӣ, муҳаққиқон метавонанд рӯйдодҳои таърихиро дар марҳилаҳои гуногун омӯзанд ва онҳоро дар асоси манбаъҳои таърихӣ ба таври объективӣ таҳқиқ намоянд» [1-М, с.23].

Ин минтақа дар давраҳои мухталиф ба арсаи муборизаҳои абарқудратҳои давру замони худ табдил ёфтааст. Чун ҳадафи мо, назаре ба як минтақа, замони ин минтақа, амиқтараш нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX бо такя ба асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ мебошад. Аз ин рӯ, зикр бояд кард, ки дар ин давра дар Осиёи Миёна ду давлати бонуфузе вуҷуд

дошт, ки инҳо Аморати Бухоро бо салтанати хонадони Манғитиён ва хонигарии Хӯқанд бо ҳокимияти хонадони мингҳо буданд.

Бояд қайд намуд, ҳудуди ноҳияҳои Конибодом, Исфара, Ашт, дар баъзе марҳилаҳо қисман Хуҷанду Истаравшани «вилояти Суғди Тоҷикистони муосири (ба истиснои болооб ва водии Зарафшон) зиёда аз якуним аср аз соли 1709 – 1876» [1-М, с.23] дар ҳайати ин давлат қарор дошт.

Хӯқанд яке аз қадимтарин шаҳрҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ бо вожа ва истилоҳҳои гуногун номбар шудааст, ба монанди Қӯқанд, Коканд, Хӯқон, Хавоканд ва Хӯқанд. Аз ин ҷост, ки мо дар рисолаи мазкур истилоҳи Хӯқандро мавриди истифода қарор додем.

Дар асри XVIII - XIX дар ҳаёти сиёсии мардуми Осиёи Миёна ва кишварҳои ҳамҷавор хонигарии Хуқанд нақши муҳим дошт. Хонигарии Хуқанд дар минтақаи васеъ, қариб дар нисф зиёди ҳудуди Осиёи Миёна ҳукумати хешро устувор намуда, сиёсати давлатдориро пеш мебурд.

Тоҷикон аз халқиятҳои таърихии ин минтақа буда, аз замонаҳои қадимтарин дар ин ҷо сукунат доштанд.

Яъне: «Омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи хонигарӣ, ки яке аз марҳилаи муҳимми таърихи ҳалқи тоҷик ба ҳисоб меравад, дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ имконият фароҳам меорад, ки паҳлӯҳои торику норавшани давраи мазкурро ҳамаҷониба таҳқиқ намоем»[1-М, с.23].

Асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ дар қатори сарчашмаҳо яке аз манбаҳои арзишманд мебошад, ки дар бораи таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ва сарзаминҳои тоҷикнишини Сӯх, Риштон ва дигар минтақаҳо, замони ҳокимияти хонадони мингҳоро аз замони ҳукмронии асосгузори он – Шохрухбӣ то аҳди Худоёрхон (1845-1876) инъикос менамояд.

«Доир ба таърихи хонигарии Хуқанд беш аз 40 сарчашмаи таърихӣ мавҷуд аст. Дар сарчашмаҳои мазкур таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии хонигарии мазкур ва кишварҳои ҳамҷавори он ба таври бояду шояд инъикос ёфтааст. Доир ба таърихи хонигариҳои Осиёи Миёна, махсусан хонигарии Хуқанд дар сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти фаровон мавҷуд аст.

Муаррихони ин давра асарҳои худро бештар дар асоси сарчашмаҳои гуногун, мувофиқи ахбори иштирокдорони воқеаҳо таълиф карданд»[1-М, с.23], бинобар маълумоти онҳо дар илми таърихнигорӣ ва омӯзиши масъалаҳои муҳимми ин давра аҳаммияти калони илмӣ дорад.

Яке аз сарчашмаи муҳимми таърихии ҳавзаи таърихнигории Хуқанд «Таърихи Шохрухӣ»-и Мулло Ниёз Муҳаммад Хуқандӣ ба ҳисоб меравад. Мулло Ниёз Муҳаммади Хуқандӣ соли 1802/1803 таваллуд шудааст. Мувофиқи маълумоти асари мазкур бобои муаллиф Ғарибдӯст ясовул, амакаш Худайқули баҳодур ва бародаронаш дар муҳорибаҳои ҳарбӣ ба ҳалокат расидаанд. Ҳамаи онҳо дар хизмати ҳарбии хонҳои Хуқанд қарор доштанд. Падари муаллиф Мулло Ашур Муҳаммад дар охири соли 1820 ё аввали соли 1821 дар ҳайъати лашкари Умархон дар муҳосираи қалъаи Ҷиззах ҳалок шудааст. Аз маълумоти асар бармеояд, ки фаъолияти ҳарбии падар ва амаки муаллифи асар бо яке аз шахсияти баруманди ин давра Раҷабқушбегӣ, ки аз мардуми кӯҳистони тоҷик ба ҳисоб мерафт, робитаи қавӣ дорад. Гузашта аз ин Мулло Ниёз Муҳаммади Хуқандӣ дар ҷараёни инъикоси воқеаҳо вобаста ба фаъолияти бобояш этноними «тоҷик» - ро илова намуда, худро низ тоҷик номидааст.

Ҳамин тариқ, дар ин давра дар Хонигарии Хӯқанд навиштани таърихномаҳо ба ҳукми анъана даромада буд. Дар асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ оид ба таърихи давлати Хонигарии Хӯқанд маълумоти муфассал, гарон ва пурарзиш оварда шудааст. «Таърихи Шохрухӣ» таърихи давлати Хонигарии Хӯқандро аз ибтидои асри XVIII то ибтидои солҳои 70-уми асри XIX, яъне қариб тамоми давраи мавҷудияти онро дар бар мегирад. Асар доираи ҷуғрофии ҳодисаҳо ва воқеаҳои водии Фарғонаро дар ин марҳилаи таърихӣ дар бар мегирад. Агар дар шароити кунунӣ ба ин минтақаи ҷуғрофӣ назар намоем, маълум мегардад, ки Фарғонаи таърихӣ қисме аз минтақаҳои Тошканд, Қазоқистони Ҷанубӣ, Тоҷикистон, Қирғизистон, Туркистони Шарқӣ ва баъзе минтақаҳои Шарқи Наздик, минҷумла Шимоли Афғонистон, Читрал ва Кашмирро низ дар бар гирифтааст.

Муаллифи асари мазкур шахсе мебошад, ки худ, дар ҳақиқат, шоҳиди бевоситаи аксари ҳаводис ва воқеаҳои рухдодаи ин давра будааст. Яъне, бо чашми хеш аксари он ҳодисаҳо ва воқеаҳоро мушоҳида намуда, рӯи коғаз сарчашмаи таърихиро офаридааст. Зеро муаллиф ҳаводису воқеаҳоро бо такя ба андешаи худ навиштааст, аз ин рӯ, нигоштаҳои ӯ ҷоизи аҳаммияти муҳим мебошанд, зеро ки воқеияти асли ин даврро инъикос мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ ба ҳайси манбаи таърихӣ барои омӯзиши таърихи халқи тоҷик то ба ҳол мавриди таҳқиқ дар шакли диссертатсионӣ қарор дода нашуда буд. Маврид ба зикр аст, ки паҳлуҳои мухталифи ин асар аз ҷониби муҳаққиқон ва донишмандони мухталифи диёр ва кишварҳои ҳамсоя ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Аммо дар шакли мукаммал таҳқиқи ин асар то ба ҳол анҷом дода нашудааст. Ҳамзамон, таърихи халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX, дар радифи халқҳои дигар Осиёи Миёна, давраи муҳим ба шумор меравад.

Тавре маълум аст, барои равшан кардани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва заминаҳои воқеаҳои таърихии ин давра омӯзиши ҳаматарафаи тамоми маводи дастрасшуда, аз ҷумла маъхазҳои хаттии таърихӣ зарур аст. Тибқи талабот ҳангоми таҳлили масъалаҳои муҳимӣ таърихи халқи тоҷик дар давраи ҳукмронии Хонигарии Хӯқанд аз маълумоту маводҳои таърихии дар онҳо мавҷудбуда, зиёдтар мавриди истифода қарор гирад.

Аз ин рӯ, ҷиҳати баррасӣ ва омӯзиши ин мавзуъ ва комилан фаро гирифтани он доираи таҳқиқотро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

Ба **гурӯҳи якуми** сарчашмаҳои таърихие, ки дар давраи мазкур офарида шуда, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Хонигарии Хӯқандро дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX фаро гирфтаанд. Ба монанди Хуҷамқулибек Балхӣ, [94, с.265] Мирзоолим Мушриф,[59] Худоёрхонзода [95], Ибрат [37,с.287] Мирзо Шамси Бухорӣ [57, с.39] истифода бурда шуданд. Дар байни маъхазҳои хаттие, ки ба мо расидаанд, асари Маҳмуд Ҳаким Сайфонӣ ибни Домулло Шодӣ Муҳаммади Фарғонӣ « Хуллас-ат-

таворих» таваҷҷуҳи зиёд дорад [55]. Дигар маъхазе, ки инъикоси таърихи Хонигарии Хӯқандро дар бар мегирад, «Хулосат-ул-аҳвол» («Хулосаи ҳолатҳои ҳаёт») мебошад, ки солҳои 1282/1865 дар Тошканд таълиф шудааст. Муаллифи он Абу Убайдуллоҳ Муҳаммад ибни Султонхоҷа, маъруф ба Эшонхоҷа Қорӣ Тошкандӣ мебошад. Маъхаз бо номи « афарномаи Худоёрхонӣ» - Абдулғафурбия ба рӯйдодҳои марбут ба озод шудани Худоёрхон аз тобеияти қипчоқҳо ва намояндаи онҳо Муслиммонқули Қипчоқ бахшида шудааст. «Таворихи манзума» («Маҷмуаи хронограммаҳо») - и Имом Алӣ қорӣ Қундузи-Комӣ, ки дар Қундуз (Афғонистон) ба дунё омадааст, солҳои 1824-25 дар Кошғар зиндагӣ кардааст ва солҳои 1828-1830 дар Бухоро бо фармони амир Насрулло очерки « Дураҷ-ат-тоҷ» («Тоҷи гарданбанд»)-ро таълиф мекунад. Китоби «Ҷангномаи Худоёрхон» («Китоби ҷангҳои Худоёрхон» )-и Мулло Шамсӣ (Шавқӣ), ки зодаи деҳаи Калваки вилояти Намангон мебошад дар соли 1853 таълиф шудааст. Ин асар аз муборизаи Худоёрхон ва тарафдорони ӯ бар зидди қипчоқҳо ҳикоят мекунад.

Дар сарчашмаҳои олимони рус баъзе масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, ҳолати ҷуғрофӣ ва иқтисодии хонигарии Хӯқанд баён карда мешавад.

Ба омӯзиши асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ олими рус Б. В. Лунин машғул гардидааст. Вай таърихи кашф, интишор, тарҷума ва омӯзиши онро аз ҷониби Н. Н. Пантусов ва В. В. Бартолд [49, с. 45-46, с.64] ҳамчун сарчашмаи таърихии чоряки охири асри XIX нишон дода, инчунин аҳаммияти нашри онро барои рушди илми таърихнигорӣ ва шарқшиносӣ қайд кардааст [48, с.135-136, с.233-234]. Б. В. Лунин таърихи фақат қадамҳои аввалини омӯзиши «Таърихи Шоҳрухӣ» -ро тавсиф кардааст. Аммо масъалаи омӯзиши ин асар дар охири асри XIX аз ҷониби шарқшиносони дигар, ки адабиёти асри XX-ро таҳлилу баррасӣ кардаанд,омӯхта нашудааст.

Умуман, бозёфти «Таърихи Шоҳрухӣ» соли 1876 ба вуқуъ пайваста, онро Н. Н. Пантусов дар Хӯқанд дарёфт кардааст ва Г. А. Колпаковский ду нусхаи асари номаълуми таърихиро ба даст овардааст. Ин ду асар дастнависи «Таърихи Шоҳрухӣ» буданд. Яке аз онҳо шакли номукаммал дошт [78,с.467]. Аллакай

дар охири солҳои 70-ум асри XIX мавҷудияти асари мазкур аз тарафи шарқшиносони Аврупои Ғарбӣ маълум гардид [10, с.163].

Таҳлили ин сарчашмаҳо имкон медиҳад, ки оид ба хонигарии Хӯқанди асрҳои гузашта бо маълумотҳои муҳим шинос шавем [32, с.159-160].

Ба **гурӯҳи дуюми таҳқиқот** - осори илмии муаррихони даврони Шуравӣ, оид ба масоили гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар таркиби Хонигарии Хӯқанд маълумот дода мешавад [60, с.165-166].

Аллома Бобоҷон Ғафуров дар осори хеш – китоби «Тоҷикон» роҷеъ ба мулки Хӯқанд маълумотҳои ҷолибе баён доштааст. Аз нигоҳи ӯ, ки Хӯқанд мулки мустақиле буд ва дар истиқлолу мустақил шудани он нақши ҳокимони он, аз ҷумла Олимхон хеле бузург мебошад. Дар замони ҳукумронии Олимхон Хӯқанд ба хонигарӣ табдил ёфта, қаламравии худро хеле васеъ намуд. Дар аҳди яке аз хонҳои дигари хонигарӣ – Умархон, юришҳо ба муқобили Қаротегин, Дарвоз ва дигар минтақаҳои Тоҷикистони ҳозира ва Осиёи Миёна тақвият пайдо карданд. Ин юришҳо ба мақсади васеъ намудани ҳудуди хонӣ, ҷиҳати мустаҳкам намудани нуфуз ва ҳукмронии кишвар дар Осиёи Миёна байни хонигарии Хӯқанд ва аморати Бухоро ва оқибатҳои даҳшатноки он хусусиятҳои хоси ин давра мебошанд [27]. Набиев Р. Н. дар асари худ «Из истории Кокандского ханства: (Феодальное хозяйство Худоярхана)» ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва маъхазҳои дастнависро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таърихи сиёсӣ ва хоҷагидории Хонигарии Хӯқандро дар солҳои 40-70-уми асри XIX таҷассум намудааст. Дар асар раванди дар дасти Хон ва дарбори ӯ мутамарказ шудани молу мулки манқул ва ғайриманқул, шаклу усулҳои истисмори деҳқонони меҳнаткаш, сохт ва сохтори идоракунии хоҷагии хонӣ ошкор карда шудааст [65].

Китоби Муллониёзи Хӯқандӣ «Таърихи Шоҳрухӣ» дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Миёна маълумоти дақиқ додааст, ки дар осори олимони давлатҳои Осиёи Марказӣ тадқиқ карда шуда, дар бораи мавзуъҳои гуногуни ҳаёти тоҷикони ин минтақа, яъне Хонигарии Хӯқанд маълумот додаанд[12].

Ба **гурӯҳи сеюми таҳқиқот** бозҷустҳои илмии олимони даврони истиқлолият, ки дар рушди илми таърихшиносии тоҷик саҳми худро гузоштаанд, дохил карда шуд. Аз ҷумла, Эмомалӣ Раҳмон [116], Р.М. Масов [54], М. Шакурӣ [61], Масрури Абдуллоҳ [7], О. Қ. Каримов [41], Салими Аюбзод [84] ва дигарон. Махсусан, дар асари дуҷилдаи « Таърихи халқи тоҷик» - и муаррихи барҷаста Н.О. Турсунов, ки зери таҳрири академик Н. Неъматов ба анҷом расидааст, оид ба тоҷикони хонигарии Хӯқанд маълумотҳои ҷолиб оварда шудааст [90].

Тазаккур бояд кард, ки дар ҷилди чоруми китоби бунёдии «История таджикского народа» зери назар ва таҳрири академик Р.М. Масов оид ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкур маълумот ҷой дорад [35].

**Гурӯҳи чорум,** сарчашмаҳое, ба монанди рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ мебошанд. Муаллифони ин рисолаҳои илмӣ паҳлуҳои мухталифи Хонигарии Хӯқандро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Масалан, Елшибаев С. К. дар рисолаи илмии худ таҳти мавзуи «Южный Казахстан и Кокандское ханство в середине XIX веков», ки дар Душанбе соли 2013 ба табъ расидааст, дар бораи Хонигарии Хӯқанд маълумот дода, қайд менамояд, ки: «Хонигарии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII аз ҷиҳати сарҳад танҳо бо водии Фарғона маҳдуд буд, лекин ибтидои асри XIX ба як воҳиди мустақили сиёсӣ табдил ёфта, ҳамчун давлати паҳновар машҳур гардид. Барои мустакам намудани Хонигарии Хӯқанд забт кардани Тошканд аҳаммияти калон дошт, зеро он аз замонҳои қадим ҳамчун маркази иқтисодию сиёсии сокинони муқимӣ ва халқҳои бодиянишини қазоқҳои ноҳияҳои шимолу шарқии Осиёи Миёна мақоми бузург дошт. Аз ин лиҳоз, соли 1809 Олимхон (1799-1810) бар зидди Тошканд юриши ҳалкунанда пеш гирифт. Тобеъ кардани Тошканд ба Хӯқанд пешравии минбаъдаро дар дашти қазоқ хеле осон кард» [5].

Бояд қайд кард, ки Турсунов Б. Р. дар рисолаи доктириаш бо номи «История политической жизни Кокандского Ханства (с 1709 г. до первой половины 50-х годов XIX в.» ишора бар он дорад, ки « асари таърихнигори маъруфи мактаби Хӯқанд Ниёз Муҳаммади Хӯқандӣ, ки онро «Ибрат - ул -

Ҳавокин» ном мебаранд, боз бо номи дигар, яъне «Таърихи Шоҳрухӣ» низ маъруф мебошад. Ин асар, асари таърихӣ буда, дар он маълумоти хеле зиёде роҷеъ ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Хонигарии Хӯқанд мавҷуд мебошад.

Муаллиф дар асари хеш роҷеъ ба зуҳур ва пароканда шудани Хонигарии Хӯқанд маълумоти пурарзишро фароҳам овардааст. Дар асар роҷеъ ба хонаводаи Минг, шахсиятҳои бузурги сиёсие, ки дар зиндагии сиёсии хонигарӣ фаъолона ширкат варзидаанд, маълумоти муфассал оварда, инчунин роҷеъ ба қавмҳои гуногун ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии давлат ахбори ҷолиб пешниҳод намудааст» [74].

Ба **гурӯҳи шашум** бошад, матбуоти даврӣ дохил мешавад [9]. Дар матбуоти даврӣ низ донишмандони риштаҳои мухталиф, қабл аз ҳама, таърихнигорон роҷеъ ба давраи мавриди зикр мақола ва навиштаҳои диққатҷалбкунандаро ба чоп расонидаанд, ки дорои иттилооти арзишманд мебошанд. Мо низ дар навбати хеш, аз он мақола ва навиштаҳо барои тақвияти андеша бобати тасбити ин ё он масоил мавриди истифода қарор додем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таърих арсае мебошад, ки дар он сарнавишти миллат ва Ватан ҳаллу фасл мешавад, аз ин рӯ, омӯзиши гузашта ба хотири ободии оянда мебошад. Дар ин робита диссертатсияи мазкур низ дар чаҳорчӯби нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бо номи «**Таърихнигории таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аз давраи бостон то замони муосир**» барои солҳои 2021-2025 таҳия карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади ниҳоии таҳқиқоти рисолаи илмӣ дар асоси маълумоти тасдиқшудаву воқеи, муайян намудани инъикоси таърихи халқи тоҷик ва сарзаминҳои тоҷикнишин дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Хонигарии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX аз рӯйи асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ;

шиносӣ ва таҳқиқи таъсис ва рушди Хонигарии Хӯқанд, тарзи зиндагӣ, ҳаёт ва фаъолияти тоҷикони водии Фарғона, Хуҷанд ва Уструшона (Истаравшан) дар давраи ҳукмронии Хонигарии Хӯқанд ба шумор меравад.

Омӯзиш ва таҳқиқи асари мазкур ба мо имкон дод, ки дар бораи таърихи Хонигарии Хӯқанд ва зиндагию фаъолияти тоҷикони водии Фарғона, Хуҷанд ва Истаравшан маълумотҳои назаррас ба даст биоварем.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷараёни таҳқиқи мавзуъ ва баррасии объективонаи он зарурати иҷрои вазифаҳои зеринро ба миён гузошт:

- баррасӣ ва омӯзишу таҳқиқи мавзуи мазкур аз мавқеи назариявӣ;
- тадқиқоти таърихи халқи тоҷик ва таҳқиқи мавзеъҳо ва сарзаминҳои тоҷикнишиш дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар асоси асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ;
- дар асоси асари «Таърихи Шоҳрухӣ» -и Муллониёзи Хӯқандӣ ифода ва таҷассум кардани воқеияти ҳукмронии ҳокимони Хонигарии Хӯқанд ва фаъолияти ҳукуматдорони он;
- дар омода намудани рисолаи диссертатсионӣ аз худ намудани дигар сарчашмаҳои таърихӣ доир ба мавзуъ ва давраи таҳқиқот барои қиёс;
- равшанӣ андохтан ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва дипломатии нимаи дуюми қарни XVIII ва нимаи аввали қарни XIX ва амсоли инҳо.

**Объекти таҳқиқот.** Асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ ва таҳқиқотҳое, ки роҷеъ ба ин асар анҷом дода шудаанд, объекти таҳқиқоти моро ташкил медиҳанд. Зимни омӯзиши ин асар ба паҳлу ва масоили мухталифе, ки дар ин асар мунъакис карда шудаанд, таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Дар асар роҷеъ ба пайдоиш, ҳукумат ва суқути Хонигарии Хӯқанд ва масоили марбута ба ин хонигарӣ, ҳаёт ва фаъолияти муаллифи «Таърихи Шоҳрухӣ», шароити табиӣ ва мавқеи таърихию ҷуғрофии Фарғона, вазъи сиёсии Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XIX, таърихи иҷтимоию иқтисодии Хонигарии Хӯқанд сухан меравад.

**Мавзуи таҳқиқот** таҳлилу баррасии асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Доираи хронологии таҳқиқот нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XIX-ро фаро мегирад. Марзи ниҳоии таҳқиқот охири соли 1876 асри XIX, яъне замони ҳукумронии хонигарии Хӯқандро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар диссертатсия, мо, усулҳои илмии омӯзиширо оид ба таҷассуми таърихи Хонигарии Хӯқанд (нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX) аз рӯйи асари «Таърихи Шоҳрухӣ» -и Муллониёзи Хӯқандӣ ба кор бурда, бавижа, ба истифодаи усули объективияти илмӣ ба ҳайси яке аз дастурҳои асосии илми муосири таърих ва таърихнигорӣ таваҷҷуҳи махсус доштем;

- ҳамчунин, зимни омӯзиш ва баррасӣ, мо, қабл аз ҳама, ба кулли ҷанбаҳои таҳқиқотӣ таваҷҷуҳи вижа зоҳир намуда, дар ҷараёни таҳқиқот риояи истифодаи усули диалектикии илмӣ - таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро роҳандозӣ намуда, тамоми ҷузъиёт ва алоқаи сабабиву натиҷавии афкори сиёсию фарҳангии халқи тоҷикро дар нимаи дуюми қарни XVIII ва ибтидои қарни XIX, ки дар асари мазкур ба таври воқеъбинона инъикоси худро ёфтаанд, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додем.

- ҳамин тариқ, чунин равишҳои илмии таҳқиқотӣ, ба монанди шарҳу тавсифи адабиёти илмии ба арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ асосёфта, усулҳои хронологӣ - сулолавӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, статистикӣ, генеологӣ, усули умумии универсалӣ, баён, детерминизм ва амсоли инҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шуданд.

- бо равиши муқоисавӣ-таърихӣ пайдоиши Хонигарии Хӯқанд ҳамчун давлати феодалӣ нисбат ба дигар асарҳои таърихие, ки дар бораи таърихи ин давлат маълумот медиҳанд, қиёсгузорӣ шудааст. Инчунин, зимни таҳқиқ аз равиши масъалагузорӣ-солномавӣ мавриди истифода қарор дода, ҳудуди мавзуи таҳқиқро мушаххас кардем. Дар ин робита, роҷеъ ба пайдоиш, замони

ҳукумат ва сукути Хонигарии Хӯқанд маълумоти муфассал ва қонеъкунанда бо такя ба китоби «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ таҳия намудем.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Сарчашмаи маълумот, пеш аз ҳама, китоби «Таърихи Шоҳрухӣ» -и Муллониёзи Хӯқандӣ, тарҷумаи ин асар бо номи «Мулла Нияз Мухаммад «Таърихи Шохрухи» (Шахрухова история), ки аз ҷониби Н.Пантусов дар Қазон соли 1885 ба табъ расидааст, асари Бейсембиев Т. К. «Тарихи Шахрухи» как исторический источник», Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон ҷилди 1 (дар зери таҳрир ва иштироки профессор А.М. Мирзоев ва профессор А. Н. Болдирев, Сталинобад – 1960) ва амсоли инҳо мебошанд. Ба ҷуз аз ин, маводи бойгонӣ, бахусус, асноди Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асноди Бойгонии таърихии давлатии Россия (РГИА) ва асноди Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (БМДРУЗ) ба сифати сарчашма истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз мавридҳои зерин иборат мебошанд:

- нахустин бор китоби «Таърихи Шоҳрухӣ» -и Муллониёзи Хӯқандӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар заминаи таҳқиқоти илмӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта аст;

- дар рисола ба масъалаҳои ташаккули Хонигарии Хӯқанд, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Хонигарии Хӯқанд ва инъикоси таърихи халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX, ҳукмронии Абдулкаримбий, Ирдонабий, Норбутабий, Олимхон, Умархон, Мадалихон (Муҳаммадалихон), Шералихон ва Худоёрхон (давраи аввали ҳукмронӣ онҳо) возеҳ нишон дода мешавад;

- дар асоси сарчашмаҳои гуногун ва фаровон оид ба ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии Хонигарии Қӯқанд дар таърихнигории кишвар таҳлили он маҷмуии таҳқиқоти мазкур татбиқ мегардад. Дар вобастагӣ бо тадқиқот оид ба таърихи халқи тоҷик, мавзеъҳо сарзаминҳои тоҷикнишин, ки дар асари номбурда обективона нишон дода шуда, воқеъаҳои таърихиро дарёфт намуда, хулосаҳо натиҷаҳо баровარда шудаанд;

- дигар сарчашмаҳои таърихӣ, адабиёти илмӣ, ки дар онҳо вазъи сиёсию фарҳангии нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX, махсусан, таърихи Хонигарии Хӯқанд ба таври гуногун омӯхта ва нишон дода шудааст, аз назари Муллониёзи Хӯқандӣ дар асари «Таърихи Шоҳрухӣ» масъалаи мазкур низ мавриди таҳлил қарор гирифта, аз нуқтаи назари илмӣ қиёсгузорӣ шудааст. Дар ҷараёни омӯзишу таҳлили ин асар амиқ гардид, ки дар асари «Таърихи Шоҳрухӣ» маълумоти фаровон доир ба Хонигарии Хӯқанд пешкаш шудааст, ки вазъ ва ҳолати таърихиро акс намуда, ахбороти хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар бар мегирад;

- дар диссертатсияи мазкур дар асоси таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ ва илмӣ замони ҳукмронии намояндагони хонаводаи минг дар Хонигарии Хӯқанд омӯзиши таърихи халқи тоҷик таҳқиқ карда шудааст. Моҳияти сиёсати истилогаронаи хонҳои Хонигарии Хӯқанд ба мақсади васеъ намудани ҳудуди давлат, аз ҷумла забти вилоятҳои сукунати қабоили қирғизу қазоқ ва сохтмони қалъаҳои сершумор баён ва баррасӣ гардидааст;

- воқеаҳои таърихии марбут ба истилои хонигарии Хӯқанд аз ҷониби амирони Бухоро, қатли оилаи хонӣ ва аз ҷониби Россияи подшоҳӣ барҳам додани хонигарӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст;

- таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳарчанд ҷанбаҳои алоҳидаи асари «Таърихи Шоҳрухӣ» Муллониёзи Хӯқандӣ ба сифати манбаи таърихӣ мавриди омӯзиши пажӯҳишгарон қарор гирифтааст, лекин мо онро ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик нишон додем;

- ҳангоми таҳқиқ маълум гардид, ки аз ҷониби олимони ватанӣ ба масъалаи мазкур кам эътибор дода шуда, мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Аз ин лиҳоз, муайян кардани мақому манзалати халқи тоҷик, ҳамчун халқи муқимӣ дар Хонигарии Хӯқанд ва минбаъд вилояти Фарғонаи кишвари Туркистон таҳқиқоти ҷиддиро талаб менамояд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- мероси хаттии халқҳои Осиёи Марказӣ, ки яке аз манбаъҳои арзишманд ва муҳим мебошад, барои омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таърихи

қадим, асримиёнагӣ ва муосири халқҳои ин минтақа аҳаммияти илмӣ дошта, мероси хаттии халқҳои Осиёи Марказӣ дар доираи илми маъхазшиносии муосир мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифт;

- асари «Таърихи Шохрухӣ»-и Мулло Ниёз Муҳаммади Хӯқандӣ, яке аз сарчашмаи муътамад ва дорои хусусияти энсиклопедӣ буда, дар асоси маълумотҳои таърихӣ, этнографӣ, ҷуғрофӣ ва адабие, ки дар асари Мулло Ниёз Муҳаммад Хӯқандӣ инъикос гаштааст, ҳамчун маъхази беназири таърихӣ, этнографӣ, ҷуғрофӣ ва адабии асри XIX таҳлилу баррасӣ гардид;

- доир ба арзиши таърихӣ ва илмии асари Мулло Ниёз Муҳаммади Хӯқандӣ ва таърихи хонигарии Хӯқанд дар асрҳои XVIII - XIX аз ҷониби муаррихон ва маъхазшиносон таҳқиқотҳои зиёде рӯйи кор омадаанд, аммо то ҳол дар ягон таҳқиқот ба мавзуи мавриди назар, аз ҷумла масъалаи вазъи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоии тоҷикон таваҷҷуҳи хоса зоҳир нагаштааст. Бинобар ин, аз ҷониби унвонҷӯ асари «Таърихи Шоҳрухӣ» -и Мулло Ниёз Хӯқандӣ ва таърихи халқи тоҷик дар асрҳои XVIII - XIX ҳамаҷониба дар доираи илмӣ таҳлилу таҳқиқ гардид.

- Мулло Ниёз Муҳаммади Хӯқандӣ ҳамчун шоҳиди бевоситаи воқеаҳои таърихӣ ва таърихнигори дарбори давраи ҳукмронии Худоёрхон бо асари «Таърихи Шоҳрухӣ», ки дар баробари сарчашмаи таърихӣ маҳсуб ёфтан, ҳамчунин дар омӯзиши ҷуғрофияи таърихии сарзамини Осиёи Миёна аҳаммияти арзишманд дорад. Дар асар оид ба шароити табиӣ ва мавқеи таърихию ҷуғрофии хонигарии Хӯқанд, аз ҷумла Фарғона маълумотҳои муҳим оварда шудааст, ки дар рисолаи илмӣ барои баррасии комил имконият фароҳам оварда шуд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дошта, натиҷаю хулосаҳои он метавонанд бо мақсади густариши таҳқиқоти илмӣ аз сӯи магистрантон, унвонҷӯён, аспирантон ва дигар алоқамандони соҳа ва таърихнигорӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Инчунин, муҳтаво ва мазмуни ин рисоларо метавон зимни таҳияи осори таърихӣ перомуни халқи тоҷик дар нимаи дуюм қарни

XVIII ва нимаи аввали қарни XIX мавриди истифода қарор дод. Ҳамчунин зимни хондани курсҳои махсус роҷеъ ба ин мақтаи замонии таърихи халқи тоҷиқ аз ин сарчашмаҳо мавриди истифода қарор дод.

Дар шароити имрӯза, ки дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя тарҷума ва нашри тамоми сарчашмаҳо ва асарҳои асримиёнагӣ бо суръати баланд ҷараён дорад, таваҷҷуҳ ба омӯзиши онҳо афзоиш ёфтааст. Дар ин замина, мавриди баррасӣ қарор гирифтани ин асар моро водор сохт, то ҷанбаҳои гуногуни онро таҳқиқ намуда, ба таърихи яке аз давраҳои муҳими халқи тоҷик ва сарзаминҳои тоҷикнишин дар даврони нав аз нав рӯшанӣ андозем. Зеро ҳудуди вилояти имрӯзаи Суғд дар солҳои 1709–1876 дар ҳайати хонии Хӯқанд қарор дошт.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** (интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия). Ғояҳо, муқаррарот, натиҷаҳои назариявии асосӣ ва пешниҳодот ва тавсияҳои амалӣ доир ба диссертатсия, хулосаю навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои ҷанбаи амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд. Банд ва нуктаҳои асосии рисолаи мазкур дар бархе аз интишороти муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи унвонҷӯ Латифзода Насиба Мирзоёқуб дар мавзуи «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ ба унвони манбаи таърихӣ зимни омӯзиши таърихи халқи тоҷик, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ҳамчун кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки:

- диссертант перомуни ин асар маводи зиёдеро мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосае омадааст, ки асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ дар омӯзиши таърихи хонигарии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII

ва нимаи аввали қарни XIX ба унвони манбаи муҳимми илмӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик хеле муҳим мебошад;

- муаллифи диссертатсия бо ковишҳои илмӣ дар конференсияҳои сатҳи гуногун бо маърузаҳои илмӣ баромад кардааст;

- муаллифи диссертатсия пас омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи адабиёт ва сарчашмаҳои илмӣ роҷеъ ба мавзуи мавриди назар андешаҳои худро дар шакли рисолаи илмӣ таҳия намудааст, ки аксаран ин кӯшишҳо ба таври мустақилона сурат гирифтаанд;

- саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар ҳамаи банду бобҳои он баръало ба назар мерасад ва инро дар нигориши хоси муаллиф эҳсос кардан мумкин аст, ки тарзи баёни муаллиф то андозае оҳанги насри ҳамонвақтаро дорад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Доир ба мавзуи диссертатсия, то имрӯз 9 мақола, аз ҷумла 3 мақолаи дар маҷаллаҳои дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сабтгардида, чоп шудаанд. Инчунин, дар доираи ин рисола унвонҷӯ дар конференсияҳои мухталиф бо маърузаҳои илмӣ баромад намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо бо иловаи руйхати бойгониҳо ва адабиёти илмӣ иборат буда, матни он дар 170 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ шуда, аз 6 ҷадвалҳои алоҳида иборат аст.

# БОБИ I. ТАЪРИХИ ТАЪЛИФИ АСАРИ «ТАЪРИХИ ШОҲРУХӢ» - И МУЛЛОНИЁЗИ ХӮҚАНДӢ

## 1.1. Мазмун ва муҳтавои асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик

Инсон дар ҳар давру замон дар фаъолияти фикрии хеш ба осори таърихӣ дар шакли фарҳанги моддӣ ва маънавӣ такя намуда, ва маҳсули он дар марҳилаҳои гуногуни таърих пайдо гардида, маълумоти боэътимодро дар бораи вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии одамон дар бар мегиранд. Манбаъҳои хаттӣ дар омӯзиши мероси таърихӣ ва фарҳангии тамоми ҷомеаи инсонӣ нақши муҳим доранд ва масъалаҳои гуногуни таърихи қадим, асримиёнагӣ ва муосири халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла халқи тоҷикро инъикос мекунанд. Онҳо аз ҷумлаи арзишмандтарин ва муҳимтарин захираҳо барои умумӣ ва муайян кардани нақш ва мавқеи мардум дар раванди таърихӣ мебошанд.

Омӯзиши яке аз манбаъҳои асосии таърихи хонии Хӯқанд, «Таърихи Шоҳрух» - и Мулло Ниёз Муҳаммад Хуқандӣ (асри XIX), ки бо номи «Ибрат-ул-ҳавокин» («Насиҳат барои ҳокимон») низ маъруф аст, таърихи омӯзиши яке аз манбаъҳои асосии таърихи хонии Хӯқанд аст. Қайд карда мешавад, ки ин солномаи таърихӣ маълумоти муфассалро дар бораи забти Осиёи Марказӣ аз ҷониби Русияи подшоҳӣ медиҳад, ки дар дигар рисолаҳои таърихӣ вуҷуд надорад. Таърихи омӯзиши асари Мулло Ниёз ба ду давра тақсим мешавад: давраи аввал, бо кашфи нусхаҳои аввалини асар оғоз ёфта, то солҳои 1930 идома меёбад. Ин давра бо муносибати нисбатан шубҳанок нисбат ба солномаи мавриди назар тавсиф мешавад. Дар давраи дуюми омӯзиши «Таърихи Шоҳрух», тағйироти куллӣ дар муносибат ба китоб, бахусус, дар арзёбии аҳаммияти таърихӣ ва илмии он ба амал омаданд. Дар давраи таҳқиқот маълум гардид, ки асар дорои маълумоти беназир дар бораи минтақаҳои Осиёи Марказӣ, ки тоҷикон дар он зиндагӣ мекунанд ва ҳамчунин нақши онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва низомии хонӣ баён гардидааст.

Дар пешрафту тараққиёти таърихнигории марҳилаҳои гуногуни таърих омӯзишу таҳқиқи асарҳои арзишманди намояндагони барҷастаи халқу миллат мақоми хоса дошта, онҳо барои эҳёи таърих ва тамаддуни тоҷикон манбаи муҳим маҳсуб меёбанд. Асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ низ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки барои Муллониёзи Хӯқандӣ инъикоси воқеият маҳз ҳадафи асосии эҷодӣ маҳсуб мешавад.

«Бояд қайд кард, ки муҳимтарин рӯйдодҳо дар таърихи халқи тоҷик дар охири асрҳои миёна ва аввали давраҳои муосир дар қаламрави ду давлати Осиёи Марказӣ - Аморати Бухоро ва Хонигии Хӯқанд рух додаанд: «Дар нимаи аввали асри XIX, дар давраи ҳукмронии сулолаи Манҷур дар Осиёи Марказӣ, асарҳои муҳими таърихӣ дар бораи ин сулола дар Бухоро ва дар бораи сулолаи Минг дар Хӯқанд навишта шудаанд. Қаламрави вилояти Суғди имрӯзаи Тоҷикистон (ба истисноиболооби дарёи Зарафшон) беш аз як аср ва ним (1709-1876) қисми Хонгии Хӯқанд буд»[8-М,62].

Дар ин давра, ки: «замони эҷоди муҳимтарин манбаъҳои хаттӣ мебошад, ки барои инъикоси ин давраи тӯлонии таърихи халқи тоҷик хеле арзишманд ҳисобида мешаванд». Дар баробари ҳукмронии сулолаи Минг, дар Хӯқанд асарҳои таърихии воқеӣ дар бораи сулолаи Минг навишта шудаанд, ки дар замони муосир барои омӯзиши вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми тоҷик дар асрҳои XVIII-XIX арзиши бузург доранд ва манбаъҳои муҳими таърихӣ маҳсуб меёбанд»[8-М, с.62].

Муллониёзи Хӯқандӣ сарфи назар аз мушкилоти замонаш кӯшиш ба харҷ додааст, ки ҳодисаву воқеаҳои замони хешро ба таври воқебинона дар асари хеш инъикос намояд. Баррасӣ ва мутолиаи ин асар ва муқоисаи он бо дигар маъхазу сарчашмаҳо роҷеъ дар ҳамин давраи зикршуда, яъне нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX, ин суханони моро собит мекунад, ки дар ҳақиқат, муаллиф Муллониёзи Хӯқандӣ нисбат ба кори хеш бо ҷиддият муносибат намуда, талош бар он намудааст, ки ҳаводисро ҳамон тарве ки ҳаст инъикос намояд. Ӯ ҳамчун солноманависи бузурги давраи ҳукмронии Умархон дар вазифаҳои гуногуни ҳарбӣ кор кардааст.

«Таърихи Шоҳрухӣ» таърихи хонии Қӯқандро аз оғози асри XVIII то ибтидои солҳои 1870 фаро гирифта, қариб тамоми давраи мавҷудияти онро инъикос мекунад. Пас аз муқаддима, дар асар ривояти Олтунбешик оид ба пайдоиши хонаводаи Минг оварда мешавад. Таърихи хонигарӣ бо ба сари қудрат омадани Шоҳрухбӣ дар соли 1709 оғоз меёбад; ӯ ҳамчун асосгузори сулола шинохта шуда, номи асар – «Таърихи Шоҳрухӣ» – низ ба ҳамин шахсият иртибот дорад. Дар бобҳои минбаъда давраи ҳукмронии хонҳои Хӯқанд, ки бо зудӣ иваз мешуданд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳодисаҳои марбут ба ворисони Шоҳрух ба таври мухтасар баён гардидаанд. Аз тавсифи шӯриши Ҳоҷибек, ки дар солҳои охири ҳукмронии Нарбутахон сар задааст, сар карда, воқеаҳои таърихӣ нисбатан муфассал инъикос ёфтаанд. Боби марбут ба ҳукмронии Олимхон аз ҷиҳати ҳаҷм нисбат ба дигар бахшҳои асар васеътар буда, маводи зиёди таърихиро дар бар мегирад. Муллониёзи Хӯқандӣ ба вазъи сиёсии замони худ ва вазъи иҷтимоии мардум баҳои саҳеҳ медиҳад ва воқеаҳои рухдодаи таърихии то соли 1872 - ро, ки худи ӯ шоҳиди онҳо буд, тасвир намудааст.

Омӯзиши ин асар нишон дод, ки ҳаводиси ин мақтаи замонӣ ӯро ба худ ҷалб намудааст ва дар ин росто, ӯ андешаҳои хешро оид ба ин давра, яъне воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX ва, ба вижа, мавридҳои зерин ба қалам додааст:

- Дар баёни умуроти хавонини мулки Фарғона ва бинои Дору-с-салтанаи Хӯқанд ва муддати даври салтанат ва интизоми таворихи онҳо бар сабили иҷмол дар риштаи китобат дароварда, ба мадоеҳу ба қасоид дар силки авроқ мунсалик гардонида, адо намуда шуд;
- Дар баёни воқеоти ибтидои салтанати Шоҳруххон, ки сабаби ороиши тоҷи шоҳӣ ва боиси ҷамъияти мулку ободӣ ва барпо намудани васвасаву дабдабаи шаҳриёрӣ ва тарҳ андохтани бинои шаҳру қасри олӣ ва расидани насаби он ба Бобурхон ибн Умар Шайх Баҳодур;
- Дар баёни воқеоти Абдурраҳимхон Қирон, ки писари аршади Шаҳруххон аст ва лақаби ӯ Қирон буд, аксари билодро фатҳ намуд ва Самарқандро низ

фатҳ намуда, Олимбек ва Элнаъҳий, ки волии Шаҳрисабз буд, духтари ӯро дар ҳаболаи никоҳи худ дароварда;

- Воқеоти салтанати Абдулкаримхон, ки писари авсати Шаҳруххон аст, баъд аз бародари аршад, ки Раҳимхон аст, бар ҷойи ӯ қарор ёфт;

- Вафоти Сулаймон ибни Шодихон ибни Шаҳруххон, ки яке аз хурдтарин писарони ӯ буд;

- Дар баёни навбати салтанати Норбутахон ибни Абдурраҳмонхон ибни Абдулкаримхон, ки дар синни чаҳордаҳсолагӣ зебандагӣ ёфт, тоҷи шоҳӣ аз сари он;

- Дар баёни ҷулуси салтанати Олимхони соҳибқирон ва воқеоти он;

- Дар баёни воқеоти даври салтанати Умархон ибни Норбутахон, ки ба фурӯғбахшии офтоби адл ба шабистони мамлакатро ба масобеҳи ариат ба зудудани зулмату зулми бидъатро;

- Воқеоти мутавассили ҷулуси салтанати Муҳаммад Алихон ибни Умархон;

- Ҳазрати эшони Соҳибзода видоъ намудан ба аҳли Макка ва гусел кардани онҳо;

- Таърихи зиёрати равзаи мунаввараи ҳазрати рисолатпаноҳӣ сала-л-лоҳу алайҳи ва саллам намудани ҳазрати Соҳибро мулло Ниёзмуҳаммад ба тариқи қасида дар риштаи назм кашида, дар силки китобат даровoарда;

- Таърихи ҳаҷҷи дуввуми эшони Соҳибзодаро;

- Ҷулуси салатанати Шералихон дар авранги Муҳаммадалихон ва дубора муҳосира намудани амири Бухоро ба найи мақсуд бозгаштан ва бар муомилоти зишти худ хиҷолат кашидани он;

- Таърихи қалъаю хандақи Хӯқанд, ки Шералихон дар соли аввал, ки ба ҷулуси шарофатқаринаш авранги обову аҷдодро мушарраф сохта, барпо намуд, мулло Ниёзмуҳаммад валади мулло Ашурмуҳаммад, ки яке аз деринагони ин остони маъдалатпосбон буд, инчунин ёфта, дар силки китобат даровaрда;

- Таърихи аввали соли ҷулуси Худоёрхон бар таҳти салтанати шаҳриёрию бар маснади иззату ба рахти бахтиёрӣ ва бар фарози авранги фармонравоӣ ва

ҷавҳарии теғи номдорӣ ва чобуксавори арсаи шаҳсаварии «сурайёмаконӣ ва фаррухзамониро» инъикос кардааст.

Муаллифи асари дар боло қайд гардида, дар асар бевосита мушоҳидаҳои худро аз ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Хонигарии Хӯқанд сабт кардааст. Аз ин ҷост, яъне асари «Таърихи Шоҳрухӣ» сазовор ва лоиқи арзиши вижаи илмию амалӣ мебошад. Асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ таърихи Хонигарии Хӯқанд (1709-1810) инъикос карда, воқеаҳои то соли 70-уми асри XIX-ро дар бар мегирад. «Таърихи Шоҳрухӣ» дар дохили дастнависи «Таворихи Шохрухия» [74] дар сарсухани баъзе нусхаҳо «Таърихи Саидмуҳаммад Худоёрхон» номида шудааст. Китоб ба забони тоҷикӣ ва хатти арабиасос (форсӣ) навишта шуда, бисёр шеърҳои тоҷикӣ ва ӯзбекиро дар бар гирифтааст.

Чӣ хеле дар муқаддимаи рисолаи илмӣ қайд гардид, китоби «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ, тарҷумаи ин асар ба ҳарфи кирилӣ бо номи «Мулла Нияз Мухаммад «Таърихи Шохрухи» (Шахрухова история) аз ҷониби Н. Пантусов дар Қазон соли 1885 ба табъ расидааст. Н. Пантусов ҳангоми тарҷумаи матни «Таърихи Шоҳрухӣ» аз форсӣ ба алифбои кириллӣ, ба осори бунёдии замони баррасишаванда такя кардааст, ки ҳангоми таҳлилу баррасии асари мазкур дар бораи вазъи сиёсии халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла халқи тоҷик маълумоти мушаххас гирифтан мумкин аст.

Таҳлили мазмун ва мундариҷаи асар нишон медиҳад, ки дар он чунин масъалаҳои таърихи ватанӣ инъикос гардидаанд:

- таърихи воқеаҳои сиёсии Хонигарии Хӯқанд;
- таърихи идоракунии хонҳои Хонигарии Хӯқанд (аз Шоҳруххон то Худоёрхон);
- масъалаҳои таърихи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои дипломатии Хӯқанд бо дигар давлатҳо;
- лаҳзаҳо аз таърихи музофоти Хонигарии Хӯқанд.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки оид ба таърихи хонигарии Хӯқанд чандин сарчашмаҳои таърихӣ, аз қабили «Мунтахаб-ут-таворих», асари Мулло Олим

Махдумхоҷаи Тошкандӣ «Таърихи Туркистон» сарчашмаҳои таърихӣ ҳастанд, ки дар ин қатор «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ низ ҷойгоҳи шоистаи худро дорад. Ин асар чӣ хеле ки аз навиштаи худи муаллиф бармеояд, онро « …ба фармоиши қаҳрамони замон ва хоқони доварон Худоёрхон…» [5] китобат намуда будааст.

Воқеан, дар китоби мазкур ҳаводиси нимаи дуюми қарни XVIII ва аввали қарни XIX гирд оварда шудаанд. Ҳамзамон, аз асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ пажӯҳишгарони замонааш, ба монанди муаллифи ёддоштҳои «Мунтахаб-ут-таворих» Муҳаммадҳакимхон истифода бурдааст. Ба ақидаи ӯ, баъзе воқеаҳо аз ҷониби Муллониёзи Хӯқандӣ нодуруст нишон дода шуда бошанд ҳам, дар асар маълумотҳои нодире мавҷуданд, ки дар дигар маъхазҳои таърихӣ дучор намешаванд. Махсусан, воқеаҳое, ки худи муаллиф шоҳиди онҳо буд, хеле шавқовар тасвир шудааст.

Қобили тазаккур аст, ки соли 1885 «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ аз ҷониби Н. Н. Пантусов таҳти унвони «Тарихи Шахрухӣ» («Шахрухова история») дар матбааи Қазон ба нашр расонида шудааст. Ҳамзамон, Бейсембиев Т. К. рисолаи илмиро таҳти унвони «Тарихи Шахрухӣ» как исторический источник» омода намуда, матни факсимилии ин сарчашмаро бо муқаддима, луғат ва ҷадвали мундариҷаи эзоҳшуда омода ва чоп кард[2].

Гуфтан ҷойиз аст, ки «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ асарест, ки дар рушди таърихнигории Хӯқанд мусодиат карда, дар садсолаҳои охири мавҷудияти Хонигарии Хӯқанд, дар баробари асарҳои дигари таърихнигории Хӯқанд, дар давраи ибтидоӣ: «Умарнома» - и Абдулкарим Намангонӣ, «Шоҳномаи Умархонӣ» - и Мирзо Қаландари Исфарагӣ ва «Мунтаҳаб- ут-таворих» -и Муҳаммад Ҳакимхон Тӯра ва ғайра дар жанри анъанавии адабиёти таърихӣ иншо шудааст.

Аз ин лиҳоз, «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ ба гурӯҳи асарҳои Хӯқанд дохил мешавад, ки ба баландшавии обрӯю иззати Худоёрхон мусоидат кардааст. Инчунин, гурӯҳи асарҳоеро, ки нуфузи Худоёрхонро бардоштаанд, ба ду давра ҷудо кардан мумкин аст. Аввал, осори нисбатан

барвақт оид ба давраи аввали ҳукмронии Худаёрхон, ки дар солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-уми асри XIX офарида шудаанд, дохил мешаванд. Ба монанди «Ҷангнома-и Худоёрхонӣ» - и Мулло Шамсӣ, «Зафарномаи Худоёрхонӣ» - и Абдуғафур ва «Таърихи Худоёрхон» -и Исматӣ. Дуюм, «Туҳфат -ат -таворих- ва хонӣ» -и Авазмуҳаммад Аттор, «Маснавӣ» - и Муқим Васфӣ ва ғайра, ки дар охири солҳои 60-уми миёнаҳои солҳои 70-уми асри XIX навишта шудаанд, ки ба осори пештараи таърихнигорӣ ва самти «Худоёрпарастӣ» -и Хонигарии Хӯқанд такя мекарданд. Дар ин давра, маҳз аз ҷониби муаллифи «Туҳфат-ат-таворихи Хонӣ» ва « Маснавӣ» -и Муқими Васфӣ таърихи Хонигарии Хӯқанд иншо гардида буд, ки дар он Худоёрхонро ситоиш карданд.

Муаллифи асари таърихӣ «Таърихи ҷадидияи Тошканд» Муҳаммад-Солеҳҳоҷии Тошкандӣ, ки онро соли 1887 таълиф намудааст, роҷеъ ба Хонигарии Хӯқанд дар ин асар маълумотҳо низ ҷойгузин кардааст. Муҳаммад-Солеҳҳоҷӣ Тошкандӣ «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандиро яке аз сарчашмаҳои эҷодиёти худ зикр намуда, ба он ишора мекунад ва мегӯяд, ки дар «Таърихи Шоҳрухӣ»: «маълумоти бешумор дар бораи воқеа ва ҳодисаҳои рӯзҳои гузашта (таърихи нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX» ) мавҷуд аст» [8-М, с.62].

Чӣ хеле дар боло қайд гардид, «Таърихи Шохрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ таърихи давлати Хонигарии Хӯқандро аз ибтидои асри XVIII то ибтидои солҳои 70-уми асри XIX, яъне қариб тамоми давраи мавҷудияти онро дар бар мегирад. Доираи ҷуғрофии ҳодисаҳо водии Фарғонаро низ дар бар мегирад.

«Муаллифи асар Мулло Ниёз Муҳаммад Хуқандӣ таърихи хонигарии Хуқандро аз ибтидои асри XVIII то ибтидои солҳои 70-уми асри XIX, яъне ҳамаи давраҳои маҷудияти хонигариро инъикос намудааст. Ҳудуди ҷуғрофии сарчашмаи мазкур минтақаи водии Фарғона; мулкҳои Тошкент, Ҷиззак, Самарқанд; Қазоқистони ҷанубӣ; Тоҷикистон; Қирғизистон; Туркистони

Шарқӣ; чанд мулкҳои Шарқи Миёна, аз ҷумла Афғонистони Шимолӣ, Кашмирро дарбар мегирад» [1-М, с.24].

«Таърихи Шохрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ: «солҳои 1871-1872 бо сабки хеле мураккаби форсии Осиёи Миёна (дар матн порчаҳо низ ба забони туркии Осиёи Миёна) бо фармони Худоёрхон навишта шудааст»[12]. Оид ба сабабҳои таълифи ин асар Муллониёзи Хӯқандӣ нақл мекунад, ки ӯ «хизматгори куҳансол» -и дарбори Хӯқанд, чун медонист, ки асарҳои зиёде, аз ҷумла «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ таълиф шуда, шуҳрати шоҳони Эрони қадимро паҳн намудаанд, гарчанде ки онҳо эътиқоди дигар доштанд, инчунин дар бораи «Шоҳҳои ҳафт иқлим» бо нияти нек, пур аз хидмати ҷидду ҷаҳд ба дарбори худ тасмим гирифт, ки дар бораи кору бори хонон – ҳокимони Фарғона қиссаҳоро гирд оварад, то шуҳрат ва овозаи нек паҳн шавад. Дар бораи онҳо ва, махсусан, дар бораи Худоёрхон, ки сабаби ороишу ваҳдат ва оромии ин мулк гардида буд, иншо намояд.

Аз ин рӯ, ба гуфтаи муаллиф, асар бо ҳадафи тараннум ва баланд бардоштани сулолаи хони Хӯқанд навишта шудааст. Чунончӣ, дар боби « Дар баёни умуроти хавонини мулки Фарғона ва бинои Дору-с-салтанаи Қуқанд ва муддати даври салтанат ва интизоми таворихи онҳо бар сабили иҷмол дар риштаи китобат дароварда, ба мадоеҳу ба қасоид дар силки авроқ мунсалик гардонида, адо намуда шуд» -и «Таърихи Шохрухӣ» муаллиф қайд кардааст, ки бинобар ин, ин ноқиси қалилу-л-идрок ба сайъи ҷуръат, ба ҷуръати ҳиммат аҳволоту ахбороти салотини ин мулки фараҳободро ва он чи ҳаводисоте, ки дар замони онҳо ба вуқуъ анҷомида ва он чӣ, бахусус, аз замони Норбутахон то ба ин дам, ки замони майманатосори Худоёрхон аст. Дар ин муддати ҳафтоду чаҳор сол, алҳол ба таърихи ҳиҷрӣ санаи ҳазору ду саду ҳаштоду ҳашт аст, ин каминаи ба чашм зоҳиру ба гӯши ҳозир дидаю шунида ва қасаси онҳоро ба сафҳаи авроқ дар силки китобат мунсалик гардонид ва он чи замони нифоқу анфоқро дидаю мушоҳида карда ва таҷриба ҳосил намудам, ки оқибат шомати нифоқи мулкро дар таҳти сумми самандони адувон андохта, обрӯи чандинсолаи мамолик ба хоки тира яксон хоҳад кардан ва ин муҷалладро ба фармоиши

қаҳрамони замон ва хоқони даварон Худоёрхон мадда заллаҳу ва салтанатаҳу аз барои ибрати ояндагони аҳли замон мақолоти салотини мозӣ ва ҳолро дар риштаи китобат кашида, дар қайди ҷилд муқаййад сохтам, ки дар ҳар маҷолису маҳофил қайди ҷилдро кушода, авсофи хавонини ин мулкро, хусусан, авсофи Худоёрхони волосифатро, ки сабаби зиннату ороиш ва боиси ҷамъияту осоиши ин мулк гардида, хондаю шунида, ба дуо ёдоварӣ намоянд, индаллоҳа аҷран азим ҳосил хоҳад гардидан. Ва-л-илм индаллоҳ.

Аз ин навиштаҳои муаллифи асар маълум мегардад, ки Ниёзмуҳаммад худро ҳамчун ташаббускори асосии таълифи «Таърихи Шоҳрухӣ» меҳисобад. Н. Н. Пантусов оид ба ин масъала чунин арз мекунад. Таърихи Шоҳрухӣ» нусхаи аз нав кор карда баромадаи асари дигари худи муаллиф мебошад, ки пештар аз нуқтаи назари объективона иншо гардида буд. Сухани ҳақиқии муаллифи ин китоб, ки ба ҳизби душмани Худоёрхон тааллуқ дошт, ба истибдоти Хӯқанд писанд наомад. Ҳамин ки аз наздиконаш дар бораи аз тарафи Муллониёз офаридани ин гуна асар шунид, талаб кард ва амр дод, ки онро аз нав созанд.

Бо назардошти он ки Худоёрхон сеюм ва охирин бор соли 1865 тахти Хӯқандро ишғол кардааст, метавон тахмин кард, ки Ниёзмуҳаммад дар солҳои 1865-1871 дар ислоҳи матни аслӣ кор кардааст. Дар асоси далелҳои зиндагиномаи ӯ, шароити таълиф ва мазмуни қисми охири ин асар ба солҳои 1865-1871 рост меояд ва қариб дар ҳамаи ҳолатҳое, ки ба ҳодисаҳои ҳаёти шаҳру саройи Хӯқанд бахшида шудаанд, ба хулосае омадан мумкин аст, ки «Таърихи Шоҳрухӣ» дар Хӯқанд навишта шудааст» .

«Дар яке аз нусхаҳои асар» [6] дар бораи воқеаҳои солҳои 1873-1874, яъне «сохтмони мадрасаҳои Худоёрхон дар Чуст ва Намангон иловаи хурде оварда шудааст» [6]. Эҳтимол меравад, ки Худоёрхон бо «Таърихи Шоҳрухӣ» ошно шуда, ба муаллиф амр фармудааст, ки асари аз нав дида баромадашударо муҷаддадан таҳрир намуда, баъзе порчаҳои номатлубро аз байн бурда, ба он тобиши бештаре барои хон ва атрофиёнаш бахшад.

Муаллифи асари мазкур дар муқаддима навиштааст, ки дар китоби худ дар бораи ҳокимони кишвари худ ва ҳаводиси замони онҳо, бахусус, дар 74 соли охир (яъне, аз солҳои 1799 то 1871) дар бораи чизҳои дидаву шунидааш маълумот гирд овардааст. Инак, «Таърихи Шоҳрухӣ» аз таассуроти муаллиф ва ҳикояҳои ҳамзамонон асос ёфтааст. Касби ҳарбии Ниёзмуҳаммад ва наздикони ӯ дар ин асар таҷассум ёфтааст: дар он як қатор манзараҳои ҷанг бо огоҳии корҳои ҳарбӣ, масалан, муҳорибаи Гурумсарой (тақрибан 1803), муҳосираи Манчу-Хитой, қалъаҳои вилояти Кошғар (1826 - 1830), ҷанги Билкиллама (1852) тасвир шудааст. Баъзан ҳикоят аз номи муаллиф баён гардида, дар ин асар далелҳои муайян аз гуфтори ровиён мувофиқи суннати шифоҳие, ки дар он замон вуҷуд дошт, оварда шудаанд. Ҳамин тариқ, маълумот дар бораи аввалин ҳокими Хӯқанд «Шоҳрух (ибтидои асри XVIII) аз рӯйи баъзе қиссаҳо ва суханони пирони ӯзбек ва коршиносон сабт шудааст. «Тибқи маълумоти шифоҳӣ ибораи «хирс» кай мурд?- истифода шудааст, ки марги Хон Шоҳрух» [69] - ро ифода мекард.

«Таърихи Шоҳрухӣ» дар бораи сарчашмаҳои хаттии истифодашуда чизе намегӯяд. Зиёда аз ин, Ниёзмуҳаммад ҳатто мегӯяд, ки то ӯ « дар бораи шоҳони Фарғона касе афсона нанавишта буд ва дар бораи онҳо ҳикоят нашунида буд» [1-М, с. 23-24]. Равшан аст, ки муаллифи «Таърихи Шоҳрухӣ» бо чунин изҳороти қатъӣ кӯшиш мекард, ки аҳаммияти асари худро дар назди Хон баланд бардорад.

Н. Н. Пантусов иттилоъ медиҳад, ки нусхаи таҳрири «Таърихи Шоҳрухӣ» : «бо тағйироти муаллиф мусодира шудааст, ки дар китобхонаи қасри Худоёрхон нигоҳ дошта мешуд. Тахмин кардан мумкин аст, ки нусхаи асари мазкур, ҳангоми ғоратгарии қасри хон аз ҷониби қипчоқҳо ва сокинони Хӯқанд аз тарафи касе duздида шудааст; осоре аз макони будубоши ӯ ошкор нашудааст» [78]. Нусхаи мазкур дар куҷост, ҳоло маълум нест. Аз дастнависҳо ҳашт номгӯи «Таърихи Шоҳрухӣ» - и нашрҳои гуногун, як порча, як варианти ин асар ба туркии Осиёи Миёна ва як тарҷума ба як забон маълум аст. Ҳаҷми умумии дастнависҳои номбаршуда, ба истиснои рӯйхати гумшудаи «Таърихи

Шоҳрухӣ» (ҳаҷми онҳо маълум нест) аз коллексияи шахсии шаҳри Андиҷон зиёда аз ду ҳазор варақ аст.

Тибқи маълумоти Бейсембиев Т. К. дар зер тавсифи мухтасари ҳар як рӯйхати «Таърихи Шоҳрухӣ» оварда шудааст:

1. Рӯйхат дар китобхонаи давлатии ба номи. М Е Салтиков-Шедрин дар Ленинград бо коди ПНС 174, 262 варақаи тоза дорад. Он ба яке аз тасвирҳои Н. Н. Пантусов монанд буда, автограф ба ҳисоб меравад.

2. Рӯйхат дар китобхонаи Донишгоҳи Қазон нигоҳ дошта мешавад: (код - Готвалд 39) ва шумораи 303 саҳифа, нусхаи нашри чопии сензураи «Таърихи Шоҳрухӣ» . Ин нусха аз автограф иборат аст (РНС 174). Дар аввали руйхат чунин навишта шудааст: «Ба сензура 21 августи соли 1878 иҷозат дода шудааст» .

3. Рӯйхати № 1787 IV Академияи фанҳои РСС Ӯзбекистон 252 варакро дар бар мегирад ва соли 1877 аз нав навишта шудааст. Тамаркузи он аз автограф фарқ мекунад.

4. Рӯйхати С 468 ЛО ИВ АН СССР 337 варақ дорад (матн ҷойгир карда шудааст, варақаҳои 86-329а, варақаҳои боқимонда холӣ мебошанд) ва соли 1873 тартиб дода шудаанд. Дар охир маълумот дар бораи воқеаҳои ин сол. Ин рӯйхат ва ПНС 174 бо ҳамон хат навишта шудаанд, яъне якум низ автограф аст. Ҳикояҳо дар бораи марги Шоҳруххон вуҷуд надоранд.

5. Рӯйхати С 467 ЛО ИВ АН СССР 192 саҳифа дорад. Матн мавҷуд аст. Дар варақаҳои 86-181а, варақаҳои боқимонда холӣ мебошанд ва нусхаи кӯтоҳшудаи «Таърихи Шоҳрухӣ» мебошад. Санаи мукотиба муайян карда нашудааст. Он соли 1887 аз Н. Н. Пантусов ба фонди дастхатҳо ворид шудааст. Аз рӯйи мазмуни қисми хотимавӣ ҳикоя дар бораи корҳои сохтмонии Худоёрхон дар қаландархона ба яке аз нусхаҳои пайдошуда ва тавсифшуда мувофиқат мекунад.

6. Рӯйхати No 942 китобхонаи Университети давлатии Ленинград 162 саҳифаро дар бар мегирад (матн дар варақаҳои 96-162а ҷойгир шудааст, боқимонда холӣ аст). Ин матни мухтасари «Таърихи Шоҳрухӣ» мебошад.

Тақрибан аз нав навишта шудааст (1875). Ин рӯйхат низ ба нашри аввал бармегардад: дар он, дар бораи марги Шоҳрух ҳикоят мавҷуд аст, аммо дар бораи Ҳазрати Соҳиб ва саргузашти муаллиф пас аз ҷанги Чуст ҳикояте нест ва хронологияи баъзе воқеаҳо андаке тағйир дода шудааст.

7. Руйхати С 469 ЛО ИВ АН СССР 163 саҳифа дорад, соли 1885 аз нав навишта шудааст. Нашри мухтасари «Таърихи Шоҳрухӣ» бо ҳамон муноҷоте, ки дар руйхати рақами 942-и китобхонаи Университети давлатии Ленинград мавҷуд аст, ба охир мерасад. Ҳардуи ин рӯйхатҳо бо мавҷуд будани маълумоте, ки дар ПСН 174 нест, фарқ мекунанд, масалан, хабаре, ки ду ҳазор нафар пеш аз суқути қудрати ӯ дар Тойтеппа аз Хӯқанд гурехтаанд. Ҳамзамон, достоне дар бораи марги Шоҳрух ва як нусхаи кӯтоҳ дар бораи саргузашти муаллиф пас аз ҷанги Чуст, аммо дар бораи Ҳазрати Соҳиб ҳикоят нест. Ҳамин тариқ, С 469, инчунин ба нашри якуми «Таърихи Шоҳрухӣ» (ПСН 174) бармегардад.

8. Дастнависи «Таърихи Шоҳрухӣ», ки ба шахси алоҳида тааллуқ дорад, маълум аст, ки А. З. Валидов онро соли 1913 дар Андиҷон дидааст. Дар он идомаи тавсифи воқеаҳои «то замони мо» (яъне, то ибтидои асри XX), ки Мирзо Ёдгори Ахсикатӣ навишта шудааст, иборат буд. Тақдири он маълум нест.

9. Маводи ёрирасони «Таърихи Шоҳрухӣ», дастнависи миллии Париж мебошад. libraries Supplement persan 2109 « Баяни таварихи хаванини шаҳри Хӯқанд» - «Дар бораи таърихҳо, дар бораи хонҳои шаҳри Хуқон» - иборат аз 7 варақ. Он ҳамчунин ба нашри аввал бармегардад ва эҳтимол соли 1871 таълиф шудааст. Дар он достонҳо дар бораи марги Шоҳрух ва ҳаҷҷи ҳазрати Соҳиб гирд оварда шудаанд. Аз руйхати мазкур маълум мегардад, ки «Таърихи Шоҳрухӣ» ҳамчун асари ғайрирасмии таърихнигории Хӯқанд, ки манфиатҳои рӯҳониён, инчунин табақаҳои миёна ва калони савдо, ҳунармандӣ ва дигар табақаҳои шаҳрии Хонигарии Хӯқандро инъикос мекунад.

10. Дастнависи №2237 Хазинаи дастхатҳои шарқи Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон «Рисолаи таърихи Шоҳрухия» (РТШ), ки нусхаи он аз 80 саҳифа намунаи туркии Осиёи Миёна иборат аст. Санаи

китобат маълум нест. Дастнавис нуқсон дорад: саҳифаҳои аввал бад нигоҳ дошта шудаанд ва матн дар рӯйдодҳои соли 1852 (муқаддима ба ҷанги Билкиламин) ба охир мерасад. Ин намуна аҳаммияти махсус дорад. Аз ҷиҳати сохт ва мазмун аз ҳар ду нашри «Таърихи Шохрухӣ» фарқи калон дорад. Пас аз унвони «бисмиллаҳ» матн фавран бо достоне дар бораи пайдоиши хонҳои Хӯқанд оғоз мешавад. Худоёрхон ва нақши ӯ дар рӯйдодҳои сиёсӣ ба тариқи маҳдуд тасвир шудааст. Ҳамзамон, бисёр маълумоти пурарзише мавҷуд аст, ки дар ҳеҷ як рӯйхати баррасишудаи «Таърихи Шохрухӣ» вонамехӯрад.

11. Дастнависи № 4463 ИВ АН УзССР (ТШТ) моҳи декабри соли 1895 ва аз ду очерк - тарҷумаи «Таърихи Шоҳрухӣ» ба туркии Осиёи Миёна (Л 16-3656) ва очерки «Россия мамлакатининг интихоби таварих» - «Иқтибос аз таърихи давлати Россия» (л. 3666 - 412а). Тарҷумаи «Таърихи Шоҳрухӣ» бо ташаббуси Мулло Эргашбой писари Муҳаммад Юнус сурат гирифтааст. Мингбоши уйғурӣ (ба номи деҳаи Уйғур дар наздикии Чуст ҷойгир шудааст). Дар адабиёт дар бораи ин дастнавис зикр нарафтааст. Тавсифи он дар маҷмуаи бисёрҷилдаи «Маҷмуаи дастхатҳои шарқшиносии Академияи Фанҳои Ӯзбекистон» (СВР) дохил карда нашудааст. Тарҷума айнан буда, бо нигоҳ доштани изофати форсӣ ва сохти номии пешвандӣ зуд-зуд ба назар мерасад ва ба эҳтимоли зиёд дар асоси нашри чопии «Таърихи Шоҳрухӣ» аз ҷониби Н.Н.Пантусов (1885) тартиб дода шудааст. Порчаҳои шеърӣ бе тарҷума мондаанд. Дар баробари ин, матн иловаҳоеро дар бар мегирад, ки дар дигар рӯйхатҳои «Таърихи Шоҳрухӣ» мавҷуд нестанд. Масалан, дар он ҷое ки дар бораи ҷорӣ кардани андози «улав-пулӣ» дар замони Муҳаммад Алихон гуфта мешавад, мутарҷим афзудааст, «то ин андоз кай ситонида шуд ва чаро он бекор карда шуд» [110, 3-7].

Таҳлили руйхатҳои «Таърихи Шоҳрухӣ» нишон медиҳад, ки матни иншои асари мазкур аз тарафи муаллиф ва шахсони номаълум аз таҳрири такрорӣ гузаштааст. Ин кор дар солҳои охирини мавҷудияти Хонигарии Хӯқанд хеле пуршиддат будааст. Таҷдиди «Таърихи Шоҳрухӣ» ба манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ, аз ҷумла аз атрофиёни Хон то доираҳои тасаввуфӣ, инчунин

шумораи зиёди рӯйхатҳо (онҳое, ки гум шудаанд) муборизаи сиёсии Хонигарии Хӯқандро дар солҳои 70-уми асри XIX дар бар мегирад.

Бояд хотирнишон кард, ки таърихи омӯзиши «Таърихи Шоҳрухӣ» аввалин маротиба аз ҷониби Б. В. Лунин оғоз гардида, ба таърихи инкишофи омӯзиши он мусоидат кардааст. Ӯ таърихи кашф, нашр, тарҷума ва омӯзиши асарро ҳамчун сарчашмаи таърихӣ аз ҷониби Н. Н. Пантусов ва В. В. Бартолд дар чорки охири асри XIX низ нишон додааст, ки барои рушди шарқшиносӣ оварда расонд. Н. Н. Пантусов ҳангоми ба чоп тайёр кардани асари мазкур матни онро тағйир медиҳад, ки ин ҳамчун таҳрири имлои «бесавод» -и дастнавис ва ғайра инъикос ёфтааст. Асар соли 1885 дар Қазон, дар матбааи донишгоҳ бо номи «Таърихи Шахрохӣ». Таърихи ҳокимони Фарғона. Асари Мулло Ниёзӣ Муҳаммад бин Ашур Муҳаммад Хӯқандӣ аз тарафи Н. Н. Пантусов нашр гардидааст. Ин нашрия пур аз хатогиҳои гуногун, норасоиҳо ва ғайра аст, аммо он ҳанӯз ҳам барои муҳаққиқон сарчашмаи арзишманд боқӣ мемонад, ки ба аҳаммияти ин нашрия баҳо додан душвор аст.

Ҳангоми таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ маълум гардид, ки қариб дар як вақт бо «Таърихи Шоҳрухӣ» асари В. П. Наливкин бо номи «Қӯқон хонлигининг қисқача тарихи» нашр шуд. Ин асар асосан ба осори таърихнигории Хӯқанд асос ёфтааст ва то имрӯз арзиши ҳақиқии худро гум накардааст. Дар баробари интишори «Таърихи Шоҳрухӣ» қадамҳои аввалин ба тарҷума ё такрори баъзе порчаҳои он ба забони русӣ шуруъ карданд. Дар соли 1898 дар рӯзномаи «Туркестанские ведомости» (№ 13, 14, 35, 37, 40) тарҷумаи В. В. Бартолд бо номи «Туземец о русском завоевании» нашр карда шуд, ки дар бораи дар ибтидои асри XIX аз ҷониби Олимхон фиристодани корвони тиҷорӣ ба Россия тавассути Қазоқистони Ҷанубӣ; забт шудани Масҷид аз ҷониби аскарони рус; ҷанги Узун-Оғоч дар соли 1860; ҳодисаҳои Қазоқистони Ҷанубӣ ва вилояти Тошканд дар солҳои 1861-1865 сухан меравад. Ғайр аз ин, дар охири ин нашрия дар бораи таърихи воқеаҳои солҳои 1866-1871 Хонигарии Хӯқанд маълумоти мухтасар оварда шудааст.

Н. И. Веселовский ба тақризи нашри «Таърихи Шоҳрухӣ» менависад: «То ба наздики мо тасаввур намекардем, ки оид ба таърихи Хонигарии Хӯқанд адабиёти бадеии ватанӣ вуҷуд дорад. Н. Пантусов на танҳо арзиши асари мазкурро нишон додааст, балки барои чопи он хароҷоти молиявии худро дареғ надошта, ба забони тоҷикӣ маълумоти муфассалро ба табъ расонд. Пас аз ёддоштҳои Мирзо Шамс дар густурдатарин матнест, ки дастраси шарқшиносон шудааст» [2].

Тафовут байни иншоҳо Мирзо Шамс ва саргузашти Мулло Ниёз он аст, ки якум, як тоҷири одӣ ба забони умумӣ менавишт, дуюм, ҳамчун мулло, яъне марди ба кадом ҷиҳат донишманду хубхонда натавонистааст, ки ба забони умумӣ асарҳои навро пешкаш кунад» [50,12]. Аммо муайян кардани мақоми забонии осори таърихнигории Хӯқанд ба забони форсӣ, ки аз эронитамаркази забонӣ холӣ аст, пажӯҳишҳои ҷиддии минбаъдаро тақозо мекунад. Гарчанде ки дар ин самт аз ҷониби шарқшиносони шӯравӣ аллакай қадамҳои назаррас гузоштаанд, анҷом дода шудааст. Дар ин ҷо метавон бо ақидаи Н. И. Веселовский розӣ шуд, ки дар забони осори таърихнигории Хӯқанд, инчунин баъзе таърихнигориҳои Осиёи Миёна ва дигари Шарқ эҳёи услуби махсусан мураккаби ороишии форсӣ низ мушоҳида мешавад.

А. А. Семёнов «Таърихи Шоҳрухӣ» - ро аз ҷумлаи осори таърихнигории Хӯқанд ҳисоб мекунад, ки барои омӯзиши Хонигарии Хӯқанд аҳаммияти барҷаста доранд[102]. П. П. Иванов бар ин назар аст, ки Ниёз Муҳаммад дар қиёс бо муаллифони пешинаи Хӯқанд қудрати кофӣ дошта наметавонад, аммо бисёр тафсилоти ҷолиброро хабар медиҳад [34, с.110].

Р. Н. Набиев «Таърихи Шоҳрухӣ»-ро аз ҷумлаи асари ба таърихи Хонигарии Хӯқанд бахшидашуда нишон дода, аҳаммияти бузурги кашфи ин асарро дар инкишофи шарқшиносии рус қайд менамояд: «Мо далелҳоеро медонем, ки вариантҳои гуногуни як асар бо як ном тартиб дода мешуданд, вале бо хости подшоҳ бо сабаби муаррифӣ кардани хислату хизматҳои ӯ дигаргун карда мешуданд» [65, с.91].

Дар соли 1960 тавсифи мухтасари нусхаи туркии «Таърихи Шоҳрухӣ» нашр шуд, ки дар Шуъбаи дастхатҳои Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон №2237 маҳфуз аст[4]. Олими ватанӣ А. Қаюмов менависад. Дар чоряки сеюми асри XIX дар Хӯқанд асарҳои таърихии хеле зиёд ба вуҷуд омаданд... Онҳо ҳаёти сиёсию иҷтимоии Хонигарии Хӯқанд ва ин давраро ба таври кофӣ пурра тавсиф мекунанд. Дар онҳо маълумотҳои таърихии нимаи дуюми асри XIX мавҷуданд, ки бештар аз воқеаҳое иборатанд, ки муаллифони ин китобҳо шоҳиди онҳо буда, дар онҳо иштирок доштанд.

Ҳамин тариқ, дар «Таърихи Шоҳрухӣ» пас аз қисми муқаддима, ривоят дар бораи пайдоиши хонҳои Хӯқанд оварда шудааст. Таърихи онҳо аз омадани Шоҳруххон дар соли 1709 оғоз мешавад. Бевосита ба номи ӯ, ҳамчун асосгузори сулола, «Таърихи Шоҳрухӣ» ё худ номи дигари он « Таворихи Шаҳрухия» ба маънои «Солномаҳои ҳокимони Шоҳрух» ё «Солномаҳои Шоҳрух» маълум аст. Бобҳои асар пайдарпай ба салтанати ҳокимони Хӯқанд бахшида шудаанд. Воқеаҳо дар замони сари қудрат будани аввалин ворисони Шоҳрух, ки қариб ҳамеша унвони «Хон» ба номи онҳо (аз Абдурраҳимхон то Сулаймонхон) гузошта мешуд, ба таври мухтасар тасвир шудааст. Аз достони шӯриши Ҳоҷибой, ки дар солҳои охири ҳукмронии Норбутхон бардошта шуда буд, сар карда, ривоят муфассалтар мешавад.

Ҳамин тавр, боби салтанати Олимхон (1798-1810) аз ҷиҳати ҳаҷм аз тамоми қисмати пештара зиёдтар аст. Дар бораи шароити ба тахт нишастани Олимхон, ташкили лашкари нав, юришҳои таҷовузкоронаи ӯ дар Ӯротеппа ва Ҷиззах, сиёсати ӯ нисбат ба рӯҳониёни Фарғона ва суиқасд ба ҷони ӯ аз ҷониби яке аз сӯфиён нақл мешавад. Сипас, воқеаҳои марбут ба Қурама, Тошканд ва Қазоқистони Ҷанубӣ; дафъ кардани хуҷуми ҳокими Тошканд Юнусхоҷа ба Фарғона; забт намудани Қурама ва Тошканд аз ҷониби Олимхон; юриши аскарони Хӯқанд дар Қазоқистони Ҷанубӣ нишон дода мешавад.

Дар охири боб дар бораи фитна алайҳи хон ва марги ӯ сухан рафта, ҳамдардии самимии муаллифро нисбат ба Олимхон нишон медиҳад. Ба давраи ҳукмронии Умархон (1810-1822/23) бошад, то андозае камтар таваҷҷуҳ

гардидааст. Дар ин ҷо таърихи ҳарбию сиёсии Хонигарии Хӯқанд низ ба таври муфассал таҳлил карда мешавад: юришҳо дар самти ғарб (Ӯротеппа, Ҷиззах ва Самарқанд), истилои шаҳри Туркистон. Воқеаҳоро аксар вақт аз рӯйи солҳои ҳукмронии Умархон муайян мекунанд. Фасли мазкур бо тавсифи марги Умархон, номбар кардани номи муосирони барҷастаи ӯ ва дастурҳо ба Хон Ҳазрати Мавлавии Намангонӣ анҷом меёбад.

Ба давраи ҳукмронии Умархон камтар таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад. Дар ин ҷо низ таърихи низомӣ ва сиёсии хонигарӣ ва фатҳи шаҳри Туркистон муфассалтар баррасӣ мешавад. Боби мазкур бо баёни марги Умархон ба охир мерасад.

Нақл дар бораи солҳои ҳукмронии Муҳаммад Алихон (1823-1842) хеле мухтасар аст. Дараҷаи инъикоси ҳодисаҳои гуногуни ин давра гуногун аст: бештар аз нисфи ҷилд ба тавсифи ҳуҷҷатҳои лашкари Хӯқанд дар Кошғар ва қиссае, ки дар шакли шоирона доир ба ҳаҷ оварда шудааст, рост меояд. Ҳазрати Соҳиб, ки аз Хон ранҷида буд, ба бадарға фиристода шуд. Дар қисми боқимондаи боб ҳаракатҳои расмии ашхос ва номи онҳое, ки аз байни онҳо қатл карда шудаанд, юришҳои ҳарбӣ ва сарзаминҳои нави забтшудаи Хони Хӯқанд оварда шудаанд. Боб бо таърихи шикасти аскарони Хӯқанд дар ҷанг бо амири Бухоро, забт кардани Фарғона, қатл шудани Муҳаммад Алихон, бо қувваи кӯчманчиён ва аҳолии муқими Фарғона барқарор шудани ҳокимияти хонҳои Хӯқанд (ба ҳамроҳ шудани Шералихон) ба охир мерасад. Баёни ҳукмронии Муҳаммадалихон нисбатан кӯтоҳ буда, воқеаҳои давраи ҳукмронии Шералихон дар боби алоҳида муфассал оварда шудаанд. Боби минбаъда ба давраи аввали ҳукмронии Худоёрхон бахшида шудааст. Муборизаи ошкорои байни қипчоқҳо хеле муфассал тасвир шудааст. Ҷанги ҳалкунанда дар Билкиллам махсусан равшан нишон дода шуда, ҳамчунин забти Оқ-Мачет аз ҷониби сарбозони рус инъикос ёфтааст.

Воқеаҳои замони ҳукмронии Шер Алихон (1842-1844) дар боби алоҳида ба таври муфассал баён шудаанд. Аввалан, дар бораи маъракаи зидди Тошканд ва дар он ҷо барқарор гардидани ҳокимияти Хӯқанд хабар дода мешавад. Сипас,

тавачҷуҳ ба муборизаи дохилии сиёсии Фарғона ва барқарор намудани ҳокимияти сарони қипчоқҳои Фарғона нигаронида шудааст. Муносибати муаллиф нисбат ба воқеаҳои таърихӣ, якбора манфӣ таҷассум ёфта, бо вуҷуди он, муваффақиятҳо давраи мазкур, аз ҷумла кӯшиши пахш кардани шӯриши Қипчоқ, ихтилофи байни аъёну ашроф; аз тарафи қипчоқҳо забт шудани Хӯқанд равшан тасвир карда шудаанд. Дар баробари ин, як қатор рӯйхатҳо дар бораи иштироки шахсии муаллифи «Таърихи Шоҳрухӣ» дар ин ҳодисаҳои таърихӣ, аз ҷумла дар бораи ба Хӯқанд рафтани ӯ ва саргузаштҳои пас аз ғалабаи қипчоқҳо дар Чуст хабар дода мешавад. Дар охири ин боб шӯриши зиддиқипчоқӣ дар Хӯқанд; куштори Шералихон, ҳукмронии кӯтоҳмуддати Муродхон; барқарор шудани ҳокимияти Қипчоқ дар пойтахт ва ворид шудани Хӯқанд ба тахти Худоёрхон тасвир гардидааст.

Боби оянда ба давраи ҳукмронии якуми Худоёрхон (1844-1858) бахшида шудааст. Дар асар дар бораи тадбирҳои Мусулмонқул барои мустаҳкам намудани ҳукмронии қипчоқҳо; барқарор намудани ҳокимияти қипчоқҳо дар Тошканду Туркистон ва ҳокимияти ӯ муфассал нақл гардида, ҳодисаҳо пайдарпай пешниҳод карда мешаванд. Ифтитоҳи мубориза байни қипчоқҳо, ки соли 1852 сар шуда буд, бо суиқасди ҳукмронии онҳо анҷом ёфт. Муҳорибаи ҳалкунандаи Билкиллам, махсусан, равшан нишон дода шудааст. Баъдан маълумот дар бораи масҷиди Азяк ва аскарони рус меравад; шӯриши бебароре, ки Маллахон дар Тошканд ташкил карда буд; шӯриши наве, ки аз тарафи ӯ дар Фарғона бардошта шуда буд ва бо дастгирии қирғизҳо ва қипчоқҳо дар Хӯқанд ба ҳокимият омаданаш. « Боби салтанати Маллахон (1858-1862)» [10, 212-229] аз ду ҳикоят дар бораи юриши мардуми Хӯқанд дар Семирече ва муҳорибаи Узун Оғоч (саҳ. 216-220) ва юриши онҳо ба сӯйи Туркистон ба мақсади мусоидат намудан ба пешравии қушунхои рус [15, 220-229] иборат аст. Қисми навбатии «Таърихи Шоҳрухӣ» (саҳ. 230-280) воқеаҳои солҳои 1862-1865-ро дарбар мегирад.

Боби ҳукмронии Маллахон аз ду ҳикоя иборат буда, дар бораи ҳуҷуми қӯқандиҳо ба Ҳафтрӯд ва юриши онҳо ба сӯи Туркистон инъикос гаштааст. Дар

бахши дигари асар рӯйдодҳои солҳои 1862-1863 муфассал баён шудаанд ва марҳилаи навбатии муборизаи Худоёрхон барои қудрат бо қирғизҳо ва қипчоқҳоро тавсиф шудааст. Дар қисмати ниҳоӣ як силсила порчаҳои шеърӣ бо забонҳои форсӣ ва туркӣ, оварда шудаанд, ки дар онҳо Худоёрхон ва оилаи ӯ дар робита бо баъзе рӯйдодҳои Қӯқанд дар солҳои 1866-1871 ситоиш карда мешаванд.

Марҳилаи навбатии муборизаи Худоёрхон бо қирғизҳо барои қудрат; даъвати «хайрхоҳон» ба Тошканд ва ишғол намудани тахти Хӯқанд бо дастгирии амири Бухоро тасвир шудааст. Муаллиф дар бораи тамоми нобасомониҳои замони мазкур, аз ҷумла муборизаи Худоёрхон бо қирғизҳо дар вилояти Андиҷон, Марғилон ва Хӯқанд; дастгирии аскарони бухороӣ ва барқарор намудани ҳокимияти ҳокимони қирғизу қипчоқ бо сардории Алимқул дар Хонигарии Хӯқанд; дар бораи ҳуҷуми қушунҳои рус ва амалиёти ҷавобии Алимқул (муҳорибаи Чимкент, назди Икон, муҳорибаҳо барои Тошкент); марги ӯ ва аз ҷониби аскарони рус забт шудани Тошканд маълумот додааст» [2, с.57]. Дар асоси таҳлили китоби «Таърихи Шахрухи» - как исторический источник» - и Бейсембиев Т. К. маълум мегардад, ки дар қисмати ниҳоии «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ дар бораи сеюмин бор ба ҳокимият омадани Худоёрхон ва ибтикори ӯ дар ин давра дар Фарғона тамоми ҷиноятҳои ҷанг ба хотима мерасад, сухан меравад.

Ҳамзамон, Худоёрхон ва оилаи ӯ дар робита ба баъзе воқеаҳои Хӯқанд дар солҳои 1866-1871 васф карда шуда, ҳамчунин, дар бораи фаъолияти сохтмони Хон дар пойтахт, марги аъзои оилаи ӯ ва далелҳои марбут ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсии пойтахт, аз ҷумла дар бораи халифаи нави тартиби Нақшбандия дар Хӯқанд, маълумот оварда шудааст. Як қатор рӯйхатҳои «Таърихи Шоҳрухӣ» бо тавсифи зиёфати умумӣ дар Хӯқанд ба муносибати хатнасури писари маҳбуби Худоёрхон ба охир мерасад.

Дар ин давра, солноманависӣ, ки ҳаёти дарбор, хонадону ҳукуматдоронро ва ҷамбаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дороро инъикос менамуд, дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар хонигарии Хӯқанд ба

ҳукми анъана даромадааст. Аҳолии баъзе аз минтақаҳои шимолии Тоҷикистони имрӯза, ки як қисми хониро дохил мешуданд, асосан тоҷикон истиқомат мекарданд.

Ҳамин тавр: «бо рушди ҷомеа, шумораи умумии манбаъҳои хаттӣ афзоиш ёфта, баъзе намудҳо нопадид гардиданд. Барои омӯзиши таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон, махсусан, минтақаҳои шимолии Тоҷикистони имрӯза, яке аз манбаъҳои муҳими таърихӣ маҳсуб меёбанд, ки дорои маълумотҳои палеографӣ, фолклорӣ ва таърихӣ-этнографӣ мебошанд» [8-М, с.63].

Хулоса, мазмун ва муҳтавои асари «Таърихи Шоҳрухӣ» -и Муллониёзи Хӯқандӣ аз рӯйи таҳлилу баррасии асари мазкур чунинанд:

- Муллониёзи Хӯқандӣ бо иншои асари худ мехост дар бораи таърихи Хонигарии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX маълумоти дақиқ диҳад;
- Сабабҳои бавуҷудоии ва рушду густариши давраҳои Хонигарии Хӯқандро дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX инъикос намояд;
- иштироки мардуми минтақа, аз ҷумла халқи тоҷикро дар дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Хонигарии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX аз назари хеш баён созад;
- дар бораи ба сари тахту тоҷ омадан ва соҳиби он гардидани хонҳои Хонигарии Хӯқанд, саҳми онҳо дар инкишоф ё таназзули давлат маълумоти ахбороти дода, бо воқеаҳои таърихӣ собит сохтааст.

Ҳамин тариқ, «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Хӯқандӣ оид ба таърихи Хонигарии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва оғози асри XIX манбаи хеле назаррас ва воқебинона буда, ки дар мавриди таҳлилу омӯзиши он маълумотҳои амиқи таърихӣ, ки ҷамбаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, этнографӣ ва идеологиро ошкор намудан мумкин аст.

Чӣ хеле ки қайд гардид, асарро таҳти унвони «Таърихи Шоҳрухия» («Шахрухова истории») Н. Пантусов соли 1885 ба табъ расонидааст. Ин ном низ мавриди истифодаи илмӣ қарор гирифтааст. Аммо дар матни худи асар

номи он дар шакли каме дигар - «Таворихи Шоҳрухия», яъне «Ҳикояҳои Шоҳрух» омадааст. Дар муқаддимаи дастнавис бошад, ин асар ба таври дигар - «Таърихи Сайид Муҳаммад Худоёрхонӣ», яъне «Ҳикояе бахшида ба Сайид Муҳаммад Худоёрхон» ном бурда шудааст, ки бо супориши хони Хӯқанд Худоёрхон навишта шудааст. Дастнависи мазкур ҳодисаҳои давраи ҳукмронии Шоҳруххонро то соли 1872 дар бар гирифта ва дар асоси мушоҳидаҳои шахсии муаллиф, мумкин аст, ки дар асоси баъзе маъхазҳои хаттие, то имрӯз ба мо нарасидааст ва маълумоти шифоҳии Ниёзмуҳаммади Хӯқандӣ навишта шудааст.

Дар сарчашмаҳои илмӣ асари «Таърихи Шоҳрухӣ» бо дигар номҳо низ маълум аст, аз ҷумла «Таворихи Шоҳрухия», «Қиссаҳои Шоҳрух», «Шахрухова история», «Таърихи Сайид Муҳаммад Худоёрхонӣ» «Таърихи ба Сайид Муҳаммад Худоёрхон бахшидашуда» ва ғайра.

Асари мазкур барои омӯзиши таърихи Хонигарии Хӯқанд дар асрҳои XVIII-XIX ҳамчун сарчашмаи арзишманд ба шумор рафта, ба таърихи Хонигарии Хӯқанд аз замони таъсиси он аз ҷониби Шоҳрух Бий (1121/1709-1134/1721-22) то воқеаҳои соли 1872 бахшида шудааст.

Тибқи сарчашмаҳо маълум карда шуд, ки дар асари мазкур дар бораи дар замони идоракунии Олимхон аз ҷониби қӯқандиҳо забт карда шудани вилояти Тошканд; итоат кардани баъзе қабоилҳои туркӣ маълумоти саҳеҳ оварда шудааст.

Аз рӯйи хусусиятҳои бадеии «Таърихи Шоҳрухӣ» метавон ба хулоса омад, ки муаллиф дар муҳити суннатии адабии Осиёи Миёна маълумоти хеле хуби филологӣ гирифтааст. Вай бо адабиёти классикии форс-тоҷик (аз осори Фирдавсӣ, Ҷомӣ ва Бедил гирифта шудани порчаҳои назмӣ аз он гувоҳӣ медиҳад [97, с.62, 213, 267] ба хубӣ ошно шуда, ба ду забони адабии маҳаллӣ - форсии Осиёи Миёна (ба забони форсии адабӣ ва забони арабӣ) мусаллаҳ будааст. Матни асар бо ду забон - забон тоҷикӣ ва туркӣ навишта шуда, ҳамзамон дар он иқтибосҳо ва ибораҳои Қуръонӣ дида мешаванд.

Хулоса карда баён намоем, мо кушиш намудем,ки дар зербоби мазкур мазмун ва муҳтавои осори Муллониёзи Хӯқандӣ «Таърихи Шоҳрухӣ», яъне нақши ин сарчашмаҳои таърихиро дар омузиши таърихи халқи тоҷик мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор намуда, мақоми ин осори таърихиро аз сарчашмаҳо дар омузиш таърихи халқи тоҷик ва сарзаминҳои тоҷикнишин, ки имруз берун аз маконҳои таърихии тоҷикон қарор дорад, мисли тоҷикони Хӯқанд, Сӯх, Риштони Фарғона, гирду атрофи Андиҷон, Чусту Косонсои Намангон эътибори алоҳида дода шудааст. Омӯзиши асари мазкур боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар он ҷараёни забти хонигариҳои Осиёи Миёна аз ҷониби Русияи подшоҳӣ муфассалан инъикос ёфтааст, ки он дар сарчашмаҳои дигари ин давра ба назар намерасад.

Инчунин дар сарчашмаи мазкур ба мардуми кӯҳистонӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, саҳми онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳарбии хонигарии Хуқанд ба таври махсус қайд гардидааст. Бинобар ҳамин муаррихон дар он ақидаанд, ки муаллифи «Таърихи Шохрухӣ» Мулло Ниёз Муҳаммад Хуқандӣ аз авлоди шахсиятҳои маъруфи қисмати кӯҳистони тоҷик мебошад. Дар таҳқиқоти мазкур сухан дар бораи тавсифи нусхаҳо, таърихи омӯзиш, ҳудуди хронологӣ рафта, таъкид шудааст, ки «Таърихи Шоҳрухӣ» ҳамчун манбаи асосӣ дар таълифи сарчашмаҳои минбаъда хизмат мекунад.

Мо дар таҳқиқ ва омӯзиши «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Мулло Ниёз Муҳаммад Ҳуқандиро баъзе хусусиятҳо онро ба инобат гирифта ба ду давра тақсим машавад:

Давраи якум: аз бозёфти нахустин нусхаҳои асар то солҳои 30-уми асри XX-ро мебошад.

Давраи дуюм дар омӯзиши ин асари мазкур ва доир ба аҳаммияти таърихӣ ва илмии он мебошад.

Тадқиқ ва таҳқиқӣ таърихи хонигарӣ, ки яке аз давраҳои муҳимми таърихи ҳалқи тоҷик ба ҳисоб рафта, дар асоси ин сарчашмаҳои таърихӣ имконият пайдо мегардад ва фароҳам меорад, ки паҳлӯҳои ноаёну торик, норавшани ин давраи хонигарии мазкурро омӯзем ва таҳқиқ намоем.

## 1.2. Ҳаёт ва фаъолияти муаллифи «Таърихи Шоҳрухӣ»

Ҳангоми таҳқиқи рисолаи номзадии мазкур маълум гардид, ки дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Муллониёзи Хӯқандӣ, дар китоби Т.К. Бейсембиев бо номи «Тарихи Шахрухи как исторический источник» , маълумотҳои дақиқу арзишманд оварда шудааст. Аз ин ҷиҳат, Бейсембиев Т. К. қайд мекунад, ки «даврае, ки дар он ҳаёт ва фаъолияти Муллониёзи Хӯқандӣ сурат гирифтааст, он далелҳои ночизи зиндагиномаи ӯ, ки асосан аз навиштаҳояш маълуманд, таваққуф кунем» [97, с.62, 213, 267].

Омӯзиши зиндагӣ ва фаъолияти муаллифи асар, пеш аз ҳама, маълумотҳои «Таърихи шоҳрухӣ» чун сарчашмаи асосӣ хизмат менамояд. Тибқи он муаллифи асар Мулло Ниёзи Хӯқандӣ соли 1802/1803 ба дунё омадааст. Тибқи маълумоти асар бобои муаллиф Ғарибдӯст ясовул, амакаш Худайқули баҳодур ва бародаронаш дар муҳорибаҳои ҳарбӣ ба ҳалокат расидаанд. Ҳамаи онҳо дар хизмати ҳарбии хонҳои Хӯқанд қарор доштанд. Падари муаллиф Мулло Ашур Муҳаммад дар охири соли 1820 ё аввали соли 1821 дар ҳайати лашкари Умархон дар муҳосираи қалъаи Ҷиззах ҳалок шудааст. Аз маълумоти асар бармеояд, ки фаъолияти ҳарбии падар ва амаки муаллифи асар бо яке аз шахсияти баруманди ин давра Раҷабқушбегӣ, ки аз мардуми кӯҳистони тоҷик ба ҳисоб мерафт, робитаи қавӣ дорад. Гузашта аз ин, Мулло Ниёз Муҳаммади Хӯқандӣ дар ҷараёни инъикоси воқеаҳо вобаста ба фаъолияти бобояш этноними «тоҷик» -ро илова намуда, худро низ тоҷик номидааст.

Бояд қайд кард, ки Муллониёзи Хӯқандӣ дар сарчашмаҳо бо унвони Муллониёзмуҳаммади Хӯқандӣ низ қайд мешавад, соли таваллудаш тақрибан солҳои 1802-1803, вале соли вафоташ маълум нест, муаррихи асри XIX тоҷик мебошад. Муллониёзи Хӯқандӣ бо асари таърихии худ «Таърихи Шоҳрухӣ» машҳур аст, ки онро солҳои 70-уми асри XIX навишта ба итмом расондааст.

Тавре қайд гардид, ин асар яке аз сарчашмаҳои пурбаҳои таърихи Хонигарии Хӯқанд ва равобити он бо дигар давлатҳои Мовароуннаҳр мебошад. «Таърихи Шоҳрухӣ» яке аз нахустин сарчашмаҳои таърихиест, ки онро шарқшиноси рус Н. Н. Пантусов соли 1885 аз забони тоҷикӣ ба забони русӣ

тарҷума намуда, дар Қазон нашр кардааст. Аз таҳлили «Таърихи Шоҳрухӣ» маълум мешавад, ки Мулло Ниёзмуҳаммади Хӯқандӣ забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ ва навишти хатти форсӣ, яъне арабиасосро хуб медонистааст. Муаллиф Мулло Ниёзмуҳаммад дар замони хеш олими эътирофшуда буда, дар қарни XIX умр ба сар бурдааст. Асари «Таърихи Шоҳрухӣ»-ро дар поёни умраш, дар байни солҳои 1871-1875 таълиф намудааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки соли вафоти ӯ шояд солҳои мазкур бошад. Муаллиф таърихи Хонигарии Хӯқандро аз ибтидои таъсис то соли 1875 ба қалам додааст. Мулло Ниёзмуҳаммад шогирди Домулло Махдум, писари Домулло Қозии аълам буда, дар замонаш дар мадрасаҳои Хӯқанд дониш андӯхтааст. Замони зиндагии Мулло Ниёзмуҳаммад ба замони ҳукмронии Шералихон (1842-1845) ва ҳукумати Худоёрхон (1875) рост омадааст. Ӯ дар навиштаҳои хеш факту далелҳои зиёде овардааст, ки онҳо ҳоизи аҳаммияти илмӣ мебошанд. Ин факту далоил бисёре аз ҳаводиси он давру замонро анику дақиқ месозанд. «Бобои нависанда (Муллониёзи Хӯқандӣ – «М»), Ғарибдӯсти Ясоул, амаки Худойқули Баҳодур[75, в.316] ва бародарон дар муҳорибаҳо ҳалок шудаанд. Ҳамаи онҳо дар хизмати ҳокимони Хӯқанд (аз Ирдонабий то Умархон) буданд. Падари нависанда Мулло Ашурмуҳаммад дар охири соли 1820 ё ибтидои соли 1821 дар сафи лашкари Умархон ҳангоми муҳосираи Ҷиззах меҷангад. Қайд карда мешавад, ки ҷасади падари Ниёз Муҳаммад ва Ҳаким Шаҳрихон Ҷилаудар Инок, бар хилофи сарбозони одии дар вақти муҳосира кушташуда дар ҳамон ҷо, дар наздикии Ҷиззах дафн нашудаанд. Падар ва амаки Ниёзмуҳаммад эҳтимол бо саркардаи Хӯқанд Раҷаб Қушбегӣ робитаи наздик доштаанд. «Таърихи Шоҳрухӣ» хабар медиҳад, ки ҳар сеи онҳо пас аз омадани Олимхон аз Хӯқанд ба Бухоро гурехта, баъд аз гузаштани ҳокимият ба дасти Умархон якҷоя ба Хӯқанд баргаштанд. Ибораи марги Раҷаби Қушбегӣ пурасрор аст: «Ҳар коре, ки ба мардум кард, бар сари ӯ афтод». Ҳамин тариқ, Ниёзмуҳаммад аз табақаи низомии Хонигарии Хӯқанд маҳсуб меёфт» [2, с.27].

Ҳамзамон, дар асоси таҳлили сарчашмаҳо муайян карда шуд, ки «Таърихи Шоҳрухӣ» ба тариқати суфии Нақшбандия алоқаманд буд, зеро худро пайрави

таълимоти ирфонии ин иттиҳоди рӯҳонӣ медонист. Мураббии рӯҳонии ӯ устод Домулло Махдум, падари Домулло Қозӣ Бобои Аълам будааст. Бейсембиев Т. К. дар кори илмии хеш бо номи «Тарихи Шахрухи» как исторический источник» ишора кардааст: «Мулло Ниёз-Муҳаммади Хӯқандӣ Ниёзӣ бини Мулло Ашур-Муҳаммади Хӯқандӣ тақрибан солҳои 1802-1803 таваллуд ёфта, аз табақаҳои поёнии ҳарбии Хонигарии Хӯқанд буд. Ӯ хизматчии ҳарбӣ буда, дар гвардияи хонӣ (дар отряди маҳрамҳо) хизмат мекард, дар воқеаҳои соли 1845 дар юришҳои Хӯқанд дар Семиречие ва солҳои 1860-1861 ба тарафи Туркистон иштирок кардааст. Ҳатто, дар пирӣ ӯ мавқеи хеле хоксорро ишғол намуда, ба муҳити низомии поён ва миёнаи Хӯқанд садоқат дошт. Дар баробари ин, ӯ бо ордени Нақшбандӣ алоқаманд буда, худро дар қатори ададҳои таълимоти он шуморида, як қатор абётро дар «Таърихи Шоҳрухӣ» ба халифаи ин орден дар Хӯқанд Ҳазрати Соҳиб (с) бахшидааст (1785-1869). Дар ибтидои солҳои 60-уми асри XIX аз хизмати ҳарбӣ баромада, дар Хӯқанд дар маҳаллаи худ зиндагӣ мекард. Дар ин ҷо ӯ асари худро навишт. Дар як вақт ӯ маълумоти хеле хуб гирифтааст» [42,37].

Маҳз, муҳити махсуси фарҳангӣ-таърихӣ ва синфӣ буд, ки дар он ҷаҳонбинии Ниёзмуҳаммад ривоҷ ёфтааст. Ҳамчун сокини Хӯқанд дар гирдоби муборизаҳои сиёсӣ қарор дошта, дорои истеъдоди адабӣ ва таҷрибаи бузурги зиндагӣ буд, ки ӯ метавонист замони худро комилан инъикос намояд. Ниёзмуҳаммади Хӯқандӣ ҳунари шоирӣ низ доштааст. Дар «Таърихи Шоҳрухӣ» ашъори зиёде ба забонҳои форсӣ ва туркӣ мавҷуданд, ки муаллиф онҳоро бо тахаллуси «Ниёзӣ» эҷод намудааст. Ашъоре, ки муаллифи он чунин тахаллус дорад, дар антологияи зикршудаи Мулло Ниёзи Охунд низ ёд мешавад[24]. Дар дигар антологияҳои назми ин давра, ба ғайр аз антологияҳои Хоразмии ибтидои асри XX, бо тахаллуси « Ниёзӣ» шеърҳои Ниёзмуҳаммад вомехӯранд. Номи ӯ бо намунаҳои эҷодиёташ дар маҷмуаи машҳури тарҷумаҳолии беш аз 140 шоири Осиёи Миёна дар асри XIX ворид нашудааст[24]. Ӯ ҳамчун шоир кам машҳур будааст. Фарз мекунем, ки ӯ антологияи беҳамтои дар боло зикршударо, ки соли 1878 тартиб дода шудааст,

зоҳиран дар Хӯқанд навиштааст (азбаски он бо самти Хӯқандпарастӣ фарқ мекунад, ин шаҳр борҳо дар он зикр шудааст ва ғ.).

Бояд хотирнишон кард, ки Ниёзмуҳаммади Хӯқандӣ дар асари «Таърихи Шоҳрухӣ» ҳамчун шоир қисмати назми асари мазкурро бо чунин иборaҳо оғоз карда, дар бораи ҷулуси хонҳои Хӯқанд маълумот додааст. Аз ҷумла:

- Таърихи ҷулуси Шаҳруххон Мулло Ниёзмуҳаммад ибни Мулло Ашурмуҳаммади Хӯқандӣ, ки банннои иморати ин китоб аст, таърихи ҷулуси онро инчунин ёфта, дар риштаи назм кашида, ба абёти мусамман адо намуда.

**Таърих:**

Ту давраи салтанатро то кунун аз шоҳи туркон гӯ,

Гузашти умри онҳоро ба суръат тири паррон гӯ.

**Басоси** салтанат Шаҳрух бидод аввал ба Фарғона,

Ба аслу дар насаб обову аҷдодаш Гургон гӯ.

Ба аввал арки давлатхона ӯ карда ба Куктунлук,

Дар он ҷо фатҳу нусрат ёфта аз лутфи Яздон гӯ.

Бигуфт соли ҷулуси Шаҳрух хирад бар ман,

Агар ҷӯи ту таърихи ҷулуси ӯ, зи « Шаҳрух» ҷӯ.

Таърихи вафоти ӯро [73] Мулло Ниёзмуҳаммад ба ин тариқа ёфта, дар риштаи назм кашида, ба қасидаю ба мадҳ адо намудааст. **Таърих:**

Ёфт тахту салтанат зеб аз ҷулусаш ибтидо,

Кӯси шоҳиро ба номи ӯ бизад лутфи Худо.

Тоҷи шоҳӣ сарбаландӣ ёфт аз фавқи сараш,

Дар фалак андохт ғулғул, кӯс аз ҷӯши садо.

Шоҳидони мулку қасру тахт аз ӯ зебандагӣ,

Ёфт мустағнӣ шуда аз ҳусну эҳсонаш гадо.

Чархи гардун бар муродаш чарх зад даҳу ду сол,

Бевафоиро ба худ лозим бигардад, мо адо.

Шоҳи фаррух барнахӯрд охир зи боғи зиндагӣ,

Тарки тоҷу тахт карду, карда аз олам зиво.

Расми шоҳи сарфарозиро ба авлодаш гузошт,

Рафт аз олам шунида, арҷаи гуи нидо.

Эй Ниёзӣ соли фавташро биҷу ту аз хирад,

То ки аз оинаи таърих гардад, ранг зудо.

Инчунин пири хирад гуфт таърихи султони турк,

Вақти реҳлат хон Шаҳрух шуд зи атрокон ҷудо.

Таърихи вафоти Раҳимхонро Мулло Ниёзмуҳаммад ибни Мулло Ашурмуҳаммад инчунин ёфта, дар риштаи назм кашидааст.

Чун Раҳимхон ба мулки Фарғона,

Соҳиби тахти ҷоҳафсар шуд.

Баъд аз шоҳии даҳу ду сол,

Мулки фонӣ бар ӯ мақаррар шуд.

Рафт аз олам ӯ ба дасти тиҳӣ,

Золи фартут арӯси дигар шуд.

Гуфт таърихи ӯ хирад ҳамчун,

Дилу ҷонаш қаринмазҳар шуд.

Бар замоири равшандилони маънӣ возеҳ бод, ки дили ҷон, ки алиф бошад, ба мазҳар дохил карда, ҳисоб намоянд, таърих ҳосил хоҳад шуд, санаи 1146;

Таърихи вафоти Абдулкаримхон, ки писари авсати Шаҳруххон аст, мулло Ниёзмуҳаммад инчунин ёфт. Таърих:

Чу он Абдулкаримхон ибни Шаҳрух,

Чунон буд якка ӯ мири худодод.

Ба соли ҳаждаҳум аз мулкдорӣ,

Нидои арҷаъе аз ғайб дардод.

Қазо қасди сари он шоҳи фаррух,

Бикарду шаҳ ба сидқи дил ризо дод.

Зи тарихи вафоташ гар ту донӣ,

Хирад ҳамчун бигуфт: «Сар бо қазо дод» .

Агар « сарро бо қазо» дохил карда, ҳисоб намоянд, таърих ҳосил хоҳад шуд, санаи 1164;

- Таърихи фавти Эрдонахонро Мулло Ниёзмуҳаммад инчунин ёфта, дар риштаи назм кашида, Таърих:

Оқибат зери хок ҷойи ҳама,

Шаш ҷиҳат хок агар ту ори рӯй.

Ҳосилат ғайри хок дигар нест,

Ҷуфти хоке шавӣ ту бе зану шӯй.

Мешавад оқибат гадову шоҳ,

Ихтилоташ ба хок чун гулу бӯй

Қадри шоҳу гадо ту гар ҷӯи,

Ҳар дуи он барад зи хок ба ҷӯй.

Дурри ин пандҳо, ки ту суфтӣ,

Нашнаванд панди ту, ту панд магӯй.

Ту кунун гӯ зи хоки Эрдона,

Эй Ниёзӣ ту аз шаҳи хушхуй.

Таьрихи фавти хони фарзона,

Ба хирад гуфтамаш, бар ман гӯй.

Гуфт: «Агар аз вафоти хон пурсӣ»,

Ҳамчунон аз « вафоти хон бигӯй».

Ба самъи ашрафи шунавандагони маънӣ масмуъ бод, ки «вафоти хон бигӯй» моддаи таърих омада, санаи 1176;

- Таърихи ҷулуси Норбутахонро мулло Ниёзмуҳаммад ба назм инчунин ёфта. Таърих:

Кӣ буд вориси авранги наҷоти Шаҳруххон,

Амир Норбута, ки мулкро гирифт ба забт.

Нишаст соати масъуд ӯ ба тахти шаҳӣ,

Мадад ба толеи ӯ кард ситораи ҳар ҳафт.

Хирад зи баҳри ҷулусаш чунин бигуфт таърих,

Хазору як саду ҳафтоду ҳафт зи ҳиҷрат рафт.

Сию шаш сол бар маснади аморат ва салтанат нишаста, ҳукмронӣ кард. Дар авохири умри ӯ бародараш Ҳоҷибек мухолифат оғоз намуд ва ӯро танбеҳи убур намуда, дохили он ҷо шуд;

Таърихи вафоти Норбутахонро Мулло Ниёзмуҳаммад инчунин ёфта, дар риштаи назм кашида. Таърих:

Ҷаҳон на ҷойи қарор асту на макони сурур,

Ба гиряҳои ҷигарсӯз ҷумла домани тар рафт.

Раҳе, ки шоҳу гадо дар убур яксон аст,

Хуш он касе, ки сабукбортар, сабуктар рафт.

Диҳӣ хабар зи убури амир Норбутахон,

Мисоли тир биҷаст аз камону бепар рафт.

Мурури давлати айёми ӯ сиюшаш сол,

Бирафт аз пайи онҳо, ки пеш аз ин дар рафт.

Хирад бигуфт ба таърихи фавти Норбутахон,

Бақои «Норбутахон зи фавқи афсар рафт.

Бар замоири арбоби маънӣ ва парҳезгорони мо ло, яъне возеҳу лоеҳ бод, ки « фавқи афсар» алиф бошад, ба «Норбутахон» дохил карда, «бақо» -ро исқот намоянд, таърих таваллуд хоҳад шудан, санаи 1213;

- Таърихи айёми давлат ва замони салтанат ва вафоти амири мушориилайҳ [73] мулло Ниёзмуҳаммад ибни мулло Ашурмуҳаммад инчунин ёфта, дар риштаи назм кашида, дар силки китобат даровarda. Таърих:

Ҷулуси салтанати он амири рустамдил,

Ба лафзи узбаки Фарғона аст унйекки йил.

Ба даври салтанаташ тоҷикони хуношом,

Чунон ки ҳар яке он аст наҳанги лаҷҷаи Нил.

Ба вақти қалъапарӣ бар аду миён мебаст,

Фалак ба чашми аду баҳри нусраташ кашида мил.

На хандақ, на ҳисор, на тӯпхона садд шудӣ,

Мисоли фирқаи Яъҷуҷ зи бех канда чу сел.

Қазоқу қирғизу узбак бикард ӯ тасхир.

Ба мулки русу хито монд масофати як тир.

Инони тавсани умраш қазо кашид охир.

Чу пашша пеши аҷал кушта шуд вуҷуди чу фил.

Агар биҷуи ту таърихи соли фавтро, бикашӣ,

«Думи бақо»-ю «сари ҷоҳ» зи «хони рустамдил».

«Думи бақо»-ро ва «сари ҷоҳ»-ро, ки «ҷим» бошад, аз «хони рустамдил» исқот намоянд таърих ҳосил хоҳад шудан. (1225).

Таърихи ҷулусу фавти Муҳаммад Алихонро мулло Ниёзмуҳаммад ибни мулло Ашурмуҳаммад инчунин ёфта, дар риштаи назм кашид. Ба тариқи мусаддас ҳар ду таърихайнро дар як байт адо намуд.

Он шоҳи некбахт ба тахти падар нишаст,

Мискин ба хони макраматаш ҷумла дарнишаст.

Аз табхи шафқати эҳсони оми ӯ,

Аз ваҳм ҷавъи ҷумлаи гуруснагон пур аст.

Таърихи соли ҷулусаш хирад бигуфт,

Донӣ, ҳазору ду саду сӣ ҳафт аст.

Гулҳои ин чаман ҳама рангпаридааст,

Аз ваҳми теғи хазон дили оҳо даридааст.

Осори неку бад дар ин даҳр ҷуз хабар

Дар боғи зиндагӣ касе ҳосил надидааст.

Он шоҳи шодком бигӯям ба тахт ҷулус,

Айёми давр ба солаш бист як аст.

Аз таърихи вафот чунин гуфт ба ман хирад,

«Муҳаммад Алихон шаҳиди ҳукмӣ» шудааст.

Возеҳу лоеҳ бод, ки «Муҳаммад Алихон шаҳиди ҳукмӣ» моддаи таърих омада, санаи 1258. Баъд аз рафтани амири Бухоро аҳволи ин мулк мутағайир гардида, марду зану хурду калони ин вилоят девонавор дар кӯчабозор ва шиддатҳо гирифтор маҳни мазаммати Манғития менамуданд ва ба аҳкоми ӯ сар фуруд намеоварданд, зеро ки дар эътиқоди худҳо подшоҳро шафқатшиору маъдалатосор меангоштанд [6].

Баррасии ҳаёт ва эҷодиёти муаллиф «Таърихи Шоҳрухӣ» дар заминаи омӯзиши асар нишон медиҳад, ки ӯ ҳамчун шоири замони худ аз ҳисоби абҷад [73] фаровон истифода бурда, таърихи ҷулус ё фавти хонҳои Хонигарии Хукандро дар шакли назм муайян кардааст. Ниёзмуҳаммади Хӯқандӣ ҳамчун ҷузъи табақаи низомии имтиёзнок буда, намояндаи хосси табақаҳои поёнии синфи ҳоким Хонигариии Хӯқанд будааст. Аз сӯйи дигар, ӯ ҳамчун намояндаи ин табақаҳо, ки ба тамоми таҳаввулоти рӯйдодҳои сиёсии хонӣ дучор шуда буд, натавонистааст таъсири якбора афзояндаи рӯҳониёни сӯфиро бо афзоиши бесуботии сиёсӣ эҳсос накунад, ки аз робитаи ӯро ҷараёни Нақшбандия шаҳодат медиҳад. Мансубият ба феодалҳои таҳҷоӣ, инчунин робитаи мустаҳкаме, ки падару модараш бо сарварони низомии Кӯҳистонӣ ё авлоди онҳо, ки дар Фарғона муқим шудаанд (яъне феодалони Хӯқанд, ки Тошканд ва Қазоқистони Ҷанубиро тобеи ҳақиқии худ медонистанд, (аҷдодони онҳо дар ибтидои асри XIX забт карда буданд) мебоист муносибати якбора манфии муаллифи «Таърихи Шоҳрухӣ» - ро ҳам ба кӯчманчиён ва ҳам ба ҳаракати пешравии аскарони рус пешакӣ муайян мекард.

Бояд қайд кард, ки муҳити махсуси фарҳангӣ, таърихӣ ва динӣ, ки дар он ҷаҳонбинии Ниёзмуҳаммад инкишоф ёфта буд, тангии уфуқҳои синфии ӯ ба таври объективӣ имкон намедоданд, ки ӯ бо тамоми маърифати анъанавии «мусулмонӣ» аҳаммияти прогрессивии ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёнаро дарк намояд, ки ин барои аксарияти мутлақи синфи ҳукмрони давлатҳои феодалии Осиёи Миёна хос буд. Дар баробари ин, Ниёзмуҳаммад сокини Хӯқанд буда, дорои маълумоти муайян ва истеъдоди адабӣ ва дар солҳои таназзули худ таҷрибаи ғании ҳаётӣ дошта, тавонистааст, ки аз нуқтаи назари ҷаҳонбинии синфии худ назар кунад.

Бояд қайд кард, ки иншои «Таърихи Шохрухӣ» дар ҳаёт ва фаъолияти Мулло Ниёзмуҳаммади Хӯқандӣ аҳаммияти махсус дошт, зеро ки бобати навиштани асари мазкур ӯ қайд кардааст, ки аз барои номи боқии шоҳон ва бинобар туфайли фармоиши шаҳаншоҳи замон ва хоқони даврон, аъни Худоёрхон мадда зилаҳу-л-олӣ сабаби ин камина бинои иморати номи боқии

онҳо гардида, ба умеди ин ки баъд аз инқизо ёфтани замон дар ҳар маҷлисе, ки ба ҷиҳати шунидани ин китоб маҷиён рағбат намоянд. Муқаррар аст, ки арвоҳи тайибаи тоҳираи онҳоро ба фотеҳаю ба дуо хоҳанд ёд кард. Ин хайрияи ҷория ва номи боқӣ дар ин олами фонӣ то муддати явму-л-мавъуд хоҳад мондан ва хайроту иморатҳое, ки дар олам аз хишти пухтаю аз мармар бино сохтаанд, дар андак фурсат мунҳадим хоҳад гардидан ва номи боқӣ ба воситаи сухан дар сафҳаи авроқ боқӣ хоҳад мондан. Шеър:

Суханро ҳаст дар олам бақое,
Дар ин олам намонд ғайри мақоле.
Кучо он тоқи Кисрою Хаварнақ,
Шуда барбод хокаш дар ҳавое.
Накуиро ту дар олам иморат,
Бикун, аз ту бимонад ном боқӣ.
Агар чанде накуию вафо нест,
Дар авроқи сухан ӯро вафое.
Сиёҳӣ гарчи ҳаст ҳамчун зулумот,
Дар он Хизри суханро раҳнамое.
Бимонад дар варақҳо номи неку,
Чу Кисро гар кунад ӯ подшоҳӣ.
Ниёзи гуфта мадҳи хони одил,
Ҳамеша дар ҳаққи ӯ кун дуое.

Боиси ин буд, ки авлоди шоҳони Шоҳрухияро аз аввали ҷулус то вафот, муддати салтанати онҳоро дар риштаи насру назм кашида «Таърихи Шаҳрухия» ном ниҳода, сиййат ва овозаи номи боқии онҳоро дар олам мунташир гардонида, ба гунбази ҳузро расонидем ва кӯси тантанаи онҳоро баландовоза карда, ба ақолими сабъа интишор гардонидем. Чунки ин шоҳони олимақом, ки баъд аз ӯ дар сарири салтанат ва дар маснади ҳашамат тоҷи сарварӣ ва афсари некахтарӣ бар сар ниҳода, кӯси шоҳӣ аз чуби зарбдасти теғзани онҳо баландовоза гардида, ҳама аз авлоди ӯянд, бинобар ин, «Таърихи Шаҳрухия» ном ниҳода, дар силки китобат мунсалик гардонида шуд.

Муаллифии асари «Таърихи Шоҳрухӣ» дар боби «Таърихи қалъаю хандақи Хӯқанд, ки Шералихон дар соли аввал, ки ба ҷулуси шарофатқаринаш авранги обову аҷдодро мушарраф сохта, барпо намуд, мулло Ниёзмуҳаммад валади мулло Ашӯрмуҳаммад, ки яке аз деринагони ин остони маъдалатпосбон буд, инчунин ёфта, дар силки китобат даroварда» чунин қайд менамояд, ки: «Ҳамон шаб» роқими ин ҳуруф, ки мулло Ниёзмуҳаммад ном дорам, дар зумраи отоуғлиён ва дар туби Маҳрам будам. Раки ғайрати ҷавонмардию ҳиммати шуҷоатмандӣ дар ҳаракат омада, дар он шаби тор аз даруни қушинг баромада, ба роҳи сои Оқсе ба лаби дарё баромада, убур намуда, ба чандин ҷариҳои рахнаи сел дар он шаби тор фурӯ рафта, ба ҳазор шиддати сахтӣ аз он мағокҳо худрою асбро халос дода, ба даруни мавзеи Теда даромадам ва дидам, ки монанди хонаҳои орият шахсе аз ашхоси инсонии номаълум, балки билкул маъдум, ҳарос бар дилам муставлӣ гардида, аз он ҷо низ баромадам ва роҳро аз касрати сиёҳии шабу торикии пуртаъаб гум карда, дар гуристони ҷамоаи мавзеи Теда дохил шудам. Дар ҳар қадам мондан асбам ба қабре фуру мерафт, аз он қабр ба ҳазор машаққат худрою асбро мебаровардам. Дар он шаби дайҷуру монанди торикии гур чандин маротиба зинда дар гуру мурда аз гур мебаромадам. Оқибатуламр асбро етил карда, аз даруни мурдаҳо зинда баромада, ба роҳи мавзеи Санг даромадам» [73].

Ҳамин тариқ, муаллифи асари мавриди пажӯҳиш Мулло Ниёз Муҳаммад ибни Ашури Хӯқандӣ «Ниёзӣ» соли 1217/1802-1803 таваллуд шудааст. Вай дар гвардияи Хонигарии Хӯқанд хизмат карда, дар юришҳои ҳарбии Хӯқанд дар соли 1844 дар Семиречиё ва солҳои 1860-1861 дар Туркистон иштирок кардааст. Баъди адои хизмати ҳарбӣ дар ибтидои солҳои 60-ум дар Хӯқанд зиндагӣ мекардааст.

Мулло Ниёз Муҳаммад ибни Ашури Хӯқандӣ солноманависи бузурги давраи ҳукмронии Умархон мебошад. Дар вазифаҳои гуногуни ҳарбӣ хонигарӣ фаъолият дошта, дар солҳои 70-уми асри XIX асари «Таърихи Шоҳрухӣ»-ро хешро таълиф кардааст. Муаллиф дар асар ба вазъи сиёсии замони худ ва ҳаёти иҷтимоии мардумони кишвар баҳои саҳеҳ додааст. Он воқеаҳои таърихие, ки то

соли 1872 шудааст, худи муаллиф шоҳиди зиндаи он буда, ба таври объективона чун иштирокчии он ҳодисаю воқеаҳо тасвир мекунад.

Ҳамин тариқа, мо дар хулосаи зербоби дуюми боби аввал ба масълаи ҳаёт ва фаъолияти муаллифи асари «Таърихи Шоҳрухӣ» Мулло Ниёз Муҳаммад ибни Ашури Хӯқандӣ, яъне Муллониёзи Хӯқандӣ баён намуда, чанд ҷамбаҳои муҳим ва аввалиндараҷа, сабабҳо ва нишонаҳои махсус, барои чӣ муаллиф ба ин масъала эътибор зоҳир намуд, ва ин асарро руи қоғаз овард аз ин ҷост мо кушиш намудем, ки моҳият, мазмун ва муҳтавои ҳаёт ва фаъолияти муаллифи асар, яъне аҷдодони ӯ аз тоҷикони муқимӣ ва таҳҷоӣ ин мавзеъ будани муаллиф эътибор диҳем. Муаллиф тавонистааст, ки чун шахси воқеӣ ва иштирокчии ин ҳодисаҳо ба таври реалӣ ва воқеъбинона, ҳодисаҳоро ин чунин вазъи сиёсии замони хеш ва аз ҳаёти иҷтимоии мардумони ин кишвар бохабар гашта, тасвир намояд.

Ҳамин тавр, дар боби нахустини рисола мо ба тадқиқ ва таҳқиқи ду масъала: Якум - мазмун ва муҳтавои асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ ва дуюм - ҳаёт ва фаъолияти муаллифи «Таърихи Шоҳрухӣ» аҳаммият диҳем.

Инчунин маълумот оид ба фаъолияти ҳарбии падар ва амаки муаллифи асар Муллониёзи Хӯқандӣ, ва робитаи онҳо бо шахсияти обруманди давра, аз мардуми кӯҳистони тоҷик будааст, нишон дода шудааст.

Муаллифи асари «Таърихи Шоҳрухӣ», Мулло Ниёзи Хӯқандӣ, шахсияти барҷаста ва олими шинохта буда, дар таълифи асари худ таърихи Хонигари Хӯқандро оид ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ халқи тоҷик таҳқиқ намудааст. Фаъолияти ҳарбии аҷдодонаш, хусусан падар ва амакаш дар артиш, таъсири зиёде ба вай гузоштааст.

Мулло Ниёз дар замони хеш дар мадрасаҳои Хӯқанд таҳсил намуда, зиёда ба таълимоти тариқати Нақшбандия шинос гашта буд. Асари «Таърихи Шоҳрухӣ» яке аз аввалин сарчашмаҳои таърихи Хӯқанд ба ҳисоб рафта, онро таҳқиқ ва аз забони тоҷикӣ ба русӣ тарҷума намуданд.

Асари мазкур, ки бо шахсиятҳои таърихии ин давра вобаста буда, бо ишора ба воқеаҳои воқеӣ дар замони ҳукмронии Шералихон ва Худоёрхон, намунаи муҳими дарки фарҳангии он замон мебошад. Таҳлили асари муаллиф нишон дод, ки Ниёзмуҳаммад дорои истеъдоди баландӣ адабӣ дошта, бо тахаллуси «Ниёзӣ» шеъри хешро эҷод намудааст.

Дар зербоби дуюми боби аввал, мо ба таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти муаллифи асари «Таърихи Шоҳрухӣ», Мулло Ниёз Муҳаммад ибни Ашури Хӯқандӣ, эътибор зоҳир намудем, зеро муаллиф бо манзараҳои воқеии иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки хусусияти замони хешро инъикос намудааст, шинос будааст.

Мулло Ниёз, чун намояндаи бурӯманди тоҷик, бо омӯзиши самтҳои муҳими таърих ва фарҳанги давра , воқиф аст. Асари ӯ собит менамояд, ки ӯ махсусан ба ҳодисоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намуда, сабаби эҷод ва навиштани ин асар гардидааст.

Мо дар боби нахустини рисола, ду масъалаи муҳимро таҳқиқ намудем: аввал, мазмун ва муҳтавои «Таърихи Шоҳрухӣ» ва дуюм, ҳаёт ва фаъолияти муаллифи он.

# БОБИ II. ИНЪИКОСИ ҲАЁТИ СИЁСИИ ХОНИГИИ ХӮҚАНД ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII ВА АВВАЛИ АСРИ XIX ДАР «ТАЪРИХИ ШОҲРУХӢ» - И МУЛЛОНИЁЗИ ХӮҚАНДӢ

## 2.1. Масоили салтанати Шоҳруххон ва ташаккулёбии Хонигарии Хӯқанд

Таҳқиқоти «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ нишон медиҳад, ки салтанати Шоҳруххон ва ташаккулёбии хонигарии Хӯқанд, вазъи сиёсии хонигарии Хуқанд дар асри XVIII ва вазъи сиёсии хонигарии Хуқанд дар асри XIX мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, ба мақсади давлати худро аз ҳуҷуми қабилаҳои ҳамсояи қирғизу қипчоқ муҳофизат намудан, хонҳои давлати ҷавони Хӯқанд аз ибтидои аввали барқарор гаштани ҳокимияти худ, на танҳо бо ҳокимони Ӯротеппаву Хуҷанд ва мулкҳои дигари нисбатан хурд, балки бо феодалони алоҳида, гурӯҳҳо ва қабилаҳои бодиянишин низ мубориза мебурданд. Баъд аз ҷангҳои дуру дароз ба хонҳои Хӯқанд муяссар гардид, ки дар охири асри XVIII давлати нисбатан пурқуввате бо номи Хонигарии Хӯқанд ташкил кунанд. Яке аз хонҳои Хонигарии Хӯқанд, асосгузори он - Шоҳрухбий, пешвои қабилаи ӯзбекҳои минг, бинокори шаҳри Хӯқанд ҳукумати хоҷагони Фарғона дар Чодакро сарнагун намуда, ҳамаи қувваҳои сиёсӣ, аз ҷумла «хоҷагон» - ро дар атрофи ҳукумати навтаъсиси худ муттаҳид кард.

Дар «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ дар боби «Дар баёни воқеоти ибтидои салтанати Шоҳруххон, ки сабаби ороиши тоҷи шоҳӣ ва боиси ҷамъияти мулку ободӣ ва барпо намудани васвасаву дабдабаи шаҳриёрӣ ва тарҳ андохтани бинои шаҳру қасри олӣ ва расидани насаби он ба Бобурхон ибн Умар Шайх Баҳодур» дар бораи авлоди Шоҳруххон ва ба дунё омадани Шоҳруххон иншо карда қайд кардааст, ки дар мобайни Олтун-бишук ва Шаҳруххон баъд аз даҳ пушти аҷдод муддати 202 сол гузашта буд, ки Шаҳруххони мазкур ба олами вуҷуд омада, ӯ низ дар ин диёр тарбият ёфта, ба ҳадди балоғат расид ва аз носияи шукӯҳи Давлаттобон ва аз таркиби вуҷуди муҷассамаи ӯ аломати шуҷоат намоён, ҳамеша машғули шикори ваҳшиён ва аспу аслиҳаю тиру камон мебуд. Баъзе қавли узбакони қадима ва сухандонони

дерина ин аст, ки аз қазо подшоҳе дар сабили шикор гузораш дар ин диёр афтод. Дар он вақт Шоҳруххон 18 сола буд. Дар ҳолати гармии шикор шереро ба захми найза маҷруҳ намуда, сайди худ кард ва он сайдро манзури назари подшоҳ намуда, марҳамату макрамати шавқати илтифот аз ин подшоҳ дарёфт ва низ подшоҳ ғайрату шуҷоати онро мушоҳида намуда, ба илтофҳои беғоя ва ба макраматҳои бениҳоят сарафрозӣ бахшида, ҳукмронии ин билодро тафвиз фармуд.

Ҳамзамон, дар асари «Таърихи Шоҳрухӣ»- и Муллониёзи Хӯқандӣ таърихи Хонигарии Хӯқандро бо достони ҳамчун асосгузори давлат интихоб шудани Шоҳруххон ва таъсиси Хӯқанд оғоз меёбад. Дар бораи ҳамчун асосгузори хонигарӣ интихоб кардани Шоҳрухбӣ, ҳадафи асосии пирони ӯзбекон маҳсуб меёфт, чунин шарҳ додааст: умед медорем, ки замоне ки дар саҷҷодаи салтанат истиқрор пазирад, инъому икроми ин ду боло хоҳад гардидан ва аз ваҷҳи аморат ба чандин суханҳои чарбу ширин дар он ҷамъият ҳозирин муҷрӣ гардида, гуфтанд, ки аввал Шаҳруххонро бар сарири аморат бинишонем, баъд аз он ба хоҷагон хуруҷ намоем. Ин маслиҳатро мустаҳсан ангошта, ҳамаи мӯйсафедони ӯзбакон дар як ҷо иҷтимоъ намуда, Шаҳруххонро дар Турғова хон бардоштанд. Баъд аз он яке аз духтарони узбакияро ба он хоҷае, ки ҳокими Чодак буд номзад карда, ба домодӣ қабул намуданд.

Инчунин, дар асар қайд мешавад, ба сари тахти хонигарӣ омадани Шоҳруххон ҷониби ӯзбекон истиқбол гардида, ба иззати тамом ва ба тавқир ва эҳтиром хоҷагонро оварда, дар манзили дилкушо ва дар мақоми фараҳафзо фуруд оварданд ва чиҳил нафар мулозимонро ба хонҳои ӯзбакон тақсим намуда, бар сабили меҳмондорӣ пароканда намуданд. Баъд аз фориғ гардидани атъама ва ашраба ва лавозимоти меҳмондорӣ, ӯзбакон дар як ҷо хилват намуда, маслиҳатро бар ин қарор доданд, ки вақте ки домод дохили ҷимилдиғ гардад ва як чӯби хушкро дар мобайни ду шохи дарахт калон руст намуда, ба зӯри тамом бишканем. Баъд аз шунидани овози шикастани чӯб, домодро дар даруни ҷимилдиғ ва боқӣ мулозимони ӯро дар ҳар хона зер карда, ба қатл орем. Оқибатуламр ҳамин маслиҳатро ба амал оварда, ходаро бишкастанд ва ба

муҷарради шунидани овози чӯб домодро дар даруни ҷимилиғ зер карда, боқӣ мулозимон ва аскарияи ӯро дар ҳар хона зер карда, ба қатл оварданд. Аспу яроқи мақтулонро гирифта, маҷмуи ӯзбакони хуношом Шаҳруххонро туғу байрақ барпо карда, бегоҳирӯз ба аспҳо савор шуда, ба суръати тамом роҳӣ гардида, аз дарёи Сир гузаштанд. Баъд аз гузаштани дарё, қушунро туб намуда ва камонҳоро пури тир карданд. Баъд аз он ба суръат равон шуда, Чодакро зери тир кардан ва ба тасарруфи худҳо даровwarданд. Он чи асбобу олоти сипоҳигарӣ ва ғайраҳум, ки дар хазина ва дар ғайри хазина дошт, ба дасти худҳо даровarданд ва ҳамаи аъёни оқсақолони билоди он тарафи дарё то ба сарҳади Намангон омада, дида, тортуқ ва пешкашҳои худро аз назари Шаҳруххон гузарониданд ва ҳар кадоми онҳоро андархӯри аҳвол аз рӯйи қоидаю русуми подшоҳӣ шафқату марҳамати худро дареғ надошта, **ба** либосҳои фохир сарфарозӣ бахшида, рухсати инсироф намуданд ва муомилоти хон ва ҳукумоти султонӣ бар ваҷҳи аҳсан бар ин ҷониби дарё ва ба ҳамаи билодҳои сарҳад аз Намангон то ба сарҳади Шаҳидон ва Понсадғозӣ, ки ҳоло Понғоз меноманд, марсумоти қабеҳаро барҳам доданд ва андак рӯз дар он ҷо сукно пазируфта, дар он балдаҳо волию ҳоким таъйин намуда, бозгашт намуданд ва ба давлати тамому нусрати локалом фозилтарин деҳҳои ӯзбакия ва ашрафтарин балдаҳои сартия Турғова ва Ҷамаш буд, омада нузул фармуданд ва иҷтимои худҳоро пароканда нанамуда, дар маслиҳати умуроти хония ва ба муомилоти султония дарафтоданд».

Бояд хотирнишон кард, ки соли 1722 Шоҳрухбий дар натиҷаи хусумати байни гурӯҳҳои амирон кушта шуд. Ӯро писараш Абдураҳимбий иваз намуд, васеъ гаштани ҳудуди давлати навтаъсис бо номи писарони Шоҳрухбий вобаста аст. Абдураҳимбий дар давраи ҳукмронии худ, ба мулкҳои Фарғона - Хуҷанд, Андиҷонро ҳамроҳ намуд. То ҳамон вақт - дар ибтидои асри XVIII, шаҳри Хуҷанд аз ҷониби амири қабилаи ӯзбекони юз - Оқбӯтабий (1702-1734) идора карда мешуд.

Авлодҳои ӯ дар вилоятҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа, ҳукмронӣ мекарданд. Падари ӯ Муҳаммад Раҳим оталиқи юз низ дар ин ҳудудҳо ҳукмронӣ мекард.

Чӣ хеле ки дар боло қайд шуд, Оқбутабий якҷоя бо Хуҷанд Ӯротеппаро низ идора менамуд. Аммо маъмурияти Оқбутабий дар қалъаи Хуҷанд ва дар қалъачаи маъруф ба номи «Боғи ҳоким», ки аз рӯ ба рӯйи самти шарқии Қалъа воқеъ гаштааст, ҷойгир буд. Дар замони ҳокимияти Оқбутабий, вилоятҳои Хуҷанду Ӯротеппа шаҳрҳои худмухтор буда, ба аморати Бухоро тобеъ набуданд. Ба вазифаи волии Хуҷанду Ӯротеппа Оқбутабийро дар вақташ худи Убайдуллохон (1702-1711) таъйин карда буд. Дар натиҷаи суст гаштани давлати Аштархониён, вилоятҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа бо сардории Оқбутабӣ мустақилона фаъолият дошт.

Дар давраи мустақилияти мулки Ӯротеппа ва Хуҷанд, Оқбутабий ба аъёну ашрофи ин вилоятҳо такя намуда, сиёсати худро пеш мебурд. Аз ҷумла, дар Ӯротеппа ӯ ба оли Хоҷӣ Мусохоҷа такя намуда, онҳоро аз андозҳо озод намуд. Бо ҳамин роҳ ба дастгирии онҳо муяссар гашт ва солҳои тӯлонӣ дар ин ҳудуд ҳокимияти худро мустаҳкам намуда, хукмронӣ кард. Ин сиёсати Оқбутабийро дар адабиёт «кордонӣ ва сиёсатмадории ӯ»– гуфта қайд менамоянд. Дар ҷараёни муносибатҳо бо мулкҳо ва давлатҳои ҳамсоя, ухдаборой ва кордонии ӯ аён мегардад. Ӯ ба духтари Шоҳруҳбий хонадор шуда, бо Хӯқанд алоқаи мустаҳками дӯстӣ ва рафоқатро ба роҳ мемонад. Дар адабиёт ӯро яке аз даъвогарони тоҷу тахти Хӯқанд қайд менамоянд. Ғайр аз он, Оқбутабий, бо мулкҳои ниммустақили Шаҳрисабз ва Ҳисор алоқаҳои зичи дӯстона дошт, ки ин муносибатҳо хусусан бо Ҳисор, дар давраи ҳукмронии авлоди ӯ дар Ӯротеппа давом кард. Дар ин давра, мустаҳкам шудани ҳокимияти Оқбутабий дар ин вилоятҳо ва авҷ гирифтани муборизаҳои сиёсӣ дар байни ворисони Шоҳрухбий ва ӯро дидан мумкин аст. Бо туфайли сиёсати ӯ, бо дуюмин хони Хӯқанд - Абдулкаримбий муборизаҳо оғоз ёфт ва дар натиҷаи он Оқбутабий бо ворисонаш маҳв карда шуд. Аз ҳамин давра сар карда, вилояти Хуҷанд ба таркиби хонигарии навтаъсиси Хӯқанд дохил карда мешавад. Сипас, Абдулкаримбий - бародари Абдураҳимбий ба ин худудҳо ҳоким таъйин гардид.

Бо ҳамин худудҳо қаноат накарда, Абдураҳимбий инчунин ба Самарқанд, Каттақӯрғон, Ҷизах лашкар кашид ва ин вилоятҳоро забт кард. Оид ба давраи

ҳукумронии Абдураҳимбий маълумотҳои гуногун арзи вуҷуд дорад, ки дар адабиёти илмӣ давраи ҳукмронии ӯ 12 сол (1722-1733) нишон дода шудааст.

Оид ба писари дигари Шоҳрухбий Абдулкаримбий ва давраи ҳукмронии ӯ ҳам санаҳои гуногуни таърихӣ нишон дода мешавад. Дар адабиёти илмӣ давраи ҳукмронии Абдулкаримбий дар солҳои 1733-1747, солҳои 1734-1750 қайд карда мешавад. Абдулкаримбий дар Хӯқанд, дижи дигарро ҳамчун рамзи давлатдорӣ сохт ва он минбаъд Эски Урда ном гирифт.

Дар миёнаҳои асри XVIII ба ҳудуди Осиёи Миёна, қушунҳои давлати Ҷунғорҳо (қалмиқҳо - қалмоқҳо) зада медароянд. Аҳолии Ҷунғория аз қабила ва халқиятҳои сершумори кӯчманчии халқи муғул, ба монанди қалмиқҳо, элютҳо, тургутҳо, ҷунғорҳо (ҷон қари), ойратҳо иборат буданд. Ҳудуди даштҳои ҷануби Қазоқистон (дар адабиёти он давра бо унвони Дашти Қипчоқ қайд карда шудааст), вилояти Тошканд аз ҷониби қушуни бисёрҳазораи қалмиқҳо забт карда мешавад. Дар сарчашмаҳо қайд карда шудааст, ки шаҳрҳои Туркистон ва Тошканд ба қалмиқҳо бе ҷанг таслим мешавад. Аз ҳамин давра ин ҳудудҳо ҳамчун мустамлика ба Ҷунғория, ҳар сол андоз месупорид. Ҷунғорҳо бо ҳудуди Қазоқистон ва шаҳрҳои шимоли Мовароуннаҳр қаноат накарда, ба сӯйи ҷануб ҳаракат карданд.

Дар натиҷа, қалмиқҳо ба водии Фарғона - ба ҳудуди хонигарии Хӯқанд зада даромаданд. Дар ин давраҳои ноором, қабилаҳои қазоқон ва қирғизҳо аз моликияти худ (молҳои чорпо) маҳрум гашта, бо мақсади халос намудани ҷони худ аз дасти душмани ғаддору бешафқат ба сӯйи ҷануб - ба Осиёи Миёна гурехтанд. Мовароуннаҳр барои онҳо манзили паноҳ ва ҷойи наҷот буд.

Дар сарчашмаҳои таърихии ҳамон давра оид ба ин давраи таърих маълумотҳои муҳим то рӯзҳои мо расида омадааст. Дар ҳамон сарчашма қайд карда мешавад, ки аввалин зарбаи қалмиқҳоро тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз ба дӯши худ гирифтанд. Онҳо мағлуб шуда, ба итоати қалмиқҳо даромадаанд ва ба онҳо андоз месупориданд. Дар натиҷаи ҳуҷуми қалмиқҳо, харитаи нафақат сиёсии Осиёи Миёна, балки харитаи этникии он ҳам куллан тағйир ёфт. Қабилаҳои гурезаҳо - қароқалпоқ, қазоқ ва қирғизҳо ба ҳавзаҳои Зарафшон,

Фарғона ва Шош ҷойгир шудаанд. Дар натиҷаи он дар ҳудуди хонигарии Хӯқанд ва шаҳр, деҳаҳои водии Фарғона, аз ҷумла дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ имрӯза дар шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом, Исфара, шаҳракҳои Кучкак, Шайдон, Нов, Маҳрам, Қароқчиқум, Ниёзбек маҳаллаҳои қазоқон ба вуҷуд омад. Дар деҳаи Қазноқи ноҳияи Ҷ. Расулов, деҳаи Увоқи ноҳияи Шаҳристонро қазоқон ташкил карда бошанд, якчанд деҳаҳои ноҳияи Аштро қабилаҳои қароқалпоҳо ташкил карданд. Дар дигар қисматҳои водии Фарғона деҳаҳои қирғизҳо, қазоқон, қароқалпоқҳо дар ин давра ба вуҷуд омад. Дар қисмати шимоли обанбори Қайроққум якчанд деҳа - овулҳои қазоқон ба вуҷуд омад, онҳо то оғози сохтмони обанбори Қайроққум - соли 1953, дар ин ҳудуд зиндагӣ кардаанд ва ба Ватани таърихии худ - вилояти Ҷануби Қазоқистони Ҷумҳурии Қазоқистон муҳоҷират намуданд.

Дар ҳамин ҳолати муташанниҷ, хони давлати навтаъсиси Хӯқанд - Абдулкаримбий тавонист, ҳамаи қувваҳои ҳарбӣ ва лашкари халқҳои Фарғона ва Уструшонаро ҷамъ намуда, ба қалмоқҳо зарба дод ва истиқлолияти давлати худро таъмин намуд. Дар натиҷа, нимаи дуюми асри XVIII хонигарии Хӯқанд боз ҳам пурқувват шуда, мақоми худро дар қисмати шимоли Осиёи Миёна пурзӯр намуд. Дар ин давра шаҳри Хӯқанд ба пойтахти хонигарӣ табдил ёфта, ба қалъа ва урдаи худ соҳиб гашт. Қалъаи шаҳр аз чор дарвоза - «Исфара», «Қатаған», «Марғилон», «Ҳайдарбек» (дертар номи «Тошканд»-ро гирифт) иборат буд.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ аён аст, ки вазъияти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XVIII ва оғози асри XIX хеле печ дар печ ва вазнин гардида, бо сабаби ба корҳои мамлакатдорӣ аҳаммият надодани охирин намояндаи хонадони Аштархонӣ – Абулфайзхон (1711-1747) вазъияти кишвар тамоман хароб гардид. Аз ин ҳолати ногувор ҳокими Эрон – Нодиршоҳи Афшор (1688-1747) истифода намуда, соли 1740 ба сарзамини Мовароуннаҳр ҳуҷум карда, бидуни муқовимат шаҳри Бухороро ишғол намуд.

Вазъияти сарзамини Хӯқанд, бо сабаби он ки Нодиршоҳ онро ишғол накард, ин нисбатан ором боқӣ монд. Олимхони Хӯқандӣ (1799-1809), ки яке аз

ҳокимони ин минтақа буд, даст ба иқдоми аҷибе зад. Мардуми кӯҳистон ва хислату рафтори онҳо ва ғайюрии онҳоро ба инобат гирифта, аз ҳисоби онҳо гурӯҳҳои мусаллаҳ сozмон дод. Талошҳои ӯ дар ин масир натиҷа доданд ва Тошканд ва қазоқҳхои атрофи онро ба давлати худ даровард. Баъд аз Олимхон бародари ӯ - Умархон (1809-1822) низ сиёсати бародарашро идома дода, дар ин ҷода ба баъзе муваффақиятҳо ноил шуд. Умархон Туркистон ва даштҳои қазоқнишинро аз ҳудуди баҳри Арал то Ҳафтрӯд тасарруф намуд. Бештари маҳалҳое, ки дар он ҷойҳо қабоили қазоқ сукунат доштанд, зери тасарруфи худ даровард. Баъд аз Умархон писари вай - Муҳаммадалихон (1822-1842) барои тавсеаи ҳудуди давлати хеш талош варзида, қаламрави Дарвозу Қаротегин ва ҳатто Кӯлобро ба зери итоати хеш даровард.

Ӯротеппа ва Қошғар низ аз ҷониби Муҳаммадалихон забт карда шуд. Чун амир шахси ишратпараст буд, мардум ӯро он қадар дӯст надоштанд ва тарафдорӣ низ накарданд. Ин хислати амир, яъне фориғболии ӯ боис шуд, ки Амир Насруллоҳ Хӯқандро забт намуда, Муҳаммадалихон ва модару бародарашро ба қатл мерасонад. Идораи Хӯқандро ба уҳдаи Иброҳими Хаёл ном ҳоким вогузор мекунад. Ҳукумати Иброҳим дер давом намекунад ва Хӯқанд боз мустақил мешавад.

Бояд хотирнишон сохт, ки ташаккули Хонигарии Хӯқанд, бо воқеаҳои сиёсии охири асри XVII - аввали асри XVIII вобаста мебошад. Заиф гаштани давлати мутамаркази Аштархониён (Ҷониён) ва оғози таназзули он, авҷ гирифтани тохтутозҳо, таҳдидҳои мунтазами давлати кӯчманчиён бо номи Ҷунгар (дар сарчашмаҳо бо номҳои ойрат, қалмиқ ҳам меояд), тохтутозҳои пешвоёни қабилаҳои гуногуни ҳудуди водии Фарғона, вилоятҳои Курама, Тошканд ва Туркистон, зарурати мубориза ба муқобили забткориҳои империяи Син (Хитой) дар Туркистони Шарқӣ, хусусан пешравии шаҳрҳо, пешаҳо, тиҷорат, зироат дар водии Фарғона, омилҳо ва заминаҳои асосии бунёди давлати навтаъсис - Хонигарии Хӯқанд гардиданд.

Бояд қайд кард, ки доир ба масъалаи марҳилаҳои асосии таърихи Хонигарии Хӯқанд, замони ҳукмронии хонҳои ин давлатро дар назар доштан

мумкин аст. Зеро ки, ҳукмронии ҳар як ҳокими Хонигарии Хӯқанд марҳилаҳои алоҳидаи таърихиро дар бар гирифта, хусусияти ба худ хос дорад.

Тавре маълум аст, Хонигарии Хӯқанд соли 1710 ҳамчун давлат ба вуҷуд омада, асосгузори он Шоҳрухбий II Хирс, писари Ашурқул Шаҳмастбий маҳсуб меёфт. Тибқи таҳлили маълумотҳо муайян карда шуд, ки дар Хонигарии Хӯқанд марҳилаҳои идоракунии хонҳо, ки аз сулолаи минг буданд, ки мо чанде аз онҳоро номбар менамоем:

1. Шоҳрухбий II Хирс
2. Абдураҳимбий, писари Шоҳрухбийи II.
3. Абдукаримбий̣, писари Шоҳрухбийи II
4. Шодибий, писари Шоҳрухбий II
5. Сулаймон-бек, писари Шодибий
6. Низом ад-дин Муҳаммад Бобобий, писари Абдураҳимбий
7. Эрданабий̣, писари Абдураҳимбий
8. Сулаймонбек, писари Шодибий.
9. Нарбутабий̣, писари Абдураҳмонбий
10. Олимхон, писари Нарбутабий̣, хони 1-уми Хӯқанд (1798-1809, (1807-1816))
11. Сайид Муҳаммад Умархон, писари Нарбутабий, хони Хӯқанд (1809-1822), (1816-1821).
12. Сайид Муҳаммад Алихон (Мадалӣ Хон) (1809 - апрели 1842)
13. Султон Маҳмуд ( апрели 1842), писари Сайид Муҳаммад Умархон, хони Хӯқанд (апрели 1842)
14. Насруллоҳхон,  Хони Хӯқанд (5 апрели 1842 - 18 апрели 1842).
15. Иброҳими Хаёл-Парвоначӣ, ҳокими Хонигарии Бухоро, хони Хӯқанд (18 апрели 1842 - июни 1842) ва дигарон, қисмат зиёда аз онҳо ба қатл расонида шудаанд.

Соли 1876 Хонигарии Хӯқанд мунҳал гардида, ҳукмронии сулолаи мингҳо низ аз байн рафт.

Дар кори хеш тасмим гирифтем, ки дар бораи бархе аз хонҳои Хонигарии Хӯқанд, ки дар рушди давлат саҳмгузор буданд, аз рӯйи асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ маълумот биёрем. Аз ҷумла:

Дар асари «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Хӯқандӣ дар бораи Шоҳруххон чунин омадааст, ки: «Таърихи Хонигарии Хӯқанд бо достони дар соли 1709 ҳамчун асосгузор интихоб шудани Шоҳруххон ва таъсиси Хонигарии Хӯқанд оғоз шудааст. Дар бораи ҳамчун асосгузор интихоб шудани Шоҳруххон дар асоси анъанаи шифоҳии ӯзбек ду нуқтаи назар вуҷуд дорад: Ба гуфтаи аввал, Шоҳруххони ҳаждаҳсола дар ҳайати як подшоҳ дар аснои шикор, ки дар наздикии музофотҳои Хӯқанди минбаъда ба амал омада буд, байни рафиқон фарқ мекард. Бинобар, ин подшоҳ тасмим гирифт, ки музофотҳои Таргава ва Чамашбийро барои идора кардан бо дуои хайр ба ӯ супорид. Шоҳруххон то замони маргаш дар ин музофотҳо зиндагӣ мекард. Ӯ се писар дошт: Абдурраҳим-бий, Абдулкарим-бий ва Шади-бй. Пас аз марги Шоҳруххон ба ҷойи ӯ писари калониаш Абдурраҳим-бий ба сари тахт нишаста, қалъа ва аркро бо номи «Исқи Қӯрғон» бунёд кард» [2, с.91]. Дар асоси ривояти дуюм, чунин қайд гардидааст, ки: дар он замон Хуқони ояндаро деҳаҳои Таргава, Чамашбий, Ҷанкент, Палахон, Тоқайтеппа, Партак, Тепа-Қӯрғон, Қайнар ва ғайраҳо иҳота карда буданд. Ӯзбекҳои ин деҳаҳо бо қарори худ аз ҳокимияти Хоҷаҳои Чодак озод шуда, Шоҳрухро аз авлоди Олтун-бишик дар Таргав хони худ эълон карданд. Ҷойгоҳи ҳақиқи қалъа Исқиқӯрғон нишон дода шудааст, ки аз ҷониби Шоҳруххон таъсис дода шудааст.

Ҳамзамон, дар вафоти Шоҳруххон чунин ривоят қайд шудааст, ки «Мурид Шайх-Бозори Намангонӣ, пири Машрабро ба кори маҷбурӣ бурданд. Шайх аз Шоҳруххон хоҳиш кард, ки муридро аз дасти онҳо озод кунад. Хон рад кард. Баъд шайх ба Тоқай-теппа рафта, сурати Шоҳрухро дар замин кашида, тире ба сӯйи ӯ партофт ва ба китфи сураташ зад ва шаби ҷумъа ба Намангон равон шуд. Шоҳруххон нимаи дуюми рӯзи ҷумъа даргузашт» [2, с. 91].

Дар бораи салтанати писари калонии Шоҳруххон Абдурраҳимхон, ки тахаллуси фахрии «Соҳибқирон» дошт, пурарзиштарин маълумот дар «Рисолаи

тарихӣ»-и Шоҳрухия оварда шудааст [5, №2237]. Дар давраи хукмронии Абдураҳимбий (1721-1733) вилоятҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа хамроҳ шуданд. Ӯ бо қушунҳои худ ба Шаҳрисабз наздик шуда, аз тобеияти Хӯқанд ҷудо кардани ин минтақаро дархост намуд. Сипас, Самарқанду Ҷиззахро забт кард. Абдурраҳимбий баъди ба Хуҷанд баргаштан ба касалии сахт гирифтор шуда, вафот кард.

Минбаъд, бародари хурдии ӯ Абдулкаримбий (1733-1750) дар тахти Хонигарии Хӯқанд нишаст. Дар наздикии қалъаи Эскиқӯрғон шаҳри ҳозираи Хӯқандро бунёд намуда, пойтахти худро аз Теппақӯрғон ба шаҳри Хӯқанд кӯчонидааст. Шаҳрро девор иҳота карда буд.

Дар давраи ҳукмронии Эрдона (1751-1762) иқтидори хонӣ боз ҳам зиёд шуд. Ӯш ва Узганро мутеъ намуд. Дар давраи ҳукмронии Эрдона Хонигарии Хӯқанд ба давлате табдил ёфт, ки қодир ба муқобили Бухоро дар ғарб ва бар зидди Чин дар шарқ баробар мубориза барад. Аммо тамоми давраи ҳукмронии ӯ дар ҷангҳо гузашт. Мубориза барои тахт вусъат ёфт. Ниҳоят, соли 1763 ба тахт набераи Абдулкаримбий Нарбутабий (1763-1798) нишаст. Шӯриши ҳокимони Чуст ва Намангонро пахш кард.

Аз рӯйи маълумотҳои таърихӣ маълум аст, ки дар замони хукмронии Нарбутабий ҳосили баланд ва нархи бозор паст буд. Қудрати давлат афзоиш ёфт, ҳатто империяи Чин Хонигарии Хӯқандро эътироф кард.

Баъди марги Нарбутабий писараш Алимбек ба тахт нишаст. Дар давраи ҳукмронии ӯ (1798-1810) мақоми сиёсии Хӯқанд боз ҳам мустаҳкамтар шуд. Воҳаи Оҳангарон, Тошканд, Чимкент, Сайрам ва Туркистонро мутеъ намуд. Дар натиҷа бо Россия роҳи тиҷоратӣ кушода шуд. Дар чорроҳаи роҳҳои тиҷоратӣ, ки ба Оренбург мебурд, шаҳри сарҳадии Хонигарии Оқмачит қомат рост кард.

Соли 1805 Олимбек давлати худро расман Хонигарии Хӯқанд эълон кард ва ӯ расман Олимхон номида шуд. Саъю кӯшиши Олимхон барои таъсиси давлати пуриқтидори мутамарказ боиси эътирози шадиди сарони қабилаҳо гардид. Дар натиҷа дар Хӯқанд гӯё «Олимхон дар Тошканд вафот кардааст»

овозаҳоро паҳн намуда, бародари хурдиаш Умарбекро хон эълон карданд. Аз ин хабардор шуда, Олимхон ба Хӯқанд бармегардад ва қурбони фитна мегардад.

Бояд қайд кард, ки дар аҳди Олимхон (1800-1810) аҳаммияти сисёсии Хӯқанд дар натиҷаи муттаҳид намудани Фарғона, ҳамроҳ карда шудани Тошканд ва Чимкент хеле афзуд. Бавижа, аз сӯйи Олимхон тобеъ кардани шаҳрҳо ва водиҳои Оҳангарон, тамоми вилояти Тошканд, инчунин Сайрам-марказҳои муҳимми роҳи корвонгузари ҷониби Россия аҳаммияти бузург доштанд. «Давлати Хонигарии Хӯқанд, махсусан, дар замони Олимхон (1799 - 1809)[12] ва дар давраи ҳукмронии Умархон (1809-1822 ) ба авҷи тараққиёти худ расид.

Олимхон ба муқобили Ӯротеппа 15 маротиба лашкар кашидааст. Ӯ чи бар зидди Хоразм ва чи ба муқобили бодиянишинони қирғиз мубориза намуда, хоки мамлакатро ба тарафи шимол хеле вусъат дод ва дар соли 1808 пас аз хунрезии зиёд Тошкантро ба хоки давлати Хонигарии Хӯқанд ҳамроҳ кард. Дар давраи ҳукмронии Умархон давлати Хонигарии Хӯқанд ҳатто соҳилҳои дарёи Чуро низ идора менамуд. Дар солҳои 30 асри XIX ҳатто Қаротегин ва Дарвоз низ бо зӯри яроқ ба Хӯқанд ҳамроҳ карда шуданд» [28, с.340].

Бояд хотирнишон кард, ки баъди забти Тошканд иқтидори Олимхон аз қудрати Бухоро кам набуд. Ӯ соли 1805 ба таври расмӣ рутбаи хониро қабул намуд ва кишвари Фарғона Хонигарии Хӯқанд ном гирифт.

Аз аввалин иқдомҳои давлати Умархон (1810-1822) кӯшиши барпо намудани иттифоқ бо амири Бухоро Ҳайдар буд. Лекин ин иттифоқ мустаҳкам шуда натавонист.

Пас аз марги Умархон писар ва ворси ӯ Муҳаммадалӣ (Мадалӣ) (1822-1842) тамоми умури Хонигарии Хӯқандро дар дасти худ нигоҳ дошт. Ӯ чандин дафъа ба самти ҷанубу шарқ лашкар кашид. Соли 1834 лашкари Хӯқанд мулкҳои Дарвоз ва Қаротегинро зери даст намуд ва муддате чанд ҳокими Кӯлоб низ ба итоати вай сар даровард. Мадалӣ бо Ӯротеппа ҷанг кард.

Муҳаммадалихон ба мисли амири Бухоро Насрулло, як марди золим ва бераҳме буд.

Бояд қайд кард, ки дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX тоҷикон дар қаламрави Аморати Бухоро, Хониҳои Хӯқанд ва Хева, дар Афғонистон, Эрон, қисмати шимолу ғарбии Чин, дар Россия, инчунин дар баъзе шахрҳои Ҳинд зиндагии осуда доштанд, ки доир ба масъалаи мазкур олим ва шоири немис Ж. Перти солҳои 50-уми асри XIX чунин навиштааст:

« Форсҳо ё тоҷикон (худро ҳамин тавр меноманд) дар Осиё халқи хеле маъмуланд. Онҳо дар кӯҳҳои Эрон то дарёи Ҳинд маскан гирифтанд, ҳатто дар Турон ва қисми ғарбии Осиёи Боло вомехӯранд. Дар Россия ва Сибир масканҳои худро барпо карданд» [92, с.27].

Ҳамин тариқ, соли 1710 дар натиҷаи аз ҷониби пешвоёни қабилаи минг эълон шудани Шоҳрухбий ҳамчун ҳоким, мингҳо ҳокимияти пешвоёни динии чодакҳоро сарнагун карда, тамоми ҳокимияти Фарғонаро ба дасти худ гирифтанд ва дар Осиёи Миёна давлати наве таъсис доданд, ки баъдтар он Хонигарии Хӯқанд номида шуд. Теппақӯрғон ба ҷойи истиқомати Шоҳрухбий табдил ёфт. Лекин муттаҳидшавии Фарғона бо Хӯқанд танҳо дар аввали асри XIX ба анҷом расид. «Ин воқеа дар солҳои аввали ҳукмронии Олимхон (1798-1810) дар натиҷаи пирӯзии Мингҳо, ҳамчун яке аз чаҳор қабилаҳои ӯзбек, ки ҳар кадоми онҳо дар навбати худ намояндаи худро аз авлоди Нарбутбий доштанд, рух дод. Олимхон бо рақибони худ (амакбачааш Рустамбий ва амакаш Ҳоҷибий) ва дигар мухолифон мубориза мебурд. Дар ҳамин ҳол, юзҳо аз барбод рафтани юриши Хӯқанд дар солҳои 1798-1799 бар зидди ҳокими Тошканд Юнусхоҷӣ истифода карда, Хуҷандро дубора забт карданд [6, с.41-42].

Ҳамзамон, ҳангоми таҳлил асари мазкур маълум мегардад, ки ҳокими Чуст аз авлоди Шайх Лутфуллоҳ Чустӣ Бузругхоҷа (падарарӯси духтари Норбутабий) бар зидди Олимхон исён мебардорад, ки он бо душвории зиёд пахш карда мешавад. Лекин соли 1803 Юнусхоҷа ба Фарғона ҳуҷум карда, дар набарди шадид дар соҳили рости Сирдарё дар наздикии Гурумсарой торумор

гардид. Танҳо соли 1805 Олимхон баъд аз ҷанги ҳафтсола ниҳоят Хуҷандро забт мекунад.

Ҳарчанд Олимхон бо заҳмату кӯшишҳои зиёд дар давлат тартиботи нисбӣ барқарор карда тавонист, аммо дар натиҷаи интиқомҳои хунини худ бар зидди нофармонҳо чи дар байни ашрофони ӯзбек ва ҳам дар байни хоҷаҳо душманони зиёде дошт. Аз ин рӯ, барои таҳкими мавқеаш дар дигар қишрҳои мардум пуштибонӣ меҷуст ва онро дар миёни мардуми Тоҷикистони кӯҳистон ва Ховари Миёна пайдо кард, зеро онҳо як унсури қавмии бегона буда, бо гурӯҳҳои маҳаллӣ робита надоштанд.

Маҳз аз ҳамин сабаб, Олимхон то соли 1805 якчанд дастаҳои калони савораи бо яроқи оташфишон мусаллаҳ (баъзе маъхазҳо, шумораи умумии онҳоро то 10 ҳазор нафар маълумот медиҳанд) ташкил намуд, ки ба қувваи зарбазани аскарони Хӯқанд табдил ёфт.

Ҳамин тариқ, давраи охирини таърихи Хонигарии Хӯқанд (1842-1876) хусусияти ба худ хос дорад, зеро ки муборизаи хунини байни гурӯҳҳои дарборӣ дар замони ҳукмронии Муҳаммадалихон, истилои Бухоро ва таъқибҳои ба он вобаста ба ашрофони Хӯқанд, суқути ҳокимияти он дар Фарғона боиси хеле заиф шудани синфи ҳукмрони мегардад. Аъёну ашрофи қабилавии куҳнаи мингҳо низ қудрати пештараи худро аз даст доданд.

Мавҷудияти минбаъдаи Хонигарии Хӯқанд бештар ба бодиянишинони Фарғона вобастагӣ дошт, ки гурӯҳи сершумори онҳо қипчоқҳо буданд, ки созмони қабилавии хеле қавӣ доштанд. Дар навбати худ, бодиянишинони Фарғона, ки дар наздикии воҳаҳои муқими кишоварзӣ зиндагӣ мекарданд ва ба маҳсулоти онҳо эҳтиёҷ доштанд, ба робитаҳои устувори иқтисодӣ бо ноҳияҳои муқимӣ манфиатдор буданд. Ин иштироки фаъолонаи кучманчиёнро дар ҳаёти сиёсии хонӣ муайян кард: онҳо кӯшиш мекарданд, ки ҳокимиятро ба дасти худ гиранд. Қувваи пешбарандаи ин фаъолият ҳамон табақаҳои элитаи қабилавӣ буданд, ки нисбат ба дигарон бештар ба раванди феодализатсия ҷалб шуда буданд.

Бояд тазаккур дод, ки асарҳои хусусияти таърихнигоридоштаи Хӯқанд дар давраи баъдӣ, яъне баъди ба Россияи подшоҳӣ дохил шудани Хӯқанд, дар Туркистони мустамликавӣ дар поёни садаи XIX ва ибтидои садаи XX ба вуҷуд омадаанд, ки дар замони муосир баррасӣ ва таҳлили онҳо бояд идома ёбад.

Хулоса карда баён намоем, мо дар зербоби аввали боби дуюми рисола масоили салтанати Шоҳруххон ва ташаккули Хонигарии Хӯқанд мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор дода ба чунин хулосаҳо омадем. Масъалаи ривоят дар бораи пайдоиши хонҳои Қӯқанд, салтанати Шохруххон ва ташаккулу ҳукмронии пайдарпайи дар хонигарии Қӯқанд чун солномаи таърихӣ «Таворихи Шахрухия» ба маънои «Солномаҳои ҳокимони Шохрух» ё «Солномаҳои Шохрух» маълум гаштааст. Инчунин воқеаҳои замони сари қудрат омадани аввалин ворисони Шоҳрух, соҳиб гардидани онҳо ба унвони «хон», ва достонҳо ва махсусан достони шуриши Ҳоҷӣбей, замони охири ҳукмронии Норбутахон ва монанди онҳо нишон додашудааст.

Дар замони хукмронии Эрдонабий ва Нарбутабий, Хонигарии Хӯқанд бар зидди Бухоро ва Чин мубориза бурдааст, ки дар натиҷа иқтидор ва манфиатҳои хонигарӣ боло меравад. Олимхон, ки баъд аз забти Тошканд дар давраи ҳукмронии худ Хонигарии Хӯқандро барқарор намуд, ба густариш ва васеъ намудани ҳудудӣ хонигарӣ, ба ӯ картони сиёсиву иқтисодӣ, мусоидат намуд. Аммо, муборизаҳои дарборӣ ва норозигии қабилаҳо боиси заифшавӣ ва тағйироти назаррас дар назарияи ҳокимият гардид.

**Б**артарии Хонигарии Хӯқанд дар замони Олимхон ва Умархон бо табдилдиҳӣ ва муташаккилсозии намудҳо, хоҷагидорӣ ва таҳкими заминаҳои иқтисодӣ нишон дода шуданд. Вале, баъдтар ин тамоми таъсиротҳо бо сабаби истилои Бухоро ва хунрезиҳои шадид ва нотавон гардиданд.

Асари таърихиро, бахусус "Таворихи Шахрухия", ки ривоятҳоро дар бораи худовандони Хӯқанд ва қиссаҳои таърихии мухталиф, аз ҷумла шуриши Ҳоҷӣбей, инъикос намуда, метавон ҳамчун манбаи муҳим барои фаҳмиши таърихи хонигарӣ ва ташаккули сиёсӣ ва иҷтимоии он давра шинос гардем.

Таҳлил ва хулосаҳои зербоби мазкур нишон медиҳанд, ки ташаккули Хонигарии Хӯқанд ба раванди таназзул ва муборизаҳои заифшудаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва замонӣ хеш вобаста буд, ки бо таърихи минтақа ва маркази Осиёи Миёна алоқаманд аст.

## 2.2. Вазъи сиёсии тоҷикон Хонигарии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки дар нимаи дуюми асри XVIII дар сарзамини Осиёи Миёна якчанд давлатҳои мустақили феодалӣ арзи вуҷуд доштанд. Ба монанди Аморати Бухоро, Хонигариҳои Хӯқанд ва Хева, мулкҳои ниммустақил[63]. Байни ҳар кадоми давлатҳои мустақили рақобати сиёсии доимӣ вуҷуд дошт, ки дар асри XIX (дар арафаи ҳуҷуми Россияи подшоҳӣ - «М» ) ба ҷангҳои хунин ва парокандагии баъзеи онҳо оварда расонд.

Тавре маълум аст, дар таърихи Осиёи Марказӣ дар ҳудуди водии Фарғона дар ибтидои асри XVIII аз заъифии аморати Бухоро истифода намуда, давлати наве ба вуҷуд омад, ки он баъдҳо номи Хонигарии Хӯқандро гирифт. Асосгузори ин давлатдорӣ Шоҳрухбий намояндаи қабилаи минг буд, ки он бо роҳи табаддулот ҳокимиятро аз хоҷагони чодакӣ, ки аз бонуфузтарин хонаводаи аҳли тасаввуф ва роҳнамои маънавии мардуми Фарғона буданд, ғасб намудааст. Дар ҳақиқат, Шоҳрухбий ба ташкили давлати мустақил дар Фарғона, бо пойтахт дар Хӯқанд асос гузоштааст[9,с.7]. Аввалин маркази сиёсии давлати навътаъсис бо номи қалъаи Тӯрақӯрғон маҳсуб меёфт. Мувофиқи ахбори Мулло Ниёз Муҳаммад, муаллифи китоби «Таърихи Шоҳрухӣ» ин воқеа соли 1709-1710 мелодӣ ба амал омадааст ва хони аввалин Шоҳрухбий (1709/10-1722) дар дижи Хӯқанд, ки худаш сохта буд, ба сари тахт нишаст. Дар ин вақт ҳудуди ҳукумати навтаъсисро танҳо қисмати маркази водии Фарғона дарбар мегирифт.

«Давлати Хонигарии Хӯқанд, ки яке аз воситаҳои ҳаракати тороҷгаронаи амир Насрулло шуда омад, ҳанӯз дар аввалҳои салтанати Абулфайзхони Аштархонӣ ба иқтидори маълуме соҳиб гардида буд, Шоҳрухбӣ ном сардори

қабилаи Минг бар зидди феодалони маҳаллӣ, қазоқ на қалмоқҳои бодиянишин мубориза бурда истода, дар соли 1715 дар вилояти Хуҷанд ҳукуматчаи мустақиле ташкил намуд. Эрдонабӣ, ки дар нимаи дуюми асри XVIII ба ҳукумати Хонигарии Хӯқанд соҳиб шуда буд, аз вазъияти дохилии ҳукумати Хонигарии Бухоро ва ҷангҳои Муҳаммадраҳимхони манғит истифода намуда, мавқеи худро ҳатто дар гирду атрофи Ӯротеппа низ мустаҳкам намуд» [28, с.340].

Таърихи ҷулуси Шаҳруххонро Мулло Ниёзмуҳаммад ибни Мулло Ашурмуҳаммади Хӯқандӣ дар китоби мавриди пажӯҳиш ба риштаи назм кашида, чунин овардааст. **Таърих:**

Ту давраи салтанатро то кунун аз шоҳи туркон гӯ,
Гузашти умри онҳоро ба суръат тири пааррон гӯ.
Басоси салтанат Шаҳрух бидод аввал ба Фарғона,
Ба аслу дар насаб обову аҷдодаш Гургон гӯ.
Ба аввал арки давлатхона ӯ карда ба Куктунлук,
Дар он ҷо фатҳу нусрат ёфта аз лутфи Яздон гӯ.
Бигуфт: Соли ҷулуси Шаҳрух хирад бар ман,
Агар ҷӯи ту таърихи ҷулуси ӯ, зи «Шаҳрух» ҷӯ.

Тибқи ақидаи шайх Домулло Бозори Намангонӣ, ки муосири ӯ буд, даври салтанати Шаҳрухро 12 сол буд ва дар соли сездаҳум вафот карда буд, меҳисобад. Аз вай се писар таваллуд ёфт, аввали ӯ Абдурраҳимбек ва авсати ӯ Абдулкаримбек, сеюми ӯ Шодибек, ки шарафи ҷулуси салтанат дар наёфта буд, марсумоти хонӣ ва муомилоти ҳукмрониро дар қоидаи маслиҳат иҷро менамуд, Баъди вафоти Абдукаримбий (с. 1750), дар муддати кӯтоҳ писари ӯ – Абдураҳмонбий ҳукмронӣ кард.

Чӣ хеле ки дар сарчашмаҳои таърихӣ қайд мешавад: «Баъди нӯҳ моҳи ҳукуматдорӣ, Абдураҳмонбий аз ҷониби асилзодагон - феодалони Фарғона ҳокими Марғилон таъйин мегардад ва ба қалъаи Ёрмазор фиристода мешавад» [13,с.26]. Ба ҷойи ӯ амакбачаи ӯ писари Абдураҳимбий – Абдуқаюмбий ба сари ҳокимият меояд.

«Бо сиёсати бомаҳорати худ, дар таърих бо номи Эрдонабий [2, с.13] (Эр-мард, доно - донишманд) боқӣ мондааст» [64 с.63-67].

Сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар давоми ҳукмронии худ Эрдонабий, дар мобайни гурӯҳҳои ичтимоии гуногун обрӯю эътибор ёфтааст. Дар давраи ҳукмдории ӯ, шахсони мансабдор ва ҳокимони вилоятҳо дар вазифаи худ монданд ва адои хизмат мекарданд. Ин сиёсати Эрдонабий давомияти ҳокимиятро таъмин намуд. Масалан, ба ҷои Дӯстқулибек - сарлашкари хонигарӣ, баъди вафоти ӯ, писараш Идрисқулбек ин вазифаро ишғол намуд. Хоҳари худ - Ойҷонойимро ба никоҳи Абдураҳимбий -амакбачаи худ, ки то ба сари ҳокимият омадани ӯ дар тахти хонигарӣ нишаста буд, медиҳад. Аз никоҳи онҳо Абдулҳамидбек ном писар ба дунё омад, ки сонияи бо номи Норбутабий хонигариро идора мекунад. Писари калони Абдураҳимбий - Бобобек, дар вақти аввали ҳуҷуми қалмиқҳо ба онҳо ҳамчун гарав дода шуда буд, ӯ дар соли 1753 озод шуда ба Хӯқанд баргашт. Гурӯҳи феодалон ӯро тарафдорӣ намуда, Эрдонабийро аз вазифаш сабукдӯш намуданд ва бо ҳамин тавр Бобобек ба сари ҳокимият омад. Дере нагузашта, дар мавзеи Бешариқ Бобобек кушта мешавад, давраи ҳукмронии ӯро шаш моҳ гуфта қайд менамоянд.

Бояд хотирнишон кард, ки дар натиҷаи муборизаҳои сиёсӣ, Эрдонабий дафъаи дуввум ба сари ҳокимият меояд ва дар солҳои 1754-1769 ҳукмронӣ мекунад. Давраи ҳукмронии Эрдонабий, ба оғози муносибатҳои дипломатӣ бо империяи Син (Хитой) рост меояд. Ҳамин тавр, муносибатҳои нави Хӯқанд ва Хитой оғоз ёфт ва то охири давраи ҳукмронии Муҳаммад Алихон давом кард [2, с.17 ].

«Ҳукмдорони Туркистони Шарқӣ - авлодҳои Саримсоқхӯҷа ба Хӯқанд муҳоҷират кард. Империяи Син аз Эрдонабий, баъди ӯ аз Норбӯтабий талаб менамояд, хонаводаи «хоҷагон»-ро ба Хитой баргардонад. Эрбӯтабий сонитар Норбӯтабий, ба талаби хитоиҳо ҷавоби рад доданд» [46, с.46]. Эрдонабий бо хони Бухоро Муҳаммад Раҳимхон ҳам алоқаҳои дӯстонаи дипломатиро ба роҳ монд, ки дар натиҷа онҳо якҷоя ба мулки Ӯротеппа лашкар мекашанд.

Ба Ӯротеппа Фозилбий юз ном шахс ҳукмронӣ мекард, ӯ дар навбати худ, ҳокими Ҳисор Муҳаммад Аминбийро ба ёрдам даъват кард ва онҳо якҷоя, бомуваффақият мудофаи Ӯротеппаро ташкил карданд. Эрдонабий ва Муҳаммад Раҳимхон мулки Ӯратеппаро тобеъ карда натавонистанд, дар вақти ақиб гаштан ба Хӯқанд, дар лаби Оқсув ба қӯшинҳои Эрдонабий ӯратепагиҳо ҳуҷум карда, талафоти калон доданд. Баъди як сол Эрдонабий аз нав ба Ӯротеппа лашкар кашид ва шаҳрро забт карда, ба тобеиати худ даровард.

Ҳамин тавр, «дар давраи ҳукмронии Эрдонабий Хӯқанд бо давлатҳои Син, Бухоро муносибатҳои дипломатиро ба роҳ монд. Дар натиҷаи инкишофи системаи обёрӣ, зироатчиги нкишоф ёфт. Бо фармони Эрдонабий дар Сӯхсой ҷӯи калон сохта шуд, ки сонияи он номи Найманчаро гирифт» [95, с.92].

Дар солҳои 1760-1762 қабилаҳои кӯчманчии қирғизҳо, бо монанди ичқилиқ, муғилдар, қушчина, қошӣ, адигине, ки дар ҳудуди Ӯш, Ӯзганд зимистонро мегузаронданд ва аз мавсими аввалибаҳор ба қаторкӯҳҳои Фарғона мекӯчиданд, ба тобеиати хонигари даровардa шуданд. Яке аз калонтарин қабилаи қирғизҳо бо номи сарибағише, ки дар атрофи Андиҷон зимистонро мегузарониданд ва ба аҳолии муқим - тоҷикон ва ӯзбекони ин ҳудуд гоҳ-гоҳ ҳуҷум карда, молу мулки онҳоро талаву тороҷ мекарданд, аз ҷониби Эрдонабий тақиб карда шуд. Баъди тақибҳои ҳарбӣ сарибағишҳо маҷбур шуда, ба шимол - водии Чуй кӯч бастанд.

Чун хонигарии Хӯқанд ба давлати мутамарказ ва пуриқтидор табдил ёфт, Эрдонабий бархе аз қабоили кӯчманчии қирғизҳо, қароқалпоқ ва қипчоқҳоро дар қисмати шарқии водии Фарғона мутеи худ намуд.

Дар давраи ҳукмронии Эрдонабий «баъди ба Фарғона расидани марзи империяи Хитой худро тобеи он эълон кард» [90, с.498]. Аммо ин масъала дар таърих баҳснок аст, оид ба тобеияти Хӯқанд ба Хитой дар сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти дақиқ нест. «Бино бар маълумоти як ҷуғрофидони чинӣ Фарғона дар солҳои 1759-1760 ба чор бекигӣ – Андиҷон, Намангон, Марғилон, Хӯқанд тақсим буд. Хӯқанд бо сардории Эрдонабий байни онҳо афзалият

дошт» [90, с.498]. Соли 1769 баъди бемории кӯтоҳмуддат Эрдонабий вафот кард, дар баъзе адабиёт соли вафоти ӯ 1774 нишон дода мешавад [90, с.499].

Тибқи маълумоти «Таърихи Шоҳрухӣ»- и Муллониёзи Хӯқанди баъди Эрдонабий ба сари ҳокимият, дар муддати кӯтоҳ Сулаймонбий ибни Шодибий меояд. Шодибий сеюм писари Шоҳрухбий – асосгузори давлат буд. Сулаймонбий дар муддати кӯтоҳ – ҳамагӣ шаш моҳ ҳукмронӣ кардааст, оид ба ҳукмронии ӯ дар сарчашмаҳои таърихӣ низ маълумотҳои гуногун мавҷуд мебошад. Масалан, муаллифи асари «Таърихи Фарғона»- Муҳаммад Фозилбек дар асари худ – «Таърихи муфассали Фарғона», қайд менамояд:

«Ӯ одами бесабру қаноат ва саркаш буд, ба суханони авлиёҳо беэътибор, ки буд баъди шаш моҳ аз тахт сарнагун шуд» [37, с. 287] ва қатл карда шуд. Дар сарчашмаи дигар қайд карда мешавад, ки Абдулло қӯшбегӣ (қӯшинбегӣ - сарлашкар) ном аз шахсони намоёни қабилаи минг, ташаббускор ва ташкилотчии табаддулоти давлатӣ шудааст. Дар мобайни Сулаймонбий ва ӯ, дар ҷараёни кор нофаҳмиҳо ба вуҷуд меояд. Абдулло қӯшбегӣ ба ҷойи хатогиҳои худро ислоҳ кардан, дар атрофи худ тарафдоронашро ҷамъ намуда, бар алайҳи Сулаймонбий суиқасд ташкил менамояд. Абдулло қӯшбегӣ дар ин фитна ба бародари худ, ҳокими Хуҷанд - Абдураҳмон баҳодур минг такя мекард. Ду бародар, ба ин суиқасд шахси бонуфузи давлати Фарғона - Ирисқулибек ибн Дӯстқули баҳодурро, ки амирул умарои хонигарӣ буд, дар якҷоягӣ бо дигар амирони обрӯманд ҷалб менамояд» Суиқасдчиён ба сарой бо шамшерҳо даромада, Сулаймонбийро ба асирӣ гирифтанд ва баъди чанд рӯз хони бисту панҷ соларо қатл намуданд. Аз Сулаймонбий меросхӯр набуд» [79, с.94-95], ба ҷойи ӯ Абдулҳамидбек ибн Абдураҳмонбек (солҳои 1770 – 1800) ба сари ҳокимият омад ва дар мобайни мардум ӯ бо номи Норбутабий, дар бисёр адабиёт Нарбута, Нарботур баён шудааст.

Бояд қайд кард, ки ҳаёти сиёсии хонигарии Хӯқанд ба давраи ҳукмронии Норбутабий, ки солҳои 1770 – 1800- ро дар бар мегирад, вобаста буда, ӯ набераи Абдураҳимбий – дуюмин хони Хӯқанд буд. «Бинобар маълумоти сафарномаи унтер-офитсери рус Филипп Ефремов ҷониби Хитой Норбӯтаро, ки

бо Чин иттифоқ дошт ва бо Бухоро душманӣ меварзи, хон эътироф кард» [90, с.499]. Ин маълумот боз як бор нишон медиҳад, ки Хӯқанд ба империяи Сини хитойиҳо асло тобеъ набуда, баръакс, хитойиҳо ҳар сол, барои аз назари худ дур нанамудани хонаводаи « хоҷагон» -и собиқ ҳукуматдорони Туркистони Шарқӣ, ба хазинаи Хӯқанд дар ҳаҷми калон нуқра месупориданд. Тибқи таҳлили адабиёти илмӣ маълум мегардад, ки Норбутабий муттаҳидшавии ҳудудҳои қисмати марказии водии Фарғонаро аз ҷиҳати сиёсӣ таъмин карда тавонистааст. Хусусан, «сиёсати ҷудоихоҳии ҳокимони Чуст, Намангонро пахш карда, Хуҷандро ки ба мулки мустақил табдил ёфта буд, аз нав ба тобеияти худ даровард. Ҳукмронии Норбӯтабий дар мубориза бо ҳокимони маҳаллии бо ӯ душман, инчунин бо кӯшиши ба худ тобеъ намудани Ҷиззах ва Ӯротеппа идома кард. Дар солҳои 80-ум қабилаҳои кӯчманчии қирғизҳои ҳудуди Фарғона ва қисман Тян-Шан ба хонигарӣ тобеъ гардид ва андоз месупорид» [79, с.93-94].

Бояд зикр кард, ки дар солномаҳои таърихӣ низ оид ба лашкаркашии Норбутабий ба Тошканд маълумотҳо мавҷуд аст. Дар баъзе адабиёти русӣ, оид ба асирӣ афтидани ӯ дар вақти лашкаркашӣ дар Тошканд ва қатл шудани он дар соли 1800, маълумотҳо мавҷуд аст, ки сарчашмаи ин маълумотҳо нишон дода намешавад.

Солномаҳои таърихӣ таъкид мекунад, ки дар давраи Норбутабий ҳудуди водии Фарғона бапуррагӣ дар Ғарб то вилояти Хуҷанд ба хонигарӣ тобеъ гашт. Албатта, тобеияти вилоятҳои водии Фарғона ба Хӯқанд, дар бисёр вақт рамзӣ буд ва бо мавқеи ҳокимияти марказӣ вобастагӣ дошт. Агар ҳокимияти марказӣ пурқувват бошад, онҳо дар итоат буданд, дар ҳолати заиф гаштани ҳокимияти марказӣ мулкҳо ба мустақилият зӯр мезаданд. Хусусан, Ӯротеппа, ки шароити қулайи ҷуғрофӣ ва истеҳкоми мустаҳками ҳарбӣ дошт, аз аввал то охири арзи вуҷуд доштани хонигарии Хӯқанд, ҳамчун мулки ниммустақил ва баҳснок дар мобайни Аморати Бухоро ва Хонигарии Хӯқанд боқӣ монд.

Чӣ хеле ки Н. Петровский таъкид мекунад: «... ин вилоятҳо аз ҷониби айнан Норбутабий забт карда шудааст ё не гуфтан душвор аст. Чӣ хеле ки дар таърихи ҳамаи хонигариҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла хонигарии Хӯқанд (то

охири арзи вуҷуд доштани он) бисёр мисол овардан мумкин аст, ки дар давраи ҳукмронии як хон ҳудуди вилояти нав забт шуда бошад, дар давраи меросхӯри он аз тобеият мебаромад ё ба тобеияти дигар хонигарӣ мегузашт ва аз нав забт карда мешуд» [79, с.732].

Таҳлили сарчашамаҳо нишон медиҳанд, ки Норбутабий дар синни 14-солагӣ ба сари ҳокимият омад ва дар мобайни намояндагони сулолаи Минг аз ҳама барзиёд – зиёда аз 30 сол хонигарии Хӯқандро идора намуд. Дар осори таърихӣ перомуни ба поён расидани замони ҳукумронии Норбутабий фикру андешаҳои мухталиф мавҷуд мебошанд. Ин маълумотҳо дар ағлаби мавoрид ба якдигар дар таноқуз қарор доранд, аз ҷумла, солҳои 1798, 1799, 1800, 1801, 1808 ҳамчун солҳои вафоти ӯ қайд шудааст [95, с.287].

Бояд қайд кард, ки Муллониёзи Хӯқандӣ дар «Таърихи Шоҳрухӣ» дар бораи салтанати Норбутабий маълумот дода қайд кардааст, ки дар андак фурсат Норбутахон ба қушуни биллониҳоя ва бо лашкари беҳадду ғоя бар болои Андиҷон расида, нузул намуд. Муслиҳони балоғатшиор ва доноёни фасоҳатосор дар миёна фармуда, ба хубтарин муомилот, ба малеҳтарин мақолот мири ғайюрро ба ислоҳ оварданд, ба хизмати Норбутахон ба иззату ҳурмат оварданд. Ҳар ду додару бародар якдигарро ба оғӯши шафқат кашида, сози нолаи гиряро дар пардаи мақоми наво ба дилхарошӣ дар садо даровარданд. Фарёду фиғон аз дили дардмандон, ҳамнишинон ва вазиру надимон суъуд карда, сақфи хонаро бардошта ба сақфи фалаки ҳузро муттавасил гардониданд. Ҳамзамон, дар бораи соли идоракунии Норбутабий чунин шарҳ додааст: ҷумҳури давлатхоҳони салтанат ва намакхорони аморат, вазирону надимон ва маҳрамону хавосу авом даруну буруни боргоҳ ғулғулаи нолаю зорӣ ба гунбази лоҷувардӣ расониданд, сиюшашсола салтанатро ба як хамёзаи марг ба боди фано дардод, пояи нардбони мусибатро ба боми беруин расониданд. Назм:

Сиюшашсола салтанат он рӯз,
Кард барбод як дами дилсӯз.
Шодкоме, ки ҳамчу барқ гузашт,
Теғи алмос гашт, шуд дилдӯз.

Оид ба ҳаёту фаъолият ва давраи ҳукмронии Норбутабий маълумотҳо кам бошанд ҳам, маълум карда шуд, ки ӯ соҳиби панҷ писар ва панҷ духтар буда, валиаҳд, меросхури тоҷу тахт, писари калонаш – Олимбек будааст.

Ҳамин тариқ, соли 1800 баъди вафоти Норбутабий дар мобайни меросхӯрони ӯ барои тоҷу тахт мубориза сар мешавад. Дар мобайни талабгорони ҳокимият бародари ӯ Ҳоҷибек ва писаронаш Олимбек, Рустамбек буданд. Дар мобайни онҳо дасти тарафдорони Олимбек баланд омад ва ҳокимияти падараш ба ӯ гузошт. Дар ин муборизаҳо мақоми тағои Олимбек - Ирисқулбий калон буд, ӯ Олимбекро тарафдорӣ намуд ва сухани ӯ оид ба валиаҳд ҳалкунанда шуд.

Ҳамин тавр, мо дар зербоби дуюми боби дуюм омӯзиш ва таҳқиқӣ масъалаи вазъи сиёсии Хонигарии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII кушиш намуда ба хулосаҳои

Вазъи сиёсии Хонигарии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII бо рӯйдодҳои назаррас ва муносибатҳои қабилавӣ ва дипломатӣ характери болоравӣ ва ривоҷёбӣ доштааст. Асосгузори хонигарӣ Шоҳрухбий, ки дар ибтидои асри XVIII ҳокимиятро забт намуда, давлати наве бо пойтахт дар Хӯқанд таъсис додаст, ки ҳудуди ин давлат дар аввал бо водии Фарғона маҳдуд будааст.

Таърих нишон медиҳад, ки Эрдонабӣ, дуюмин хони Хӯқанд, бо сиёсати таҳкими ниҳодҳои давлатӣ ва мустаҳкам кардани мансабҳои давлатӣ, тавонистааст ба муттаҳидкунии миллатҳои гуногун анҷом диҳад. Эрдонабӣ дар давраи ҷангҳо бо Аморати Бухоро ва корҳои воқеан зиёд ва муфидро анҷом додаст. Вай қабилаҳои қирғизҳоро дар минтақаҳо таҳти назорати ҳукумати марказӣ қарор дода, ба муносибатҳои дипломатиро бо Хитой ва Бухоро иваз намуд.

Ин давра дар таърих бо номи Норбутабий шинохта шудааст, ки дар он замон хонигарӣ ба устувории сиёсӣ расида, то он вақт, ки баъд аз марги ӯ муборизаҳо барои тасарруфи тахт барои меросхорон авҷ гирифт.

Муборизаҳо дохилии байни хониҳо ва табақаҳои феодалӣ барои қудрат ва манфиатҳо боиси сустшавии хонигарӣ гардид, ки ин раванд дар давраи ҳукмронии Норбутабий низ идома ёфт. Ҳамин тариқ, вазъи сиёсии Хонигарии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII нишондиҳандаи бисёр рақобати маҳаллӣ ва муҳити мураккаби сиёсии Осиёи Миёна будааст.

### 2.3. Ҳаёти сиёсии хонигарии Хӯқанд дар аввали асри XIX

Таърих гувоҳ аст, ки дар аввали асри XIX дар ҳаёти халқи тоҷик ва дигар гурӯҳҳои этникии дар ҳудуди Осиёи Миёна сукунат гирифта буданд, , бо пурқувват шудани хонигарии Хӯқанд, васеъ гардидани ҳудуди он аз ҳисоби вилоятҳои Тошканд, Туркистон ва ҳудуди ҷануби имрӯзаи Ҷумҳурии Қазоқистон (дар адабиёти он давра Дашти Қипчоқ номида мешавад) оғоз ёфт. Ҳаёти сиёсии хонигарии Хӯқанд дар аввали асри XIX ба давраи ҳукмронии Олимхон (1800-1810) ва Умархон (1810-1822) рост омада, бо хусусияти ба худ хос рушд кардааст.

Таҳлили сарчашмаи мавриди таҳлил нишон медиҳад, ки баъди вафоти Норбутабий, дар Хонигарии Хӯқанд, барои тоҷу тахт мубориза авҷ мегирад. Дар ин мубориза дасти тарафдорони писари калони Норбутабий Олимбек баланд омад. Он гурӯҳҳое, ки ба сари ҳокимият омадани Олимбек монеагӣ карда буданд, аз ҳокимият дур карда шуданд. Бо фармоиши ӯ Ҳоҷибек бародари Норбутабий, ки яке аз талабгорони асосии тоҷу тахти Хӯқанд буд, бо аҳли хонаводаи худ ба қисмати шимоли хонигарӣ - ба ҳудуди Талас (ҳозира Қирғизистони шимолӣ) бадарға карда шудаанд. Олимбек соли 1800 ба сари ҳокимият омада, солҳои 1800-1810 Хонигарии Хӯқандро ҳукмронӣ кардааст. Оид ба ҳукмронии Олимхон, дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ низ баҳогузории гуногун вуҷуд дорад. Сабаб он аст, ки тағйироти гуногуни ҷамъиятӣ, ислоҳотҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ, дар давраи ҳукумронии Олимбек рӯй дод. Дар роҳи инкишофи давлати Фарғона, аввалин қадамҳо аз давраи ҳукмронии ӯ оғоз гирифт. Замина барои қушунҳои мунтазами хонигарӣ, аз давраи ӯ гузошт шуд ва якҷоя бо қушунҳои қабилавие, ки мақоми сарварони

қабилаҳоро баланд мебардошт, қушунҳои мунтазаме, ки асосан аз тоҷикони кӯҳистони иборат буд, дар давраи Олимбек ташкил карда шуд. Ин ҳолат мақоми доҳиён, амирони қабилаҳоро тағйир дод, саркашии онҳо барҳам ёфт, мақоми хонро баланд бардошт. Дар ҳамин маънӣ, дар ҳақиқат: «... В. В. Бартолд ин ду бародаронро асосгузорони хақиқии давлат ва шаҳри Хӯқанд номидааст» [90,с.499]. То В.В. Бартолд оид ба сиёсати Олимхон дигар муаррихи рус В.П. Наливкин баҳои хеле баланд дода, таъкид менамояд, ки ҳамаи муваффақиятҳои Умархон ва Муҳаммад Алихон, ки дар давраи ҳукмрониашон ноил гаштанд, дар натиҷаи ислоҳотҳои Олимхон маҳсуб мешавад. «Ӯ золим нест, – менависад В. Наливкин, - аз ҷониби аҳолии одӣ қаҳрамони қадрнаёфта, ӯ муттаҳидкунандаи Хонигарии Хӯқанд, ташкил кардани давлати пурқувватро орзу намуд ва ҳам барои ба амалпӯшондани ин орзу ғайрат намуд. Ӯ, бешубҳа, шахси нотарс ва боғайрат, бошафқат ва серталаб буд...» [69,с.144]. Агар ба адабиёти таърихӣ назар андозем, роҷеъ ба замони ҳукмрони ин ду бародар баҳсҳо зиёданд. Замони ҳукмронииии Олимхон ба ду санаи ифода шудааст: солҳои 1800-1809 ва солҳои 1800-1810.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар давраи ҳукмронии Олимхон 1800 – 1810 аҳаммияти сиёсии Хӯқанд дар натиҷаи муттаҳид намудани Фарғона, ҳамроҳ карда шудани Тошканд ва Чимкент хеле боло рафт. Махсусан, аз ҷониби Олимхон тобеъ гардидани шаҳрҳо ва водиҳои Оҳангарон, (ки дар асрҳои миёна бо унвони Илоқ маълум буд, дар асри XIX бо номи Қурама қайд карда мешавад), тамоми вилоятҳои Тошканд, Туркистон ва инчунин Сайрам - манзилҳои муҳимми роҳи корвони ҷониби империяи Россия аҳаммияти бузурге доштанд. Дар натиҷаи ислоҳотҳои ҳарбӣ, Олимхон лашкари зархарид таъсис намуд ва он такягоҳи мубориза барои ҳокимияти марказиятнок, инчунин бунёди қушуни калони Хонигарии Хӯқанд гардид. Агар то ибтидои асри XIX, хонигарии Хӯқанд давлати мустаҳками мутамарказ набошад, дар давраи ҳукмронии Олимхон (1800-1810) бо ташаббуси ӯ артиши доимоамалкунанда ташкил ёфт, ки он асосан аз тоҷикони кӯҳистони Қаротегин, Дарвоз ва дигар ноҳияву мулкҳо иборат буд. Дар сарчашмаҳо ва адабиёт оид ба шумораи

умумии ин қушуни навтаъсис, аз кадом ҳудудҳо ҷамъ шудани он қайд карда мешавад.

Чӣ хеле ки сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, Олимхон дар байни тоҷикони кӯҳистон ба эътибору нуфузи калон соҳиб гашта, аз ҳисоби ҷавонони ин мулкҳо ду отряди пурқуввати ҳарбӣ ташкил намуд: як отряд иборат аз 3700 тоҷики қаротегинӣ ва отряди дуюм - 2200 сарбоз аз ҳисоби ҷавонони Дарвоз, Шуғнон, Рӯшон ва Бадахшон. Яъне, гурӯҳи асосии лашкари Олимхонро, пеш аз ҳама, қаротегиниҳо ташкил мекарданд. Гурӯҳи дигари он, аз ҳисоби кӯҳистониҳои ҳудудҳои гуногун иборат буд. Ӯ то ҳамин дараҷа ба кӯҳистониҳо такя кард, ки нигаҳбонони шахсии хон низ аз ин қавм буданд. «Ин далел гувоҳи он аст, ки Олимхон аз ҳамқабилаҳои туркии хеш дида, ба тоҷикон зиёдтар боварӣ доштааст. Артиши ӯ аз пиёдагардон, саворагон ва артиллерия иборат буда, аз ҳисоби хазинаи давлат таъмин мешуд» [71,с.622]. Олимхон дар нахустин иноятномааш дар соли 1800 худро чун намояндаи хони номбарнашуда шиносонида буд. Сонитар ӯ ба сифати ҳокими мустақили дорои унвони хон ва амир амал кард. «...Ӯ соли 1805 ба таври расмӣ рутбаи хонро қабул намуд ва давлати Фарғона Хонигарии Хӯқанд ном гирифт» [90,с.500]. Таърихнигори бухорой Абдулкарим Олимхонро хони ниҳоят бераҳм номидааст. Бедодгариҳои ӯ ҳангоми забти Тошканд, ғазо ба дашти қазоқ, нисбат ба намояндагони рӯҳониёни маҳаллӣ ва мардуми одӣ беҳаду ҳудуд буд. Дигар муаррихи фарғонагӣ Исҳоқхон Ҷунайдуллохоҷа уғли Ибрат, Олимхонро ҳамчун «золим» тавсиф менамояд [37,с.287]. Ба гуфти П. П. Иванов амалдорону феодалҳо аз ошӯбҳои дар лашкар саршуда истифода бурданд ва бо сардории бародари хон Умар зидди ӯ суиқасд карданд. Дар натиҷа мувофиқи маълумоти Мирзо Олими Тошкандӣ Олимхон соли 1810 кушта шуд .

Баъд аз Олимхон, Умархон (1810-1822) бо дастгирии феодалону амалдорони олирутба ба сари давлат омад ва иттифоқи ҳокимияти хон ва заминдории калон дар тамоми давраи подшоҳии ӯ ҳамчун омили мустаҳкамшавии Хонигарии Хӯқанд боқӣ монд. Муаррихони Фарғонагӣ аз Муҳаммад Ҳакимхон, муаллифи китоби «Мунтахаб-ут-таворих» сар кард, вақти

ҳукмронии Умархонро ҳамчун подшоҳии дурахшон тасвир карданд. Умархон кӯшиш кард, бо амири Бухоро Ҳайдар дӯстӣ намояд, аммо ба иллати ҷангҳои марзӣ барои Ӯротеппа ва Хуҷанд ин иқдом амалӣ нашуд.

Сабаби асосӣ дар он аст, ки дар натиҷаи ҷангҳои байниҳамдигарӣ ва мансабхоҳонаи Худоёрхону Маллахон ва набардҳо бо Русия хазинаи хонӣ хеле заиф гардид, ки он дар натиҷа аз ихтиёри хонии Хӯқанд баромадани қисми зиёди сарзамини он, ки ба генерал–губернатории Туркистон тобеъ шуданд, даромади хазина хеле махдуд гардид. Минбаъд даромади хазина хонӣ дигар хароҷотро пӯшонида наметавонист. Бинобар ин, дар хонигарӣ ҳаҷм ва навъи андозҳо нисбатан афзуд. Илова ба ҳамаи ин, ҳангоми муайян намудани ҳаҷми андоз ва ситонидани он амалдорони маҳаллӣ ба худсариҳои зиёд роҳ медоданд. Ҳамаи ин хашму ғазаби халқи заҳматкашро зиёд намуд. Баҳонаи асосии шӯриш барои чорво зиёд ситонидани андоз – закот ба ҳисоб меравад.

Хотираҳо дар бобати ин кашмакашиҳо дар бозии бачагон бо номи «Ӯротеппа аз они ман» таҷассум гардид. Баҳори соли 1814 Умархон ба аҳди дӯстӣ бо амири Бухоро эътибор надода, волии тошкандии худаш Раҷаб девонбегиро барои забти шаҳри Туркистон ,ки он вақт дар зери ҳокимияти Ҳайдар буд, фиристод. Лашкари Хӯқанд бо ҳамла шаҳрҳоро ба даст овард ва аҳолиро бераҳмона талаву тороҷ намуд. Забти Туркистон боиси ба зери ҳокимияти Хӯқанд гузаштани даштҳои қазоқ то резишгоҳи Сирдарё шуд. Он ҷо дар чорроҳаи корвонгузори Тошканд, Бухоро, Хева, Оренбург ҷойгир буд. Устоҳо ва меъморони Хӯқанд дар он ҷо қалъаи Оқмасҷидро бунёд карданд. Баъди ин воқеаҳо султони қазоқҳои Ҳафтруд дар ҷанубу шарқи Қазоқистон ҳукумати Умархонро эътироф кард.

Ҳамин тавр, ҳудуди васеи даштҳои байни баҳри Арал дар Ғарб ва ҳавзаи дарёи Или дар шарқ, яъне ҳудудҳои Ҷузи кабир ва қисман Ҷузи авсати қазоқ ба таркиби Хонигарии Хӯқанд дохил шуданд. Вале ҳокимияти хонадони ӯзбекҳои миёни Хӯқанд дар ин ҷо устувор набуд. Қазоқҳои ин даштҳо ба зӯроварию тааддии хироҷғундорони Хӯқанд тоб наоварда ё шӯриш мекарданд ва ё яклухт бо авулҳо ва булукҳои худ кӯчида ба ноҳияҳои дастнорас рафтанд. Ҳокимияти

ӯзбекҳо дар худи Тошканд низ заифу суст буд. Мувофиқи ахбори Ф. Назаров соли 1814 дар Тошканд шаҳриён бо мақсади сарнагун сохтани ҳукмронии Хӯқандиён суиқасд ташкил карданд, вале он фош гардид ва гунаҳкорон ҷазои сахт диданд.

Ҳамин тариқ, замони ҳукмронии Умархон Хонигарии Хӯқанд дар ҳамаи соҳаҳо рушд карда, ӯ унвони «амир-ул-муслимин»- ро гирифт ва бо номи худ тангаҳо сикка зада, дар хутбаи намози ҷумъа зикр мешуд ва дар як вақт ба як қатор ашхоси давлат рутбаҳо, унвонҳо ва дараҷаҳои ба низоми Бухоро айниятдошта лоиқ ва муносиб дониста шуд. Низоми маъмурии мавзун ташкил гардид ва Хонигарии Хӯқанд зоҳиран симои давлати муташаккил ба худ гирифт. Пойтахти давлат ҳамчун Хӯқанд - Хӯқанди латиф маъруф гашт- номи аслии тоҷикии ин шаҳр Ҳавоканд - манзили шамол аст. Умархон бинокори мадрасаи ҷомеъ бо масҷиди бузург маҳсуб меёфт.

Аз таҳлили «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ маълум мегардад, ки баъди вафоти Умархон ҳаёти сиёсии Хонигарии Хӯқанд дар давраи ҳукмронии Муҳаммадалихон (1822-1842), Шералихон (1842-1845) ва дар давраи аввали ҳукмронии Худоёрхон (1845-1875) инъикос гардидааст. Баъд аз Умархон, ба тахти хонигарӣ писари ӯ, Муҳаммадалихон[73], ки дар мобайни мардум ҳамчун Мадалихон маъмул буд, меояд. Писар ва вориси Умархон Мадалихон (1822-1842) вақти ба тахт нишастанаш 12 ё 14 сола буд. Оид ба ин масъала дар асари мавриди пажӯҳиш омадааст, ки умри гаронмояи худро (Умархон - «М») аксар ба уламою машоиху ба содоти уззом ва ба хоҷагони кином масруф медошт, оқибат дар соли дувоздаҳум аз ҷулус дар бистари мараз афтода, аз олам гузашт. Хуфийя як шабу як рӯз ҷасади латифи онро нигоҳ дошта, ҳамаи давлатхоҳону калонону саркардаҳоро муҷтамаъ намуда, ба маслиҳати тамому ба рағбати маром Муҳаммад Алихон, ки валади Умархон аст, дар синни чаҳордаҳсолагӣ оварда, бар тахти салтанат шинониданд ва хон бардоштанд, баъд аз он навҳаю зориро бар фалаки миноранг расонида, маълуми халоиқ гардониданд. Ҷумҳури уламою машоих, содоти уззом ва хоҷагони завиу-л-эҳтирому оқсаққолони вилоёту маҳаллот даруну беруни урдаи қасру-л-

амора маъа бозор то масҷиди ҷомеъ пур шуда аз касрати халоиқ роҳи бозору Чаҳорсӯ масдуд гашт ва маҷмуи вазирону надимону туғдорон ва муқаррабону маҳрамону ғуломону асокирон ба навҳасарои асо дар дастҳо гирифта, ҷанозаи онро бардошта баровbooарданд. Аз касрати ғавғою гиряҳои бепарво гӯш аз шунидани сухан бозмонд.

Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки Муҳаммадалихон ба хурдсолиаш нигоҳ накарда, ҳукуматдориро аз қатлу бадарғакунии ашхоси барояш номақбул шуруъ кард. Қотилони махфӣ ба чорсӯи хонӣ барои бартараф кардани одамони ба ҳукмрон номувофиқ фиристода шуданд. Вақте Мадалӣ ба ҳукронӣ оғоз мекард, феодалон байни худ зиддият мекарданд ва бо он мурури солҳо қувват гирифт. Шарқшиноси рус В.П. Наливкин соли 1886дар бораи Мадалӣ навиштааст: «Ин писарчаи худсар, инҷиқ, нозпарвар, сернозунуз, аз хушомадгӯиҳои дарбор ва занон, ибрати муҳити атроф бадахлоқ ва бадрафтор шуда буд» [37,с.287].

Дар солҳои аввали таърихи ҳукмронии Мадалихон, баъди чор соли ҳукуматдориаш ба ҷанги Хитой бахри ҳукмронӣ дар Кошғар ва ба мубориза чиниҳо ба муқобили ҳокимон аз авлоди Махдуми Аъзам кашида шуд ва иштирок кард. Ӯ ба Ҷаҳонгирхоҷа ном намояндаи хоҷагон, писари Саримсоқхоҷа - охирин ҳукмдори Туркистони Шарқӣ, ки барои аз нав ба даст овардани ҳокимияти Кошғар мекӯшид, ёрии ҳарбӣ расонид. Ҷаҳонгирхоҷа аз Хӯқанд ба назди қирғизҳои Олтой рафта, ба худ тарафдоронро ҷамъ намуд ва барои озодии Ватани худ бар зидди империяи Син, ҷангро оғоз кард. Ба лашкари Ҷаҳонгирхоҷа сарлашкар аз Андиҷон Исҳоқ додхоҳ роҳбарӣ мекар. Аввалин мубориза бо хитоиҳо дар лаби дарёи Туман дар соли 1826 рӯй дод ва хитоиҳо мағлуб шуданд [37, с.205]. Пас аз ин пирӯзӣ Кошғар ва аҳолии он аз зери султаи хитоиҳои раҳоӣ ёфтанд. Ин раҳоӣ мунҷар ба он шуд, ки тамоми манотиқи Кошғарро шӯриш фаро гирифт. Дар ин давра буд, ки Ҷаҳонгирхоҷа ба тахт нишаст ва Исҳоқ додхоҳро ба вазифаи мингбошӣ тайин намуд.

Бояд хотирнишон кард, ки дар хонигарии Хӯқанд, вазифаи мингбошӣ дуюмин вазифае буд, ки баъдӣ хон меистод ва ба мақоми сарвазир наздик буд.

Ҳамин тавр, Ҷаҳонгирхоҷа, сохтори давлатиро бо андозаи хонигарии Хӯқанд ташкил намуд. Ҳаракати зиддихитоиҳо дар ҳудуди Туркистони Шарқӣ авҷ гирифт, шӯришгарон, гарнизонҳои хитоиҳоро пароканда намуда, бо Ҷаҳонгирхоҷа пайваст мешуданд. Рӯз аз рӯз шӯришгарон пурқувват шуда, ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ ҳудуди Кошғарро пурра ба оғӯш гирифт. Ин хабар то Фарғона расида омад, хони ҷавони шӯҳраталаб - Мадалихон қӯшуни 10 000 нафарaро тайёр намуда, ба Қошғар лашкар кашид ва бар зидди хитоиҳо ҷанги исломӣ - «ҷиҳод» эълон намуд. Барои ин ҳаракатҳо ӯ унвони «Ғозий»-ро - «мубoризи дини ислом» -ро гирифт. Юриш – лашкаркашии ӯ ба муваффақият ноил нагашт, қалъаи Гулбоғро, ки хитойиҳо ҷойгир шуда ҳимояи худро ташкил карда буданд, забт карда натавонист. Билохир, бо Ҷаҳонгирхоҷа ногап шуда, ба Хӯқанд баргашт. 3 ҳазор сарбозони ӯ бо ихтиёри худ дар Кошғар барои муборизаро давом додан, бо мақсади дастгирии муборизони Ватан аз болои хитоиҳо дар Кошғар монданд. Баъди ин воқеаҳо, Ҷаҳонгирхоҷа қалъаи Гулбоғро ба даст гирифт ва дар қисмати зиёди Туркистони Шарқӣ ҳокимияти худро барқарор намуд. Лекин ӯ, ҳамин тавр, вазифаи сермаъсулиятро идораи давлати навтаъсиро барои ба дӯш гирифтан тайёр набуд. Дар натиҷа, ба ҷойи давом додани муваффақиятҳои ҳарбӣ, мустаҳкам намудани сохторҳои маъмурии идоракунии давлати навтаъсиси Туркистони Шарқӣ, аз идоракунии давлат дур шуд. Баъди нӯҳ моҳи идоракунӣ ӯ аз ҳокимият маҳрум шуд ва аз нав ба назди қирғизҳои Олой гурехт. Дере нагузашта империяи Сини хитоиҳо ӯро ба даст гирифтанд ва ба пойтахт фиристодан, ӯ дар Пекин ваҳшиёна қатл карда шуд.

Ҳангоми таҳлилу баррасӣ маълум гардид, ки юриши Хӯқандиҳо моҳи сентябри соли 1830 оғоз ёфт ва дар он Мадалихон шахсан иштирок накард. Дар лашкаркашии қӯшинҳои 30 000 нафараи Хӯқандиҳо, амирони болаёқати Мадалихон, ба монанди Ҳаққул мингбошӣ ва ҳокими Тошканд Лашкар қушбегӣ роҳбарӣ карданд. Мадюсуфхоҷа дар ин маъракаи ҳарбӣ ва сиёсӣ фаъол иштирок кард, қирғизҳои водии Илӣ ва Андиҷонро ба ғазовот - ҷанги муқаддаси ҳимояи Ватан ва дин даъват намуд. «Дар амалиётҳои ҷанг барои

Туркистони Шарқӣ, қабилаҳои қароқалпоқ, қипчоқ ва бо роҳбарии Амир Мирзо дигар қабилаҳои қирғизҳо фаъол иштирок карданд. Ғайр аз он гурӯҳҳои этникие, ки дар боло қайд гардидааст, дар ин амалиётҳо якҷоя бо уйғурҳо - ӯзбекон, тоҷикон ва қазоқон ҳам фаъолона иштирок карданд» [37, с.205].

Аз оғози кор муҷоҳидон дар талоши хеш ба комгорӣ муваффақ шуданд. Баъди аввалин ғалаба дар мавзеи Мингиул, Хӯқандиҳо бе монегии хитоиҳо Қошғарро ишғол намуданд. Мувофиқи реҷаи пешина Мадюсуфхоҷа ба тахти аҷдодони худ нишаст. Лашкар қушбегӣ шаҳрҳои Янгиҳисор, Ёркенд, Хутан, Оқсуро забт намуд. Дар ҳамин лаҳза, муносибатҳои Хӯқанд ва Бухоро вайрон шуд ва қушунҳои Хӯқандиҳо ба Ватан баргаштанд. Бо ҳамроҳии онҳо 60 ҳазор қошғариҳо (уйғурҳо, ӯзбекон, тоҷикон, қирғизҳое, ки дар адабиёт баъзан 70 000 нишон дода мешавад) ба Хӯқанд кӯч бастанд [82,с.104]. Муҳоҷирон асосан дар Шаҳрихон ҷойгир шуда буданд. Дар ҳамин ҳолати мураккаби сиёсӣ - ҳарбӣ, аз империяи Син бо ваколатҳои калон генерал Чан Лин ба Туркистони Шарқӣ меояд. Чан Лин муҳити ҳудудро омӯхта ба хулоса меояд, ки дар ин ҳолат ба амалиёти ҷанг нуқта мондан лозим. Бо ҳамин мақсад бо таклифи сулҳ ва дӯстӣ муроҷат намуда, ба Хӯқанд вакилони худро фиристод. Дар навбати худ, Хӯқанд ҷавобан ба вакилони хитойиҳо, вакилони худро бо роҳбарии Олимпошо мефиристад. Ҳамзамон Олимпошо, ваколатҳои хеле калон дошт, ӯ аз номи хон ба шартномаҳои байнидавлати Хӯқанд - Хитой имзо монда метавонист. Дар ҷараёни музокираҳо Хитой талаб менамояд, ки Мадюсуфхоҷа ва оилаи ӯ ба онҳо дода шавад, ҳамаи асирҳое, ки дар вақти амалиётҳои ҷанг ба асирӣ афтида будаанд, баргардонида шавад. Олимпошо ба озод кардани асирҳо розигӣ дод, ба талаби оид ба хоҷаҳо ҷавоби қатъии зид дод ва қайд намуд, ки оилаи хоҷагон ҳамчун табақаи олӣ дар муҳити аҳли муслими хонигарии Хӯқанд, дахлнопазир мебошанд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки «дар ҳамин лаҳзаи музокираҳо қушунҳои 7000 нафараи Хӯқандиҳо бо роҳбарии Ҳаққул мингбошӣ ҳудуди қабилаи саяқро бо роҳбари онҳо - Атантай ва Тайлак дар болообии дарёи Норин ба даст даровper. Баъди амалиётҳои ҷангии Лашкар қӯшбегӣ, қабилаи қазоқҳо ва

қирғизҳое, ки дар ҳудуди мобайни дарёҳои Илӣ ва Чу ҷойгир буданд ба ихтиёри Хӯқанд гузашт. Дар натиҷаи ин амалиётҳо ҳудуди хонигарии Хӯқанд васеъ гардид ва бо Туркистони Шарқӣ ҳамсарҳад шуд, ба воситаи он дар масофаи хеле ҳудуди калон бо Сини Хитой ҳамсарҳад шуд» [46,с.210-211]. Ин ҳолат, аз нав оғози ҳаракти зидди Хитой ва аз нав даромадани Хӯқанд ба Туркистони Шарқӣ сабаб шуданаш мумкин буд.

Айнан дар ҳамин давра, хуруҷи давлатҳои Аврупо – Британияи Кабир ва Фаронса ба ҷанубу шарқии Осиё - ба ҳудудҳои Ҳиндустон ва Ҳиндухитой авҷ гирифт, ки ин бевосита ба бехатарии Хитой таъсир мекард. Дар ҳолати дафъаи дуюм зада даромадани Хӯқанд ба Туркистони Шарқӣ, империяи Сини Хитой дар мобайни ду фронт мемонд ва бо ду тараф - дар ғарб бо Хӯқанд, дар ҷануб бо Фаронса ва Британияи Кабир, амалиётҳои ҷангӣ бурдан маҷбур мешуд. Вазъияти мураккаб ва печидаи байналмилалӣ ба раванди гуфтушуниди Чин ва Хӯқанд таъсир гузошт. Яъне, ин вазъият боис шуд, ки сулҳ ҷараёни тезтар касб кунад. Болотар аз ин, дар раванди музокираҳо бештари масоил ба фоидаи Хӯқанд ҳал карда шуд.

13 январи соли 1832, дар мобайни империяи Сини Хитой ва хонигарии Хӯқанд шартномаи сулҳ баста шуд. Он аз бандҳои зерин иборат буд. Тарафи Хӯқанд маҷбурият гирифт, ки бо оилаи «хоҷагон» «нигоҳбонӣ мекунад», онҳоро ба ҳудуди Туркистони Шарқӣ роҳ намедиҳад. Бо ин банди шартнома, авлоди хоҷагон ба асири Хонигарии Хӯқанд табдил ёфтанд.

Ҳамзамон, Хонигарии Хӯқанд бо дигар мамлакатҳои Шарқ, аз ҷумла бо Усмониёни турк ҳам алоқаҳои дипломатӣ аз давраи ҳукмронии Умархон ва Махмуд II оғоз меёбад. «Умархон аз Усмониён бар зидди империяи Россия якдилона ҳаракат карданро талаб кард. Аммо Усмониён дар ин масъала бо давлатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла бо Хонигарии Хӯқанд ҳамроҳ нашуданд. Сабаб аз он иборат буд, ки соли 1799 дар мобайни империяҳои Усмониён ва Россия шартнома баста шуда, дар яке аз бандҳои он ба Усмониён маҷбурияти дахолат накардан ба муносибатҳои Россия ва давлатҳои Осиёи Миёна қайд карда шуда буд» [83, с.57].

Дар солҳои 1826 ва 1828 сафирони Мадалихон ба империяи Усмониён сафар карданд, «ҷавобан ба Хӯқанд, Усмониён сафирони худро фиристода набошанд ҳам, ҳар дафъа сафирони Хӯқанд аз номи султон, мактуби ҷавоби ва совғотҳо мегирифт. Мадалихон соли 1837 боз ба Истамбул сафири худ - Зоҳид хоҷаро фиристод. Ӯро яке аз маслаҳатчиёни султони Усмониён Махмуди II қабул намуда, оид ба халқҳои Дашти Қипчоқ ва ҳаёти сиёсии Осиёи Марказӣ пурсон шуд. Дар навбати худ, сафири Мадалихон, оид ба фаъол шудани Россия ва аз ҷониби он авҷ гирифтани сохтмони қалъа ва истеҳкомҳо дар сарҳад, маълумот медиҳад. Ва сафир аз номи Мадалихон аз вакили султон, хоҳиш мекунад, ки ба хонигарии Хӯқанд мураббии ҳарбӣ, барои тайёр намудани сарбозон, тӯпчиён ва қӯшунҳои савора фиристода шавад» [83,с.59-60].

Муносибатҳои дипломатии Хонигарии Хӯқанд дар натиҷаи васеъ гардидани ҳудуди он, бо мамлакатҳои ҳамсоя фаъол гашт. Аз ҷумла, бо аморати Бухоро ва Хонигарии Хева алоқаҳои мунтазами дипломатӣ ба роҳ монда мешавад. Агар бо Хонигарии Хева ин алоқаҳо дар асоси дӯстӣ ва рафоқат ба роҳ монда шуда бошад, бо аморати Бухоро ин алоқаҳо, мураккаб ва дар баъзе ҳолатҳо хеле мушкил буд. Сабабҳои асосии ин мушкилиҳо, бо масъалаҳои сиёсӣ вобаста буд. Васеъ гардидани ҳудуд ва пурқувват шудани хонигарӣ, ба манфиатҳои Бухоро, ки дар Осиёи Миёна гегемониро хост, ҳеҷ гоҳ мувофиқ намеомад. Дар мобайни ин ду давлати Осиёи Миёна, ҳудуди баҳснок - мулки Ӯротеппа, ҷойгир буд, ки аз аввали ташаккулёбии Хонигарии Хӯқанд то охири арзи вуҷуд доштани он, ин ҳудуд мақоми муайянро надошт. Барои ин мулк, дар мобайни Хӯқанд ва Бухоро, мунтазам ҷангҳо мешуд. Айнан ин ҳолатҳо, ба вайроншавии муносибатҳои Бухоро ва Хӯқанд сабаб шуд. Аморати Бухоро дар замони ҳукмронии амир Насрулло (1826-1860), ки ба номи амири қассоб низ маъруф аст, пурзӯр шуд. Он низоъҳое, ки дар байни аморати Бухоро ва Хонигарии Хӯқанд мавҷуд буд, оҳиста – оҳиста ба ҷанги калонҳаҷм оварда расонд. Дар ҳамин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки барои тезу тунд шудани ин муносиботи ду давлат мухолифони Мадалихон сабаб шуда буданд, ки дар айни

ҳол дар аморати Бухоро ба сар мебураднд ва роҳбарии онҳоро Муҳаммад Ҳакимхон бар уҳда дошт.

Бояд хотирнишон кард, ки Хӯқанд ва муносибатҳои он бо Эрон, дар сарчашмаҳо қайд карда мешавад. Аввалин муносибатҳои ин ду давлат, дар давраи ҳукмронии Абдукаримбий (1734-1750) рӯй додааст, ки дар давраи зада даромадани Нодиршоҳи Афшор ба аморати Бухоро дар Самарқанд рӯй медиҳад. Алоқаҳои дипломатии Хӯқанд ва Эрон дар солҳои 1800-1842 дар давраи ҳукмронии Олимхон, Умархон ва Мадалихон фаъол мегардад. Дар адабиёти таърихӣ омадааст, ки сафирони Хӯқанд, дар қабули Аббос Мирзо ва Фатҳалишоҳ иштирок доштанд.

Ҳамин тавр, хонигарии Хӯқанд якҷоя бо давлатҳои Осиёи Миёна, бо давлатҳои Хитой, империяи Россияи подшоҳӣ, империяи Усмониён ва Эрон ба таври фаъол алоқаҳо ва муносибатҳои дипломатиро ба роҳ монда буданд. Дар давраи ҳукмронии Мадалихон, ғайр аз он ҳудудҳои қирғиз ва қазоқҳо, ҳудудҳои тоҷикони кӯҳистон ҳам ба зери таъсири Хӯқанд мефароянд. Аз ҷумла, соли 1834 лашкари Хӯқанд Қаротегин, Дарвоз, Кӯлобро забт карданд ва то ҳудудҳои Шуғнон, Рӯшон ва Вахон расиданд. Вале васеъшавии ҳудуди Хонигарии Хӯқанд ҳокимияти Мадалихонро мустаҳкам накард. Ба замми норозигии умум, рафторҳои хилофи шаръии Мадалӣ: издивоҷи ӯ бо ду хоҳарони ҳамшира ва бо модарандари худ – зани падараш Умархон эътирози хосу омро ба вуҷуд овард.

Бояд қайд кард, ки рӯҳониёни ислом Мадалиро ба мурдор кардани дин ва мулҳидӣ айбдор намуданд. Онҳо ба рақиби шадиди ӯ амир Насрулло, ҳамчун сарвари мусалмонони Мовароуннаҳр мактуби шикоятии аҳлона фиристоданд. Соли 1840 амир Насрулло мувофиқи қарори фақеҳони Бухоро бо сафири худ ба Хӯқанд фатво фиристод ва аз рӯйи он Мадалӣ барои никоҳи ҷинояткоронааш бо зани падараш кофир -ғайридин эълон гардид. Мадалӣ бар зидди амир амалиёти ҳарбӣ пеш гирифт, вале тираш хок хӯрд, худашро вассали Бухоро хонд ва Хуҷандро ба вай гузашт кард. Яке аз сабабҳои марказии ин мубориза тарафайн талоши ҳарду хон барои бартарин нуфузи динии хешро таъмин

намудан ҳисоб меёбад. Ҳар ду талош мекарданд, то султони турк (султонҳои турк баъди барҳам хӯрдани Хилофати араб худро меросхӯри халифҳо ҳисоб мекарданд ва ин нуфузи онҳо аз тарафи баъзе давлатҳои раъияти суннимазҳабдошта эътироф мешуд) бартарии яке аз онҳоро дар ин ҷода эътироф намояд.

Соли 1842 дар Хӯқанд шӯриши кушоди зидди Мадалӣ дар назди урдаи хон сар зад. Насрулло бо шунидани ин воқеа ба ғазои нав зидди Хӯқанд ҳаракат намуд. Вай Хӯқандро забт кард ва шаҳрро барои ғорат ба қушуни худ супорид. Амир Насрулло дар маҷлиси фавқулодаи амалдорони олимақоми ҳар ду давлат изҳор намуд, ки Хонигарии Хӯқандро ба мулкҳои давлати худ ҳамроҳ мекунад ва ҳамаи мансабдорони барои амнияти мамлакат хатарнокро ба Бухоро мекӯчонад. Мадалӣ, модари ӯ Нодирабегим, бародараш Султон Маҳмудхон, писари калониаш дар толори маҷлис ба қатл расонида шуданд. 250нафар аъёни Хӯқанд бо зану фарзандонашон, аз ҷумла ҳокими фонии оянда, пешвои қипчоқҳо Мусулмонқул ҳабс гардиданд ва ба Бухоро фиристода шуданд. Дере нагузашта амир Насрулло Тошкандро ба даст овард, дар Хӯқанд Иброҳими додхоҳро волӣ таъйин кард, ба шаҳрҳои хонӣ ҳокимони худро фиристод ва худаш ҳамчун фотеҳ ба Бухоро баргашт. Ин воқеаҳо баҳори соли 1842 содир шуданд. Ҳукумати амир Насрулло бошад, тобистони соли 1842 бар асари шӯришу низоъ сарнагун шуд. Тоҷикон ва ӯзбекони Хӯқанд аз зулму тааддии волӣ Иброҳими додхоҳ, андозу хироҷситонии ӯ ба дод омаданд, якҷоя бо лашкари қипчоқҳои шарқи Фарғона амал намуда, ғалаба ба даст оварданд ва амакбачаи Олимхон Шералиро хон эълон карданд. Иброҳим додхоҳи волӣ ба Бухоро гурехт, урдугоҳи қӯшуни Насрулло торумор гардид.

Шералӣ (1842-1845) ҳамчун хон, дар навбати аввал, бо сохтмони девори ҳисори мудофиавии гирдогирди шаҳри Хӯқанд машғул шуд, сипас, қӯшуни пешсафи фиристодаи Насруллоро дар Қаротеппа шикаст дод. Ӯ дар муддати 40 рӯзи муҳосираи пойтахт 9 ҳамлаи Манғитиёнро зада баргардонд. Насрулло бо шунидани хабари ҳуҷуми хони Хева Оллоҳқулихон ба Бухоро муҳосираи Хӯқандро бас кард ва бошитоб ба қаламрави худ баргашт. Соли 1842-1843

Хуҷанд ихтиёрӣ ба Хӯқанд пайваст шуд. Хӯқандиён бо ёрии шаҳриён Тошкандро низ ба даст оварданд.

Ҳамин тавр, марзҳои пештараи Хонигарии Хӯқанд тағйир ёфта, барқарор гаштанд. Тоҷикону ӯзбекҳои шаҳрӣ бо қабилаҳои қипчоқҳо ҳамкорӣ намуда, Шералиро ба тахт шинонданд, диёрро аз сулолаи Манғитиён - аморати Бухорои ситамгар озод карданд. Вале пешвоёни қипчоқҳо аз Шералӣ барои худ мансабҳои маъмурӣ-ҳарбиро талаб карданд. Ба гуфти муҳаққиқи номвари тоҷик Р.Н Набиев «Дар Хонигарии Хӯқанд мубориза тезутунд байни аъёну ашрофи ӯзбеку қирғиз аз як тараф, пешвоёни қабилаи қипчоқ аз тарафи дигар, барои забти ҳокимияти сиёсӣ, ҳукмронӣ дар ҳаёти иқтисодии давлат, ба даст овардани мансабҳои асосӣ ҳам дар ҳукумати марказӣ ва ҳам вилоятҳо оғоз ёфтанд. …Ин муборизаи моҳиятан фоҷиавӣ дар ин вақт фаъол гашт, дар шакли тезутунд якчанд сол давом кард ва ба ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии хонӣ, вазъи моддии аҳолӣ зарари ҷиддӣ расонид» [90, с. 502].

Хусусан, тоҷикони Хӯқанд, Марғилон, атрофи Андиҷон, Риштон, Сӯх, Чуст, Косон, Намангон, Ӯш аз ин кашмакашиҳо ранҷи зиёд кашиданд. Шералӣ бо талаби боисрори аъёни қипчоқ Юсуф мингбоширо аз вазифаи сарвазири хонигарӣ сабукдӯш кард ва ба ин мансаби давлатӣ Шодӣ додхоҳ ном тоҷики Фарғонагиро таъйин кард. Шодӣ додхоҳ пешвоёни қипчоқҳо Мусулмонқул ва Каримқул Меҳтарро ба мансабҳои ҳоким ва баҳодури лашкар сарфароз гардонид. Вале ин тадбирҳо даъвои мансабхоҳии қипчоқҳоро қонеъ нагардонид. Дере нагузашта Мусулмонқул бо қӯшуни қипчоқҳою қирғизҳо бар зидди ҳукумати Шералӣ шӯриш кард. Ӯ бо даъвати ёриву кумак ба тоҷикон, қипчоқҳо, туркҳо, қирғизҳо, қароқалпоқҳо, арабҳои водии Фарғона мурочиат намуд. Мусулмонқул авомфиребона овоза паҳн кард, ки гӯё қипчоқҳо ба ҳокимияти хон ва шахсияти хон муқобил нестанд, ба онҳо коре надоранд ва мехоҳанд, давлат ва фуқароро аз истибдоди Шодӣ - додхоҳ, Муҳаммад Умар барин мансабдорони олимақом наҷот диҳанд. Мусулмонқул вориди Урда шуд, Шералии дар Урда ба муҳосира афтодаро ҳамроҳи аъёни қипчоқҳои исёнгар

бар намади сафед бардошт, хон эълон кард ва ҳамчун ноибуссалтанат тамоми ҳокимияти давлатиро ба дасти худ гирифт.

Дар вилоятҳо ва ҳукумати марказӣ мансабҳои олӣ аз ҷониби аъёни қипчоқ ишғол гардиданд. Бадкирдорӣ ва бедодгарии ашрофи қипчоқ, нимкӯчманчиёни оммии ин қабила нисбат ба аҳолии тоҷик ва ӯзбеки бумӣ ва муқими водии Фарғона ҳадду канор надошт. Ҳокими фонӣ Мусулмонқул аз соли 1844 бо танаффус се дафъа дар солҳои 1846, 1848, 1849 соли 1852 салтанат ронд. Дар ин муддат ӯ қатли Шералӣ, ҳукумати ёздаҳрӯзаи яке аз писарони Олимхон Муродхон, ба тахт шинондани Худоёри– 14 солаи писари Шералӣ, бартараф кардани юриши соли 1847 амир Насруллоҳро илҳом бахшид ва ташкил кард.

Доир ба тахт шинондани Худоёрхон Муллониёзи Хӯқандӣ дар «Таърихи Шоҳрухӣ» чунин қайд кардааст, ки баъд аз саранҷоми мухолифон уламоёну машоихро ҷамъ намуда, муқарраран Худоёрхонро бар намади сафед бароварда, бар салтанати шоҳию бар манзалати шаҳаншоҳӣ зинат додан, авранги салтанат ба зоти ҳумоюнии он гавҳари дарёи подшоҳӣ дар садафи шаҳаншоҳӣ, зебандаи маснади тоҷдорӣ, тарозандаи ақлили кулаҳдорӣ, самараи шаҷараи шоҳон, ҷонишини маҳкамаи хонон, яъне Худоёрхон ибни Шералихон ибни Ҳоҷихон ибни Абдурраҳмонхон ибни Абдулкаримхон ибни Шаҳруххон ибни Ашуралихон ибни ҳоҷихон ибни Рустамхон ибни Шаҳрухсултон ибни Шаҳмастбий, ки ба Чамашбий машҳур аст, Чамашбий ибни Асилзода ибни Абулқосимбий ибни Муҳаммадаминхон ибни Худоёрсултон ибни Султонилик Олтунбишик ибни Мирзо Бобурподшоҳ ибни Мирзоумар Шайх ибни Мирзосултон ибни Абусаидхон ибни Мирзосултон ибни Мирзомироншоҳ ибни амир Темури Гургон. Амир Турғой ибни амир Буркул ибни амир Илангир ибни амир Инҷил ибни Қароҷорнуён ибни амир Суғучин ибни Буруқихон ибни Иримчи Залосхон ибни Қоҷулибаҳодур ибни Бартонхон ва насаби Чингизхон низ ба Бартонхон мерасад.

Қобили тазаккур аст, ки тадриҷан Худоёрхон ҳамчун сардори давлат ба воя расида, ба аъёни заминдор ва шаҳрии аз ҳукмронии ашрофи қипчоқ ниҳоят норозӣ такя карда, соли 1852 куштори оммавӣ ва зарбу лати хосу оми қабилаи

қипчоқҳои нимакӯчманчии ӯзбекро амр намуд. Барои рушди ҳаёти сиёсӣ дар ин давра аз ҷониби Худоёрхон муносибатҳои дипломатӣ барқарор карда шуд.

Бояд хотирнишон кард, ки дар арафаи забти Осиёи Миёна аз ҷониби Россияи подшоҳӣ, муносибатҳои дипломатии Хӯқанд ва империяи Россия ҳанӯз дар давраи ҳукмронии Мадалихон авҷ гирифта буд. Соли 1822 аз Хӯқанд ба Россия сафирон фиристода мешавад, аммо ба онҳо бо сабабҳои номаълум ба пойтахти Россия гузаштан иҷозат надодан, сафирон аз Семипалатинск баргаштанд.

Бино ба маълумоти манбаъҳои хаттии маҳаллӣ ва шореҳони русӣ: саркӯбкунии қипчоқҳо се моҳ давом кард. Ҳамагӣ 20 ҳазор нафар ҳалок шуданд. Қатли омми қипчоқҳо 9 октябри соли 1852 оғоз ёфт. Мусулмонқул ба даст афтод, ба Хӯқанд оварда шуд ва қатл гардид. Соли1853 ҳамлаи қушунҳои рус ба истеҳкомҳои марзии Оқмасҷид, Ҷулак, Қамишқурғон, Чинқурғон, Қушқурғони Хӯқанд оғоз ёфт. Дигар гурӯҳи сафирон бо роҳбарии Юллдошбой Мирзоҷонов дар моҳи июли соли 1853 дар Омск, аз ҷониби генерал губернатори Сибир қабул карда мешавад. Ба Юлдошбой Мирзоҷонов ба Петербург гузаштан иҷозат нашуд, мактуби хон ва тухфаҳои ӯро қабул намуда, сафирро ба ақиб гардонданд. Дар ин лаҳзаҳо дар Оқмасҷид, дар мобайни сарбозони Хӯқанд ва Россия муҳориба оғоз меёбад ва баъди як моҳи муҳосара қалъа аз ҷониби Россия забт карда мешавад.

Тобистони соли 1855 бо сардории Чиғатой Тулаганов, гурӯҳи сафирони Хӯқанд, бо роҳи дипломатӣ ҳал намудани муаммоҳо ба Оқмасҷид меоянд ва онҳо бе асос дар ҷосусӣ айбдор карда шуда, бо фармони генерал-майор Бруно то соли 1857 ба зиндон партофта мешаванд. Пас аз ин ҳаводис генерал-губернатори Оренбург ба ҳоким - бекларбегии Тошкент муроҷиат карда мегӯяд: «Оқмасҷид, Кумушқурғон ва қабилаҳои қазоқони лаби Сирдарё ба ихтиёри Россия гузашт, Хӯқанд дар ин ҳудудҳо қалъа ва истеҳкомҳо сохтанаш манъ аст, дар ҳолати бас кардани муносибатҳои душманӣ ӯ метавонад сафиронро озод намояд» [29, с.105]. Баъди ин воқеаҳо, табъан дар таърихи дипломатияи Хӯқанд ва Россия муносибатҳои баробарӣ хотима меёбад. Дар муносибатҳоиояндаи

байнидавлатӣ, зобитони рус бо Хӯқанд дар дипломатия услуби зӯроварӣ, нобаробарро васеъ истифода мебаранд.

Ҳамзамон, ҳангоми ҳуҷуми Россияи подшоҳӣ, ҳудуди Дашти Қипчоқ, Туркистон, Чимкент, Тошканд, Хуҷанд, Ӯротеппа аз ҷониби Россия забт карда мешавад. 19 ноябри соли 1867 дар ҳудуди ғасбшуда, ҳудуди маъмурии Россия – генерал-губернатории Туркистон ташкил карда шуда, ҳамаи муносибатҳои байнидавлатӣ бо воситаи он ба роҳ монда мешавад. Аввалин роҳбари он генерал адъютант К.П. Кауфман, ба номи Худоёрхон мактуб фиристода, ӯро оиди вазифа ва ӯҳдадориҳои худ огоҳ менамояд. Таклиф мекунад, ки муносибатҳои дӯстӣ ва савдоро ба роҳ монад.

Ҳамин тавр, муносибатҳои нобаробарӣ дар таърихи дипломатияи Хӯқанд ва Россия оғоз меёбад, ки роҳбари давлат - хон бо ҳокими ҳудуди давлати дигар - Россия масъалаҳои байнидавлатиро ҳал менамояд. «Дар охири ноябри соли 1867 аввалин сафири Худоёрхон - Саримсоқхоҷа, мактуби хонро ба Кауфман мерасонад, ки дар он сафир ҳамчун намояндаи ӯ дар Тошканд таъйин мегардад. Дар навбати худ, Саримсоқхоҷа аз номи хон ба Россия муносибатҳои дӯстӣ ва инкишофи савдои байни давлатиро таклиф менамояд. Ҷавобан, Кауфман имзои шартномаи дӯстӣ ва инкишофи муносибатҳои савдоро таклиф менамояд, ки ин ҳуҷҷати расмӣ дар ояндаи хонигарии Хӯқанд роли мусбӣ мебозад» [29, с.110-111].

Дар моҳи декабри соли 1867 г. сафирони Хӯқанд бармегарданд, бо ҳамроҳии онҳо намояндагони Кауфман, бо сардории полковники штаби генералӣ А.В. Фон Шауфус ба Хӯқанд меояд, ки дар таркиби гурӯҳи корӣ Буняковский, Акчурин, Хорошхин, Абдиев ном шахсҳо ҳам буда, вазифаи асосии онҳо омӯхтани роҳи Тошканд – Хӯқанд, омӯхтани муҳити дохилии хонигарӣ, муносибати аҳолӣ ба русҳо иборат буд. Ғайр аз ин, вазифаҳои ҷосусӣ, гуруҳи корӣ барои тайёр намудани шартномаи байни Россия ва Хӯқанд оид ба савдо буд. Яъне, русҳо аз имконият истифода бурда, пеш аз ҳама, ҷамъ намудани маълумотҳои ҳарбӣ стратегӣ - ҷосусӣ ва тайёр намудани шартномаи савдое, ки манфиатҳои Россияро ба инобат мегирифт, машғул буданд.

Минбаъд, муносибатҳои нобаробарии давлатҳои Россия ва Хӯқанд оғоз меёбад, ки заминаи он асосан лоиҳаи шартномае, ки Кауфман таклиф карда буд, маҳсуб меёбад. Шартнома аз бандҳои зерин иборат буд:

1. «Ҳамаи шаҳр ва деҳаҳои Хонигарии Хӯқанд барои савдогарони Россия фаъолият бурдан иҷозат дода мешавад.

2. Савдогарони рус дар карвонсаройҳое, ки онҳо лозим медонанд, ҷойгир шуда, фаъолияти худро ташкил менамоянд ва, дар навбати худ, савдогарони Хӯқанд дар шаҳрҳои Россия айнан ҳамин тавр имкониятҳоро ба даст медароваранд.

3. Савдогарони рус ба мақсади назорати ҷараёни савдо ва қонунӣ будани андоз, дар ҳамаи шаҳрҳои хонигарӣ вакилони савдои худро дошта метавонанд. Барои савдогарони Хӯқанд ҳам, дар ҳудуди генерал губернатории Туркистон айнан ҳамин тавр имтиёзҳо дода мешавад.

4. Аз ҳаҷми умумии моли савдогарон, тарафайн – 2,1% андози гумрук ситонида мешавад.

5. Барои савдогарони рус аз хонигарӣ ба ҳудуди давлатҳои ҳамсоя, бе монегӣ гузаштан иҷозат дода мешавад» [29, с.114].

Лоиҳаи шартномае, ки аз ҷониби Кауфман таклиф карда мешавад, Хӯқандро ба давлати вассалӣ таблиғ медод. Баъди муҳокимаи дуру дароз Худоёрхон бандҳои 1 ва 5-уми шартномаро таклиф намуд, ки қисман ихтисор намояд. Дар мактубе, ки ба номи Кауфман фиристода буд, ба ӯ маълум месозад, ки яке аз карвонсаройҳои Хӯқанд ба ихтиёри савдогарони рус, гузаронида мешавад. Ҳаҷми андози гумрукро аз моли умумӣ аз 1/40 % ихтисор карданро таклиф менамояд. Дар мактуб қайд менамояд, ки дар ҳамаи шаҳр ва деҳаҳои хонигарии Хӯқанд барои савдогарони Россия фаъолият бурдан иҷозат дода наметавонад. Сабаб ба он савдогарони русро аҳолии маҳалӣ то ҳамин вақт надидааст, хусусан, бо кӯчманчиён муаммо ба вуҷуд омаданаш мумкин, ки дар ин ҳолат хонигарӣ бехатарии савдогаронро таъмин карда наметавонад, ба ҳаёти онҳо кафилӣ дода наметавонад. Дар мактуб Худоёрхон мепурсад, ки ба Петербург ба назди Император сафирони худро ирсол намояд. Ба мактуби хон

Кауфман ҷавобан қайд менамояд, ки: «Дар ҳолати муайян шудани ҳолатҳои ногувор нисбат ба савдогарони рус, ӯ метавонад, чора андешад ва бехатарии онҳоро таъмин намояд. Оид ба ба Император фиристодани сафирони хон, Кауфман ҷавоби рад дода, қайд кард, ки барои ӯ бо давлатҳои ҳамсоя барои муносибатҳо бурдан, ҳама имкониятҳо дода шудааст, ҳамаи масъалаҳоро ӯ ҳал карда метавонад» [29, с.116-117]. Баъди ин ҷавоби Кауфман, Худоёрхон фаҳмид, ки дар ҳолати раддияи шартнома, оқибати он барои Хӯқанд муаммо пайдо менамояд. Барои пешгирии ҳолатҳои нохуш, ӯ шартномаро имзо намуд ва муҳри худро гузаронида, бо воситаи Саримсоқхоҷа ба Кауфман фиристод. 13 феврали соли 1868 Саримсоқхоҷа шартномаро ба русҳо месупорад.

Таҳлилу баррасии сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки аз ҷониби генерал губернатор Кауфман музофотҳои Хонигарии Хӯқанд, сипас забт карда мешаванд. Шӯришу зиддиятҳои халқӣ ба амал оянд ҳам, пурра торумор карда мешаванд. Масалан, вобаста ба забткориҳо чунин маълумот оварда шудааст, ки А. А. Вайнберг ба губернатори вилояти Сирдарё мактуб фиристода, дар он хохиш кард, ки дар мавриди зарурат аз Хуҷанд қушунҳо тайёр карда шавад. Дар худи ҳамон рӯз генерал-губернатори Туркистон фармон баровард. Рӯзи дигар хон ва ҳамрохони ӯ ба Оренбург рафтанд. Аз наздикони Худоёрхон 75 нафар ба ғайр аз онҳо 650 нафар сипоҳиён бо сардории Отабек-Ноиб ба роҳ баромаданд. Дар Чимкент Худоёрхон ба Отабек-Ноиб чизе гуфт ва баъд аз он ӯ ҳамроҳи сипаҳҳо савор шуда, ба сӯйи Хӯқанд равон шуд. Хон ва боқимондаҳо ба Туркистон расиданд ва 5 рӯз дар он ҷо зиндагӣ карданд ва бо заноне, ки дар ин шаҳр гузошта буданд, хайрухуш карда, ҳаракат карда, ба шаҳри Суран расиданд. Дар ин ҷо шабро гузаронданду пагоҳӣ ба маҳрамони ҳамроҳаш чанд пул тақсим карда, худаш бо ҳамроҳии Мулло Маъруф-додхоҳ Қосим-туқса, Ҷамил-хазиначӣ, ғулом Хурсанду Муллоча, Мирзобой Сағир ва Тоҷимаҳрам роҳро давом доданд.

7 август, соати 5 бегоҳӣ генерал Головачев фаҳмид, ки дар соати 3-и рӯз мардуми Хӯқанд - 1000 нафар бо 2 туфангча ба деҳаи Аблик наздик омадаанд. Оқсақоли ин деҳа тахмин кард, ки онҳо қариб 10 ҳазор нафаранд. Нисфи шаб

Головачев бо маълумоти мазкур ба назди Кауфман омад. Генерал-губернатор фавран фармон дод, ки бо баталони 1-уми тирандозӣ, 4 милтиқи аспӣ ва чорсад нафар қазоқҳо бар зидди шӯриш бароянд. Тарс аз шӯришгарон ба дараҷае буд, ки «...сарфармондеҳи вилоятро водор намуд, ки қисми поёнии артишро бемуҳлат мусаллаҳ гардонида, ба онҳо ва аҳолии руси шаҳри Тошканд аслиҳа тақсим кунад» [16,в.5]. 22 августи соли 1875 дар Маҳрам ҷанги калон ба амал омад.

Генерал- губернатор К. П. фон Кауфман 7-уми августи соли 1874 ба зидди шӯришгарони Маҳрам қувваи бузургеро фиристод ва 22-юми август муҳорибаи шаддитарин дар наздикии қалъаи шуда гузашт, ки дар он шӯришгарон шикаст хӯрданд.. Генерал- губернатор баъди забти қалъаи Маҳрам аз шӯришгарон катъиян талаб намуд, ки контрбутсияи (товони) ҷангро ба хазинаи Россияи подшоҳӣ ба маблағи 40 ҳазор тангаи нуқра ё худ 10 ҳазор тангаи тилло супоранд. Ин талаботи Генерал- губернатор К. П. Кауфман чанд нафар аз роҳбарони шӯриш рад намуданд, аммо Насриддинбек махфӣ 22-юми сентябри ҳамон сол бе огоҳии шӯришгарон бо Генерал- губернатор шартнома имзо намуд. Тибқи шартнома, Насриддинбек хизматгори содиқи ҳукумати Россияи подшоҳӣ буданашро исбот намуд ва чун хиёнаткор соҳилҳои рости дарёи Сирро бо шаҳрҳои Намангон ва Чуст ба фоидаи Россияи подшоҳӣ гузошт. Бидуни он ӯ ба хазинаи ҳукумати Россияи подшоҳӣ тақрибан 2 млн сӯм товони ҷанг супорид.

Ин кирдори хиёнаткоронаи Насриддинбек қаҳру ғазаби шӯришчиёнро аз нав пайдо кард ва онҳо дар оянда муборизаи хешро ба зидди ин хони нави хиёнаткор ва ҳаммаслаконаш равона карданд. Ба бо ин марҳилаи нави шӯриш, яъне марҳилаи сеюми шӯриш ибтидо гардид. Охирҳои моҳи сентябр миқдри шӯришгарон афзуда он тақрибан ба 60 – 70 ҳазор нафар расид. Роҳбарони шӯриш Пӯлодхонро чун хони Хӯқанд эътироф намуданд ва. Пӯлодхон шаҳри Ассакаро пойтахти нави хонигари эълон кард. Шӯришгарон 9-уми октябри соли 1875 Хӯқандро тасарруф намуданд ва хони нхиёнаткор Насриддинбек тарки ин макон кард. Ҳамин тариқ хони нав - Пӯлодхон моҳи декабр қароргоҳи хешро аз

Ассака ба шаҳри Марғелон кучонид. Дар муҳорибаи баъдина, ки шӯришгарон асосан бар зидди аскарони Россияи подшоҳи идома дода, ба шӯришгарон зарари зиёде дидаанд. Масалан: «8-уми январи соли 1876 дар муҳориба – мудофиаи Андиҷон қариб 20 ҳазор нафар шӯришгарон қурбон гаштанд». Дар чунин лаҳзаҳои ҳассос як қисми роҳбарони шӯриш, минҷумла Абдураҳмон-офтобачӣ ба воҳима афтода, бо фармондеҳони қӯшинҳои ҳарбии рус пинҳонӣ музокираро оғоз намуданд.

Пӯлодхон айни замон бар муқобили ҳама гуна созиш буда, тарафдори боз ҳам давом додани мубориза буд. Бо нияти сафарбарии қувваҳои тоза ба Учқӯрғон рафт, аз Қаротегин низ қувваи нав сафарбар намояд, аммо шаби 27-ум ба 28-уми январи соли 1874 ҳарбиёни рус ба истиқоматгоҳи Пӯлодхон ҳала намуданд, ӯ гурехта бошад ҳам, баъдан ба тезӣ дастгир намуданд. Баъдтар , яъне моҳи марти ҳамон сол Пӯлодхонро дар майдони бозори шаҳри Марғелон бо ҳукми суди қӯшунҳои Россияи подшоҳӣ ба дор кашиданд.

Минбаъд боқимонда роҳбарони шӯриш низ бо усулҳои гуногун ҷазо дода шуданд. Ва ҳукумати Россияи подшоҳӣ аз мардуми Хӯқанд чун контрибусияи ҷанг 3 млн сӯм талаб намуд. 19-уми феврали соли 1876 бо ризогӣ ва тасдиқи императори Россияи подшоҳӣ Александри II ва бо супориши генерал-губернатори Туркистон К. П. Кауфман хонигарии Хӯқанд барҳам гардид. Ҳамин тариқ, ба ҷойи хонигарии Хӯқанд дар ҳайати генерал – губернатории Туркистон минбаъд як вилояти нав – вилояти Фарғона ташкил гардид. Губернатори ҳарбии вилояти навтаъсиси Фарғона генерал М.Д.Скобелев таъйин гардид.

Хуласа, шӯриши солҳои 1873 – 1876, яъне «Шӯриши калонтарини мардуми водии Фарғона шикаст хӯрд. Шӯриш хусусияти халқӣ дошта, дар марҳилаи аввал ба муқобили зулму истибдоди хонӣ ва дар марҳилаҳои баъдина ба муқобили мустамликадоронаи ҳукумати Россияи подшоҳӣ ва генерал губернаторӣ нигаронида шуда буд. Ҳукуматдорони Россияи подшоҳӣ дар натиҷа баъди пахши шӯриш Хонгарии Қӯқанд барҳам намуда, вилояти нав таъсис додаанд»[2, в.1].

Минбаъд К. П. Кауфман ба Д. А. Милютӣ менависад: «Муҳорибаҳои Маҳрам воқеан тақдири Хонигарии Хӯқандро ҳал мекард» [2, в.1]. 26 августи соли 1875 отряд бо сардории К. П. Кауфман аз Маҳрам ба Хӯқанд ҳуҷум кард. Ӯро дар гузаргоҳи аввал сафирон бо тухфаҳо ва номаи Насриддинхон пешвоз гирифтанд, аммо Генерал-губернатор тухфаҳоро қабул накарда, мактубро гирифт. 27 август вай сафирони Хӯқандро баргардонида, ба Насриддинхон шифоҳӣ ҷавоб дод, ки бо ӯ гуфтушунидҳои шахсӣ хоҳад дошт, вале на дар наздикии Хӯқанд. Ҳамчунин эълон кард, ки «агар сокинони Хӯқанд ӯро, яъне К. П. Кауфманро бо нону намак вохӯрданд, он гоҳ ба онҳо зарар намерасонад, аммо агар онҳо шӯриш бардоранд, ба шаҳр раҳм нахоҳад шуд» [14, в.254].

19 феврали соли 1876 вазири ҳарбӣ Д. Милютин расман эълон кард, ки «Императори соҳибихтиёр, мувофиқи пешниҳоди фармондеҳи округи ҳарбии Туркистон рӯзи 19 феврали ҳамин сол фармон медиҳад. Ӯ фармон дод, ки ба:

1. Сарҳади аз нав ишғолкардаи қушунҳои русро соли гузаштаи 1875 Хонигарии Хӯқанд дохил мешуд, ба сарҳади империяи Россия дохил карда, дар асоси он вилояти Фарғона ташкил карда шавад.

2. Маъмурият дар ин минтақаи нав бояд аз ҷониби ҳукумати генералии Туркистон иҷозат дода шавад, ки бо назардошти шароити кунунӣ ва шароити маҳаллӣ дар шакли муқаррароти муваққатӣ монанд ба муқаррароте, ки дар департаментҳои Зарафшон ва Амударё ҷорӣ карда шуда буд, ҷорӣ карда шавад. Бо гузашти вақт, ин вазифаи муваққатӣ барои тасдиқи олӣ пешниҳод карда мешавад.

3. Хароҷоти идоракунӣ дар минтақаи навтаъсис бояд ба даромаде, ки аз аҳолии ин минтақа мавҷуд аст, пардохта шавад, ки он бояд дар ҳамон асосе, ки барои даромад аз шуъбаҳои Амударё, Кӯлҷа ва Зарафшон муқаррар шудааст, ҳисобот дода шавад.

4. Губернатори ҳарбии вилояти Фарғона ва фармондеҳи қушунҳои он, намояндаи Аълоҳазрат, генерал-майор Скобелев Михаил Дмитриевич таъйин карда шавад» [15,в.1-2].

Бояд тазаккур дод, ки маҳз, ошӯбу шӯришҳои халқӣ минбаъд, боиси аз байн рафтани Хонигарии Хӯқанд гардиданд.

Таҳқиқи асари «Таърихи Шоҳрухӣ»- и Ниёзмуҳаммади Хӯқандӣ ва дигар манбаҳо оид ба вазъи сиёсии Хонигарии Хӯқанд ба чунин хулоса меорад, ки:

1. Таърихи Хонигарии Хӯқандро бо достони ҳамчун асосгузори давлат интихоб шудани Шоҳруххон ва таъсиси Хӯқанд оғоз меёбад.

2. Бояд қайд кард, ки доир ба масъалаи марҳилаҳои асосии таърихи Хонигарии Хӯқанд, замони ҳукмронии хонҳои ин давлатро дар назар доштан мумкин аст. Зеро ки ҳукмронии ҳар як ҳокими Хонигарии Хӯқанд марҳилаҳои алоҳидаи таърихиро дар бар гирифта, хусусияти ба худ хос дорад;

3. Вазъи сиёсии Хонигии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII вобаста ба ҳукмронии хонҳои Хонигарии Хӯқанд: Шоҳрухбий II Хирс, (солҳои 1704-1710), беки мустақили Фарғона (солҳои 1710-1720), Абдураҳимбий, писари Шоҳрухбийи II (солҳои 1721-1739), Абдукаримбиӣ, писари Шоҳрухбийи II, (солҳои 1739-1751 (1765)), Шодибий, писари Шоҳрухбий II (солҳои 1739-1748), Сулаймон-бек, писари Шодибий (солҳои 1748-1778), Низом ад-дин Муҳаммад Бобобий, писари Абдураҳимбий (солҳои 1751-1752), Эрданабиӣ, писари Абдураҳимбий (солҳои 1752-1769(1765-1778)), Сулаймонбек, писари Шодибий (солҳои 1769-1770 (1778)), Норбутабий, писари Абдураҳмонбий, (солҳои 1770-1798,(1778-1807)) таҷассум гардидааст.

4. Дар асари мазкур вазъи сиёсии Хонигии Хӯқанд дар аввали асри XIX вобаста ба ҳукмронии хонҳои Хонигарии Хӯқанд - Олимхон (1800-1810) ва Умархон (1810-1822), Муҳаммадалихон (1822-1842), Шералихон (1842-1845) ва Худоёрхон (1845-1858) инъикос гардидааст.

5. Ҳарчанд Олимхон бо заҳмату кӯшишҳои зиёд дар давлат тартиботи нисбӣ барқарор карда тавонист, аммо дар натиҷаи интиқомҳои хунини худ бар зидди нофармонҳо чи дар байни ашрофони ӯзбек ва ҳам дар байни хоҷаҳо душманони зиёде дошт. Аз ин рӯ, барои таҳкими мавқеаш дар дигар қишрҳои мардум пуштибонӣ меҷуст ва онро дар миёни мардуми Тоҷикистони кӯҳистон

ва Ховари Миёна пайдо кард, зеро онҳо як унсури қавмии бегона буда, бо гурӯҳҳои маҳаллӣ робита надоштанд.

6. Хулоса, дар ин давра Хӯқанд, аз ҷониби Олимбек расман номи хонигариро гирифт, худи ӯ дар таърих бо номи Олимхон боқӣ монд. Дар давраи Олимхон лашкари мунтазами хонигарӣ ташкил карда шуд, ки дар он тоҷикони кӯҳистон - ғалчаҳо ё кӯҳистонӣ, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ бо унвони тоғлик номида мешавад, фаъол иштирок карданд. Ҳамзамон, тоҷикони Қаротегин (Ғарм - Рашт), Дарвоз, Читрол, Ҳоит дар он фаъол иштирок карданд. Аз мобайни онҳо ходимон ва арбобони давлатӣ, сарлашкарон ташаккул ёфта, дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ фаъолона ширкат намуданд.

7. Ҳамин тавр, дар замони ҳукмронии Худоёрхон муносибатҳои Россияи подшоҳӣ ва хонигарии Хӯқанд идома ёфта, пас аз баста шудани шартнома, рақибони Худоёрхон ӯро дар хиёнаткорӣ ба Ватан айбдор намуданд, ки дар натиҷа дар хонигарӣ давраи муайяни ноором иҳо ба вуҷуд омаданд.

8. Воқеаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки дар мобайни давлатҳои Осиёи Миёна, танҳо Хӯқанд ба Россия контрубутсия (товони ҷанг « М» ) маблағ насупоридааст. Дар ҳолате, ки ҳам аз Аморати Бухоро ва ҳам, аз Хонигарии Хива дар оянда Россия маблағҳои калон меситонад.

9. Бояд қайд кард, ки дар соли 1876 дар натиҷаи ба роҳ монда шудани мустамлики Россияи подшоҳӣ, мавҷудияти Хонигарии Хӯқанд қатъ гардида, ҳукмронии сулолаи мингҳо низ аз байн рафт.

10. Баъд аз байн рафтани Хонигарии Хӯқанд, музофотҳои он ба вилояти Фарғона дохил карда шуданд, ки яке аз панҷ вилояти Генерал- Губернатории Туркистон маҳсуб меёфт.

Ҳамин тариқа, мо дар хулосаи зербоби сеюми боби дуюм масъалаи ҳаёти сиёсии хонигарии Хӯқанд дар аввали асри XIX мавриди таҳқиқ қарор дода, дар даҳ бандҳои алоҳида ҳаёти сиёсии хонигарӣ нишон дода шудааст.

Хулоса мо дар боби дуюми рисолаи мазкур се масълаҳоро мавриди тадқиқот қарор додем, ба монанди: Масоили салтанати Шоҳруххон ва

ташаккули Хонигарии Хӯқанд, вазъи сиёсии Хонигарии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва ҳаёти сиёсии хонигарии Хӯқанд дар аввали асри XIX , ки дар онҳо маълумотҳо оид ба ин масъалаҳо бо пешкаши далелҳо аз сарчашма оид ба таърихӣ хонигарӣ, аҳли сулола, ва салтанат, вазъи сиёсии хонигарӣ дар давраҳо ва марҳилаҳои баён гашта пешниҳод карда шудаанд.

Ҳаёти сиёсии хонигарии Хӯқанд дар аввали асри XIX бо ҳукмронии Олимхон (1800-1810) ва Умархон (1810-1822) оғоз гардид. Олимхон бо раванди ислоҳотҳоро пеш гирифт, ташкил кардани қушунҳои мунтазам, муттаҳид кардани баъзе аз сарзаминҳо дар вилоятҳо, инчунин барои таъмини устуворӣ дар хонигарӣ кӯшишҳо ба харҷ додааст. Инчунин пас аз вафоти ӯ дар соли 1810 боисиоғози мубориизаи дигари сиёсӣ гардид, ки дар он Умархон ба сари ҳокимият омад.

Умархон, дар давраи хукмронии худ, кӯшиш кард, истиқлолияти кишварро нигоҳ дорад, гарчанде ки ҷангҳои сарҳадӣ ва марзӣ ва иқтисодии хонигарӣ зарарӣ зиёд расидааст. Дар давраи кашмакашиҳои дохилӣ ҳокимияти хешро боз ҳам заифтар намуд, ки ин боиси норозигӣ мардум гардидааст.

Дар масъалаи ситонидани маблағҳои андоз дар хонигарӣ боло гардид ва боиси сарзадани шӯришҳо ва норозигии мардум гардидааст. Таъғирот дар робитаи дипломатӣ ба назар мерасад, дар он мавқеъи махсусро муносибат бо империяи Россияи подшоҳӣ ва кишварҳои ҳамсояро муваффақона ба роҳ монданд.

Ин шӯришҳо ва мубориизаҳо дар охир сабаби забти Осиёи Миёна аз ҷониби Россияи подшоҳӣ гаштааст. Моҳи феврали 1876 Хонигарии Хӯқанд расман барҳам хӯрд ва ба ивази он, вилояти Фарғона дар ҳайати генерал-губернаторӣ таъсис ёфтааст.

Хонигарии Хӯқанд дар аввали асри XIX, яъне дар давраи ҳукмронии Олимхон ва Умархон, бо таъғиротт ва созишҳои сиёсӣ рӯ ба рӯ гардид, дар ин давра, ҳокимият барои таъсиси сохторҳои муваффақӣ давлатӣ кӯшиш кардааст, аммо мубориизаҳои зиёде сиёсӣ байни гурӯҳҳо, барои ҳокимият ва устувории

давлат халалдор гардиданд, яъне ҳокимияти сиёсӣ боиси бадшавии вазъи зиндагии мардум ва мушкилоти идоракунии хонигарӣ гардид.

# БОБИ III. ИНЪИКОСИ ҲАЁТИ ИҚТИСОДӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКОНИ ХОНИГАРИИ ХӮҚАНД ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII ВА АВВАЛИ АСРИ XIX ДАР «ТАЪРИХИ ШОҲРУХӢ» - И МУЛЛОНИЁЗИ ХӮҚАНДӢ

## 3.1. Вазъияти иҷтимоию иқтисодии тоҷикони Хонигарии Хӯқанд

Дар замина таҳқиқӣ асари «Таърихи Шохрухӣ»- и Муллониёзи Хӯқандӣ муайян шуд, ки дар асар маълумотҳои дақиқ, далелҳои муҳимтарини хусусияти иқтисодӣ - иҷтимоӣ, этнографӣ ва идеологӣ бисёр мебошанд ва дар онҳо вобаста ба ҳукмронии хонҳои Хонигарии Хӯқанд баён гардидаанд. Ҳокимон барои тадриҷан мустаҳкамтар намудани он сайъю кӯшиш намуда, ҳудудҳои худро аз ҳисоби заминҳои нав бештар зиёд карда, ба зери тасарруф мегирифтанд. Дар заминаи ҳукмронии хонҳо, аз Шоҳруххон то Худоёрхон, вазъи иқтисодии хонигарӣ ё рушд кардааст ё худ паст рафтааст.

Дар ин марҳилаи таърихӣ ба самти Осиёи Миёна муҳоҷирати қабилаҳои гуногуни узбектабор, аз ҷумла манғит, барлос, лақай ва дигарон ба таври назаррас афзоиш ёфт. Дар оғози асри XIX тахминан 40 % аҳолии ин диёрро кӯчманчиён ташкил мекардааст. Охиста –охиста ба ҳаёти муқимӣ гузаштани ин қабилаҳои узбекзабон, раванди ҳамзистии тоҷику узбек тақвият ёфта, ҳамзамон омезиши этникӣ низ ба миён омад, ки барои қисми аҳолии тоҷик падидаи мураккаб ва баҳсбарангез арзёбӣ мегардад.

Ҷангҳои тӯлонӣ ва харобиовари байни давлатҳои мустақили Осиёи Миёна ба коҳиши сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолии минтақа оварда расонд.

Хоҷагии аҳолии хонигарии Қӯқанд, монанди Аморати Бухоро, асосан ба кишоварзӣ такя дошта, маҳсулоти асосии он гандум, пахта, зироатҳои полизӣ ва хӯроки чорво буд. Дар ин давра олоти кишоварзии аҳолӣ ҳанӯз аз сатҳи анъанавии асримиёнагии ибтидоӣ чандон фарқ надошт, ки ин омил низ ба сустии рушди хоҷагии деҳот таъсир мерасонд.

Масалан, «Абдукаримбий бародари хурди Абдураҳимбий буд, ки пас аз марги бародараш дар соли 1734 қудратро дар Хонигарии Хӯқанд ба мерос гирифт. Дар давраи Норбутабиӣ (1764 - 1798) дар кишвар оромии нисбии сиёсӣ

ва шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ ҳукмфармо буд. Норбута тангаҳои мисӣ баровард» [38,с.5]. Яъне, дар ин давра иқтисодиёт пеш рафта, хоҷагии қишлоқ рушд мекунад, ки онро Мулло Олимахдум Ҳоҷӣ чунин ба қалам додааст: «Дар давраи ҳукмронии ӯ ғаму ташвиш набуд, гуруснагӣ ва хароҷоти зиёд набуд. Дар замони он хон низоми пулӣ ба муомилот баровarда шуд, касе ғалладонаро аз анборҳо намехарид ва он ройгон дода мешуд. Бисёре аз мардуми минтақаҳои ҳамсоя аз шунидани чунин зиндагии арзон ва осоишта ба Хӯқанд кӯчиданд, ки ин сабаби ободонӣ ва шукуфоии Фарғона буд» [58, с.56].

Бояд хотирнишон кард, ки Хӯқанд ба ҳайси хонигарӣ дар соли 1709 пайдо шуд ва ин хонигарӣ то соли 1876 идома пайдо кард. Ин хонигарӣ заминҳои давлатҳои имрӯза аз қабили баъзе ноҳияҳои Тоҷикистони шимолӣ , водии Фарғонаи Ӯзбекистон, Қирғизистони шимолӣ, ҷануби Ҷумҳурии Қазоқистон ва Вилояти Мухтори Шинҷон-уйғури Ҷумҳурии мардумии Чин - ро фаро мегирифт. Дар ин давра Хӯқанд дорои дуконҳои тиҷоратӣ, биноҳои маъмурӣ, бонкҳо ва биноҳои боҳашамати саноатчиён будааст. Қасри хон - «Ӯрда» ном дошт ва ёдгориҳои меъмории мардумии маҳаллаҳо, масҷидҳо, мадрасаҳо, ки дар ин давра бунёд гардида буданд, то замони мо омада расидааст ва ҳамчун ёдгории меъморӣ – таърихии асри XIX - ибтидои асри XX маҳсуб меёбанд. Баъд аз забти Осиёи Миёна аз ҷониби Россияи подшоҳӣ, соли 1876 Хонигарии Хӯқанд ҳамчун давлат аз байн рафта, ба ҳайати вилояти Фарғонаи империяи Россияи подшоҳӣ дохил мешуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки «Ҷангу ҷидолҳои давлатҳои мустақили Осиёи Миёна» [58, с.56] то ҳуҷуми Россияи подшоҳӣ ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ таъсиргузор буда, ҳамзамон ҷангҳои дохилии хонигариҳои минтақа ба зиндагии аҳолӣ таъсири манфии худро расонид. Аҳолии маҳаллӣ аз ин ҷангу даргириҳо сахт азият мекашид, баъзе минтақаҳо муқаррар мавриди тохту тоз қарор мегирифт. Барои мисол, Ӯротеппа дар ин марҳила бештар аз 60 маротиба мавриди ҳамла ва тохту тоз қарор гирифт. Ин даврае буд, ки ба Осиёи Миёна бештар қабоили туркнажоди узбек, барлос, лақай ва монанди инҳо бештар нуфуз пайдо карда, дар ин сарзамин муқимӣ шуданд. Ба ҳамин минвол, дар

оғози қарни XIX наздики 40 дарсади аҳолии ин минтақаро кӯчманчиён ташкил медоданд. Вақте ин қабоили туркнажод ва муғулнажод дар ин минтақа тадриҷан муқимӣ гардида бо аҳолии бумии ин минтақа, яъне тоҷикон омезиш пайдо карданд, ин омезиш ва нуфуз пайдо кардани қабоили кӯчманчӣ барои тоҷикон хеле зиёновар буд. Ҷангҳои харобиовари байни давлатҳои мустақили Осиёи Миёна боиси он мешуданд, ки дар системаи обёрӣ дигаргунӣ ба амал намеомад,

Бояд қайд кард, ки аҳолии ин минтақа, яъне Хонигарии Хӯқанд бештар ба кишоварзӣ машғул шуда, гандум, пахта ва дигар намуди сабзавот ва полезиҳоро кишт мекарданд. Олоти меҳнат ҳам хеле тағйир накарда буд. Ин далоил боиси ақабмондагии ин манотиқ мешуд. Дар ин давра намуди маъмули заминдорӣ танхоҳ маҳсуб меёфт, масалан аз ҳисоби ҷамъоварии андоз мулкдорони танхоҳ ба хазинаи давлат низ миқдори маблағи муайянро месупориданд. Минбаъд, дар замони осоишта аҳолии Хонигарии Хӯқанд санъати обёрии сунъиро комилан азхуд карда, дар заминҳои музофоти ин давлат чунин маҳсулоти хоҷагидорӣ мекориданд. Аз ҷумла: гандум, ҷав, арзан, ҷуворимакка, ҷав, мош, лубиё, кунҷит, зағир, пахта, юнучка; аз сабзавот: харбуза, тарбуз, бодиринг, каду; аз меваҳо: ангур, зардолу, шафтолу, себ, нок, биҳӣ, чормағз, олу, гелос; аз сабзавот: сабзӣ, пиёз, лаблабу ва ғайра. Аз ҷониби Россияи подшоҳӣ харидорӣ кардани пахтаи Осиёи Миёна, бахусус, аз Хӯқанд барои боз ҳам васеъ шудани майдони пахта мусоидат карда, савдои пахта ҳатто аз боҷ озод карда шуда буд.

Таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ нишон медиҳанд, ки дар Хонигарии Хӯқанд шаклҳои зерини заминдорӣ мавҷуд будааст:

1. Заминҳои амлок (заминҳои хусусӣ);
2. Заминҳои моликияти хусусӣ;
3. Заминҳои вақф.

Ҳамаи замин моликияти давлатӣ ҳисоб мегардид.

Аз ин ҷост, соҳиби заминҳои хусусӣ дар асл соҳиби замин не, баръакс соҳибони маҳсулоти дар он рӯёнидашуда ва биноҳои дар он сохташуда буданд.

Заминдорони калон, ки соҳибмулк буданд, заминҳо аз 30 то 60 гектарро ташкил медоданд ва шахсе, ки як гектар замин дошт, заминдори калон ё худ сарватманд хисобида мешуданд. Миқдори нафароне, ки беихтиёр ба кор дар заминҳои хон даъват карда мешудаанд, ба 10 ҳазор нафар расида буд ва ин деҳқононро мардикор меномиданд. Бинобар ин, қишрҳои аҳолӣ вобаста ба фаъолияти заминдорӣ ба чунин табақаҳо тақсим карда мешуданд, ки дар ҷадвал нишон дода шудааст. Масалан:

**Ҷадвали 1.**

**Қишрҳои аҳолӣ вобаста ба фаъолияти заминдорӣ**

| | | |
|---|---|---|
| | **Мардикорҳо** | **Ин як табақаи одамонест, ки беихтиёр ба кор дар заминҳои хон сафарбар шудаанд.** |
| | **Чоряккорҳо** | **Ин як гурӯҳи одамоне будаанд, ки барои ба даст овардани як қисми ҳосил дар заминҳои хусусӣ, чун кироя кор мекарданд, яъне на соҳиби асп буданду на соҳиби олоти меҳнат.** |
| | **Корандаҳо (саҳмдорон)** | **Ин як гурӯҳи одамоне будаанд, ки аз нисфи ҳосили ба дасиомадаи заминро ба иҷора гирифта, бо олоти меҳнати худ кор мекарданд.** |

Дар ин давра барои истифодаи замин, андози асосӣ хироҷ (андози замин) ба шумор мерафт, ки 1/3 - 1/5 ҳиссаи ҳосилро ташкил мекард ва як навъ андози закот маҳсуб меёфт, ки аз се намуди закот иборат буд:

1. пардохти мундариҷа;
2. пардохти дуд;
3. боҷҳо - андозҳо.

Бояд қайд кард, ки аз замони ҳукмронии амир Шоҳмурод бо сабаби густариш ва инкишоф, тарафдорӣ саҳми заминҳои вақф низ зиёд гардид, ки аз манбаи фоидаи он зиндагии ҷудогона мебурданд. Чун ҳосил зиёд мешуд, теъдоди андозҳо низ афзоиш пайдо мекард. Андозҳаи ғайримусулмонӣ, андозҳои ба шакли туркӣ ҷорӣ гардида, ба монанди: «амонпулӣ», «ҷӯбпулӣ» ,

«тагиҷой», «никоҳона», «танобона», «миробона», «алафпулӣ», «қӯшпулӣ», ки зиндагии халқро вазнинтар мегардонид. Дар шароити нисбатан ором аҳолии хонигиро ба таъмири деворҳои қалъа, сохтани иншоотҳои мудофиавӣ, кофтани каналҳо, тоза кардани заҳбурҳо, сохтани роҳҳо сафарбар карда мешуданд.

Бояд қайд, ки дар Хонигарии Хӯқанд касбҳои зерини ҳунармандон вуҷуд доштанд: мисгарӣ, заргарӣ, кандакорӣ, кулолгарӣ, коғазсозӣ, бофандагӣ, косахонакашӣ, гулдӯзӣ, устои купруксозӣ, оҳангарӣ, нанвойӣ, найзасозӣ ва ғайра, ки барои рушди иқтисодиёт мусоидат мекарданд. Ҳамзамон, барои коркарди канданиҳои фоиданок эътибори масус дода шуда, дар Хонигарии Косансой (Намангон), дар дарёи Кукрев дар шимоли Қаратоғ, дар соҳили дарёи Чирчик, дар лаби дарёи Чаткал маъдани тилло истихроҷ карда мешуд. Дар Хӯқанд ба монанди Самарқанд коғаз истеҳсол карда мешуд.

Тавре маълум аст, иқтисоди бозорӣ дар ҳама давру замон асоси рушди иқтисодиёт маҳсуб меёфт. Дар шаҳрҳои Хонигарии Хӯқанд дар замони ҳукмронии онҳо, рӯзҳои якшанбе ва чоршанбе рӯзҳои бозор ба ҳисоб рафта, дар ҳаёти иқтисодии Хонигарии Хӯқанд тиҷорат бо Аморати Бухоро, Хонигарии Хива, Кошғар, Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон ва махсусан бо Россияи подшоҳӣ мавқеи алоҳидаро дошт. Масалан: савдо бо Қошғар танҳо ба воситаи Хӯқанд ба амал меомад, ки корвоне бо аспҳо аз Хӯқанд ба Қошғар 14 - 20 рӯз сафар мекард. Аз Хӯқанд ба Қошғар чунин ашёҳо ба монанди: оҳан, матоъҳои абрешимию пахтагин, тилло ва аз Кошғар ба Хӯқанд ҳар сол ба 30 ҳазор асп чой, 200 асп матоъ, 200 асп сангҳои қиматбаҳо, 50 асп молҳои атриётӣ ва галантерея ворид мегардид, ки аз муносибати фаъоли савдои тарафайн хабар медод. Дар шаҳрҳо бештар косибон кору зиндагӣ мекарданд, аҳоли деҳот бошад молҳои истеҳсол намудаи хешро ба бозорҳои шаҳр оварда, ниёзҳои худро бароварда месохтанд. Дар шаҳрҳо аҳолӣ ба касбу ҳунарҳои гуногун шуғл меварзиданд ва таваҷҷуҳи мардум ба бофандагию ресандагӣ хеле зиёд буд. Дуруст, ки кори кишоварзӣ аксаран дастӣ иҷро карда мешуд ва аз ин рӯ, чандон судвар набуд. Аз ин рӯ, аҳолии деҳот аксаран барои пайдо намудани кор ба шаҳрҳо рӯ меоварданд. Чун дар ҳамин давра баъзе коргоҳу сехҳои коргарӣ

пайдо мешуданд ва ин коргоҳҳо ниёз ба қувваи кории арзон доштанд. Аммо дар деҳот ба иллати бекорӣ ва сатҳи пасти даромаднокии кишоварзӣ қувваи кории арзон хеле зиёд буд,ки рӯ ба шаҳрҳо меоварданд. Дар минтақа дар шаҳрҳои зерин аз қабили Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд, Тошканд, Ҳисор бозорҳои калон фаъолият мекарданд ва онҳо дар пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро таъмин мекарданд.

Қобили тазаккур аст, ки дар замони ҳукмронии бархе аз хонҳои Хонигарии Хӯқанд беҳтаршавии ҳаёти иқтисодӣ ба назар расида, ба рушди давлат мусоидат кардааст. Чунончӣ, ба ақидаи аксари воқеанависони он замон айёми Норбутаро дар ҳаёти Фарғонаи чоряки охири асри XIX ҳамчун давраи беҳтаршавии хоҷагӣ, арзоншавии нархҳо, дар муомилот васеъ паҳн гаштани сиккаи кӯчак-пул (қора фулус), васеъшавии низоми обёрӣ - сохташавии ҷӯйҳои калон бо воситаи сойҳои Сӯх ва Ҳушёр, сохтмони мадрасаҳо, аз ҷумла мадрасаи Мир[90, 499] дар дигар адабиёти илмӣ бо номи «Мирот» [36, с.206] ва «Минг ойим» [95, с.98] қайд гардидаанд, сохта шудаанд.

Бояд қайд кард, ки дар замон ҳукмронии Умархон байни Хӯқанду Андиҷон шаҳри нав - бо номи Шаҳрихон сохта ва шоҳрӯди дарозиаш қариб 120 км аз Қародарё - шохоби ҷануби дарёи Сир - таҳти унвони Шаҳрихонсой сохта шудааст. Дар ин давра 77 гектар заминҳои лабташна обёрӣ шуданд ва ба воҳаҳои сабз табдил ёфтанд. Ин шоҳрӯд шароити обёрии шарқи Фарғонаро ба куллӣ тағйир дод.

Ҳамзамон, Умархон табъи хуби шоирӣ низ дошт ва бо тахаллуси Амир ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ шеърҳо навиштааст, ки онҳо дар тазкираи Маҷмуа - ау-шуаро гирд оварда шудаанд. Дар дарбори Умархон беҳтарин шоирон, хаттотон, рассомон ҷамъ омада буданд. Маҳз сиёсати дурусти Умархон буд, ки маориф пеш рафта, якчанд мактабҳо, аз ҷумла, дабистонҳои духтарона таъсис ёфтанд. Ҳамсари Умархон Моҳлар ойим шоираи шаҳири тоҷик Макнуна (Нодира) ҳамчун сарпараст ва ҳомии илму фан, адабиёт ва санъат дар ҳаёти маданӣ фаъолияти самаранок дошт.

Илова бар ин дар қаламрави хонигарии Хӯқанд: «Хаттотон дар мадди назари хонҳо қарор дошта, меҳнати онҳо ба таври хуб қадршиносӣ мегашт. Махсусан, Нодирабегим ба ҳаттотоне, ки ба таври самаранок ва сермаҳсул фаъолият менамуданд ба онҳо қалами тиллоӣ, қаламдони нуқрагин дода, онҳоро ба мансаби «Қалами заррин» таъин намуда будаанд»[157].

Қобили зикр аст, ки дар хонигарӣ ба масъалаи хаттотӣ эътибори махсус зоҳир менамуданд. Дар махзани дастнавистҳо сарчашмаҳои зиёди қаламие, ки дар давраи мавҷудияти хонигарии Хӯқанд ва дар қаламрави он китотобат шудаанд, маҳфуз аст. Дастнависҳои мазкур ба соҳаҳои мухталиф таърихӣ, илмӣ, бадеӣ, динӣ матааллиқ аст. Дар байни онҳо асарҳое, ки бо дастуру ҳидоятҳои хонҳо, маликҳо, мансабдорони олирутбаи давлатӣ нусхабардорӣ шудаанд, низ мавҷуд аст. Дар байни онҳо тазкира «Маҷмуаи шоирон»-и Фазлии Намангонӣ, ки соли 1821 бо нишондоди хони Хӯқанд Умархон (1810-1822) таълиф гашта, барои нусхабардорӣ ба котибон дода шуда буд, ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи мақоми хосса, диққати ҷиддӣ ва шароити муфид: «Дар хонигарии Қӯқанд як мактаби мустақили хаттотӣ ташаккул ёфт. Бо роҳбарии хаттоти маъруф Муҳаммад Шариф Дабир дар шаҳрҳо ва деҳоти хонигарӣ хаттотони боистеъдод ба камол расиданд»[157]. Хусусияти хоси хаттотони Қӯқанд дар он буд, ки онҳо ҳамзамон шоир, таърихнигор ва рассомони ҳунарманд низ ба шумор мерафтанд. Бо эҷоди асарҳои арзишманд онҳо хаттотии Қӯқандро ба сатҳи санъати миллӣ расонида, осори гаронбаҳоеро офариданд, ки то имрӯз боқӣ мондаанд.

Дар ҳамин давра вазъи илм дар хонигарии Қӯқанд нисбат ба дигар минтақаҳо ва давлатҳои Осиёи Марказӣ ба таври назаррас ақиб монда буд. Қисми зиёди аҳолӣ аз навгониҳо ва дастовардҳои илмии соҳаҳои гуногун бехабар мемонданд. Дар омӯзиши илмҳои дақиқ ва табиӣ тафаккури асримиёнагӣ ва бесаводӣ буда, ҷаҳолат ҳукмфармонӣ дошт. Масалан, соли 1873 вақте ки Мавлавии Риштонӣ (маъруф ба «чӯпони Мавлавӣ») дар арк сохтани

соати офтобӣ муяссар гашт,аммо ӯро ба ҷодугарӣ маҳкум намуда, дар рафти шӯриш ба қатл расониданд.

Яке аз олимони ин замон, Мирзо Олим Маҳдум Ҳоҷӣ дар асари худ «Таърихи Туркистон» муҳити илмии он давраро бо ин суханон шарҳ додааст: «Дар илму маориф дар Туркистон ба ҷои Ибни Сино, Форобӣ, Улуғбек ва Алии Қушчӣ афроди замона омада, ба риёкорӣ ва худнамоӣ гирифтор гардида буданд».

Дар ин давра диққати махсус ва аҳамияти хоса ба соҳаҳои илмҳои амалӣ нигаронида шуда буд, зеро дар ҳаёти иқтисодӣ ва рӯзмарра истифода мешуданд. Аз ҷумла, тиб, риёзиёт ва геометрия дар меъморӣ, зироаткорӣ, гидрология ва муҳандисии обёрӣ нақши муҳим доштанд. Бо вуҷуди баъзе маҳдудиятҳо ва таффакури он давра муҳити илмӣ, ҳаёти фарҳангӣ нисбатан густариш меёфт. Мактабҳо ва мадрасаҳо дар раванди ташаккули фарҳангии хонигарии Қӯқанд мавқеи муҳимро ишғол менамуданд.

Минбаъд, дар натиҷаи ҳамсарҳад шудан Хонигарии Хӯқанд бо империяи Россияи подшоҳӣ, роҳи корвонҳои савдо бо воситаи худуди даштҳои қирғиз ва қазоқон мегузашт. Лекин, ин роҳи савдо на ҳама вақт ором буд, барои он ки феодалони қазоқ ва қирғизҳо тез - тез ба корвонҳои савдо ҳуҷум карда, онро ғорат мекарданд. Бо вуҷуди ин, аз савдои мунтазам Хӯқанд ва Россия манфиатдор буданд ва барои ҳамин ҳам дар чараёни алоқаҳои дипломатӣ, яке аз масъалаҳои муҳимми алоқаҳо, масъалаи бехатарии роҳи савдои байни давлатҳо буд. Барои боз ҳам фаъол гардонидани савдои ҳудуди Сибир ва Хӯқанд, сардори ҳудуди мудофаи Сибир – генерал – лейтенант Г. Глазенап ба номи хон мактуб ва совғоҳои худро бо воситаи аввалин сафирони худ, иборат аз се нафар, бо роҳбарии Н. Усов ба Хӯқанд фиристодааст.

Сафирони рус бо ҳамроҳии савдогарони тошкандӣ - Назар Мирзо ва बобоҷонов аз Петропавловск дар моҳи апрели 1816 баромаданд. Дар Тошканд ҳокими вилоят онҳоро бо ҳурмат ва эҳтиром қабул намуда, ба Хӯқанд равона кардааст. Дар Хӯқанд ҳам сафирон аз ҷониби Умархон ботантана қабул карда шуданд ва бо воситаи онҳо Умархон ҳам тухфаҳо ва мактуби ҷавобӣ фиристод.

Дар мактуби мазкур қайд карда мешавад, ки Хӯқанд ҳам бо монанди Россия, аз савдои байнидавлатӣ манфиатдор мебошад ва барои ривоҷи ин савдо ҳамаи чораҳои заруририро меандешад. Н. Усов ва сафироне, ки бо ҳамроҳии ӯ буданд, баъди як сол дар моҳи июни соли 1817 ба Россия баргаштанд.

Дар давраи ҳукмронии Мадалихон муносибатҳои дипломатии хонигарии Қӯқанд бо Империяи Русия вусъат ёфта, ба рушди ҳаёти иқтисодӣ такони ҷиддӣ бахшид. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар раванди ташаккул ва густариши робитаҳои иқтисодии байни Қӯқанд ва Русия баъзе монеаҳо ва душвориҳо ба миён омада буданд. «Соли 1822 аз Хӯқанд ба Россияи подшоҳӣ сафирон фиристода мешаванд, аммо ба онҳо бо сабабҳои номаълум ба пойтахти Россияи подшоҳӣ гузаштан иҷозат надоданд, сафирон аз мавзеъи Семипалатинск баргаштанд» [39, с.30]. Дар моҳи июни соли 1824 бо таклифи ҳукумати Россия сафирони гурӯҳи дигари Хӯқанд Хонкелди Бобохонов ва Ғанихоҷа Зулфиқор эшон боз ба Россия сафар мекунанд. Ин аввалин сафирони Мадалихон ба Россия буд, ки бо таклифи Россия сафарро оғоз карданд. Мувофиқи таклифи Россия ва супориши Мадалихон, сафирон бо воситаи Сибир ба Петербург сафарро оғоз карданд, аммо бо сабабҳои номаълум дар Омск дошта мешаванд. 14 майи соли 1825 барои муайян намудани сабаби он, бо роҳбарии Соатбек Султонбеков гурӯҳи дигари сафирон фиристода шуд. Ин гурӯҳи сафирон дар даштҳои қазоқон аз ҷониби яке аз одамони хонҳои қазоқ Худайминди Ишимхон таллаю тороҷ карда шуданд ва ду нафар сафирон ба гарави гирифта шуданд.

Роҳбари гурӯҳ С. Султонбеков то шаҳри Омск расида аз сардори вилоят полковник Броновский ёрдам пурсида муроҷаат мекунад. Дар мактуби муроҷати С. Султонбеков таъкид мекунад, ки «Сафироне, ки бо сабабҳои номаълум аз ҷониби Россия дошта шуда буданд, баргардонида шавад ва ба аъзоёне, ки қазоқон ба гарави гирифта буданд, ёрӣ расонида шавад. Дар ин мактуб, сафир аз номи хони Хӯқанд, муҳимтарин масъала оид ба муносибатҳои савдо - рӯёнида шудани андозҳои иловагӣ аз савдогарони Хӯқанд норизогӣ изҳор менамояд» [29, с.75-77].

Бояд зикр кард, ки Мадалихон барои хуб ба роҳ мондани сиёсати иқтисодӣ бо Россияи подшоҳӣ чораҳои фаврӣ андешида, барои рушди он саъю кӯшиш менамуд. Масалан, алоқаҳои дипломатии Хӯқанд ва Россия дар вақти тезутунд шудани муносибати халқҳои Хитой ва Хӯқанд боз фаъол гардид. Дар натиҷа, соли 1827 Мадалихон ба мақсади ҳал намудани муаммоҳои иқтисодие, ки дар натиҷаи муносибатҳои байни Хӯқанд ва Хитой ба вуҷуд омада буд, ба Россия сафирони худро таҳти сарварии Каттабек Фозилов фиристод. Ҳадаф аз ирсоли сафирон ин ҳаллу фасл намудани масъалаи марбут ба дарёфти розигии ҳукумати Россия мабни бар эҳёи савдо бо Кошғар буд. Дар он вақт бозорҳои Хӯқанд ба молҳои Хитой, аз қабили чой, матоҳҳои абрешим ва зарфҳои чиннӣ эҳтиёҷи калон дошт. Савдогарони Хӯқанд, ин маҳсулотҳоро аз бозори Хитой овардо ба бозорҳои хонигарӣ ва дигар давлатҳои Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон, Россия мерасонданд ва аз ин манфиати калони моддӣ медиданд. Дар моҳи июни соли 1828 бо роҳбарии Садр Турсунхоҷа ва Хоҷӣ Миркурбон Муҳаммад Қосимов, гурӯҳи сафирон аз 14 нафар, аз номи Мадалихон чорум дафъа ба Россия мераванд. Онҳо ба Омск расида, аз он ҷо бо ҳамроҳии отряди ҳарбӣ ба пойтахти давлат - ба Петербург расиданд ва дар он ҷо аз ҷониби император Николаи I қабул карда шудаанд. Сафирон аз номи Мадалихон ба император чор аспи зотдор – арғумоқ, як уштур савғо дода ва мактуби ӯро ба император супориданд. Дар мактуб инкишоф додани савдои ду ҷониба ва таъмин намудани бехатарии роҳи савдо, таклиф карда мешавад. Дар мактуб, «Мадалихон норизогии худро оид ба аз ҷониби Россия дар ҳудуде, ки то ҳамон вақт дар ихтиёри Хӯқанд буд, сохта шудани қалъа ва истеҳкомҳои - Қарқаралӣ, Кент, Ку, Идрей, Қизилрейро баён дошта буд» [29, с.36]. Император сафиронро бо туҳфаҳои пурарзиш мушарраф гардонида, аз сӯйи хеш ба Мадалихон яроқи оташфишон, шамшери бо дастаи тиллоӣ, зарфҳои чинӣ дар ҳаҷми 2000 рубл, матоҳои абрешим ва кимхоб туҳфа намуд. Ин туҳфаҳо аз ҷониби 25 нафар дар вақти қабули Мадалихон ба ӯ сонитар супорида мешавад. Ба мактуби Мадалихон витсе-канслер Несселрод ҷавоб навишта, қайд менамояд, ки

«Мақсад аз сохтани қалъа ва истеҳкомҳо дар сарҳад ҳимоя намудани савдогарҳо, аз ҷумла савдогарони Хӯқанд мебошад» [29, с.37].

Дар номаи хеш ҳамчун посух Николайи I (аз 5 феврали с. 1829) менависад: «Россия аз алоқаҳои дипломатӣ ва савдо, инкишофи он бо Хӯқанд ва алоқаҳои дӯстона манфиатдор мебошад ва даъват менамояд, ки ин алоқаҳо боз ҳам инкишоф ёбад» [30, с70]. «Дар вақти ба ақиб баргаштани сафирон, онҳоро 13 нафар сарбозони рус бо роҳбарии Хорунжий Потанин ҳамроҳӣ мекунанд» [29,с. 80-84]. 12 августи соли 1829 онҳо аз Семипалатинск баромаданд, дар сарҳади хонигарӣ ба қалъаи Ҷулак-қӯрғон (дар сарчашмаҳои русӣ бо номи Жулек омадааст) даромада, як ҳафта истироҳат намуда, дам гирифта, баъд ба сӯйи Тошканд равона гашта, аз он ҷо ба Хӯқанд ҳаракат карданд. Сафирон ва сарбозоне, ки ба онҳо ҳамроҳӣ карда буданд, аз ҷониби Мадалихон тантанавор қабул карда шуданд. Бо илтимоси Мадалихон, сарбозони қӯшуни русҳо намоиши машқҳои ҳарбӣ ташкил карда, ҷаққонӣ ва маҳорати худро нишон доданд. Ҳамаи онҳо аз ҷониби хон бо тухфаҳо қадрдонӣ карда шуданд, роҳбари сарбозони рус Хорунжий Потанин бо арғумоқ, чапон, пул ва дигар сарбозҳо ҳам, бо тухфаҳои қимматбаҳо қадршиносӣ карда шуданд. Баъди панҷ ҳафтаи меҳмонӣ, сарбозони рус 16 январи соли 1830 аз Хӯқанд ба роҳ баромада, дар моҳи июни соли 1830 ба Россия расида омаданд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ оид ба омадани сафирони Хӯқанд ба Россия санаҳои гуногун оварда мешавад, аз ҷумла Чокан Валиханов, «солҳои 1828 ва 1830-ро нишон додааст» [22, с.140], дар адабиёти дигар «соли 1828 ва соли 1831 низ оварда мешавад» [16, с.14].

Чӣ хеле ки маълумотҳо нишон медиҳанд, аз даврони ҳукмронии Олимхон то забткунии Хӯқанд аз тарафи Россияи подшоҳӣ, дар байни давлатҳо мунтазам алоқаҳо ва муносибати дипломатӣ ба роҳ монда шуда буд. Лекин, аз он рӯзе, ки Хӯқанд Дашти Қипчоқро тобеъ кард, манфиатҳои ду давлат - Руссия ва Хӯқанд ба ҳамдигар зид шуд. «Дар натиҷаи фаъол шудани Россия дар ҳавзаи даштҳои қазоқ, муносибатҳои байни давлатӣ мураккаб шуда, дар соли 1822, Ҷузи миёна ба Россия тобеъ гардид ва дар он 8 минтақаи маъмурӣ ташкил карда шуд» [29,

с.86]. Бо минтақаҳои маъмурие, ки округ ном дошт, раис роҳбарӣ мекард, ба ин вазифа ҳукумати Руссия аз қазоқон ба ҳуд мақул номзадро таъйин мекард.

Дар назди раис чор ёрдамчӣ вуҷуд дошта – ду нафарашон аз русҳо ва ду нафарашон аз қазоқон иборат буд. Ин сиёсати Россия ба манфиатҳои Хӯқанд зид буда, Хӯқанд қувваҳои ҳаракати халқии қазоқоне, ки бо роҳбарии Кенесар Қосимов, Қароҷон Нуралиев бар зидди Россия, барои озодӣ мубориза мебурданд дастгири мекард. «Дар Қарқаралӣ, ҳаракати халқии зидди Россия бо роҳбарии Сарҷан Қосимов рӯй дода буд, ки он аз ҷониби ҳокими Тошканд аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ карда шуд. Баъди мағлубият онҳо ба хизмати бекларбегии Тошканд гузашта дар Тошканд мемонанд» [29, с.88]. Дар натиҷа тезутунд шудани муносибатҳои байни давлатҳо ба вуҷуд меояд. Баъди пахш карда шудани шӯриши аҳолии Туркистони Шарқӣ бар зидди хитоиҳо, «Империяи Син аз Хӯқанд талаб намуд, ки бар ивази 1000 сабика (ямбу) нуқра авлодҳои Ҷаҳонгирхоҷаро ба онҳо супоранд. Мадалихон ин талаби хитоиҳоро рад намуд [46, с.207]. Дар натиҷаи он, муносибатҳои дипломатии Хӯқанд ва Хитой тезутунд мешавад ва соли 1828 савдогарони Хӯқандӣ аз Туркистони Шарқӣ бароварда мешаванд, ба Хӯқанд эмбаргои иқтисодӣ ҷорӣ карда шуд. Дар натиҷаи он, дар мобайни Хӯқанд ва Хитой ҳама муносибатҳо қат гардида, ин ҳолат ба вазъи тиҷорат ва иқтисодии хонигарӣ зарари манфӣ расонид. Сабаб аз он иборат буд, ки дар ин давра савдогарони Хӯқанд, хусусан, андиҷониҳо роҳи савдои Хитой ва Осиёи Миёнаро ба дасти худ гирифта буданд. Ҳамаи молҳои Хитой, хусусан, абрешим ва дигар матоҳои олисифати Хитой ва маҳсулоти чой бо воситачигии савдогарони андиҷони ба ҳудудҳои Осиёи Миёна, Афғонистон ва Эрон расонида мешуд ва аз он савдогарон ва хонигарӣ фоидаи калон медид. Ҳолати тезу тунд шудани муносибатҳои Хитой ва Хӯқанд, дар мамлакат ҳолати буҳрони иқтисодиро ба вуҷуд овард, ки аз он иқтисодиёти Хӯқанд зарари ҷиддии моддӣ медид. Дар ин ҳолат, ягона роҳи халосиро Хӯқандиҳо, дар ҷанг медиданд. Бо ҳамин мақсад Мадалихон ба юриши ҳарбӣ тайёрӣ дид ва аз Бухоро бародари Ҷаҳонгирхоҷа - Мадюсуфхоҷа ба Хӯқанд

даъват карда шуд. Мадалихон бо ёрии хоҷаҳо, аз нав Туркистони Шарқиро забт карданро хост.

Дар моҳи июли соли 1831 бо фармоиши Мадалихон, панҷумин гуруҳи сафирон иборат аз 19 нафар, бо роҳбарии Хоҷа Миркурбон Қосим ӯғли (дар манбаъҳо ва сарчашмаҳои русӣ Миркурбонхоҷиев, зодаи шаҳри Тошканд буд), яъне ки тошкандӣ будааст, ба Россия фиристода шуданд.

Бо супориши хон, ӯ аз русҳо ҷудо намудани мутахассисҳо, барои аз худ намудани конҳои тилло ва нуқра дар ҳудуди хонигарӣ, пурсиданаш лозим буд. Ғайр аз ин сафир, аз русҳо як чанд тӯпҳои замонавӣ ва мутахасис - зобитҳое, ки барои тайёр намудани тӯпчиҳо лозим аст, пурсиданаш лозим буд. Гурӯҳи сафирон кай, ки ба шаҳри Тоболск расиданд, онҳоро бо баҳонаҳои паҳн шудани касали вабо дар пойтахт ба Петербург роҳ надоданд. Дар асл бошад Россия, «дар вақти тезу тунд шудани муносибатҳои Хӯқанд ва Хитой, ба Хӯқанд бо яроқ ё бо роҳи дипломатӣ, ёрӣ расонданро намехост ва бо ҳамин роҳ алоқаҳои худро бо Хитой дар мувозинат нигоҳ дошта тавонист» [39, с.40].

Туҳфаҳои хон - ду фил, ду асири хитоӣ ва дигар туҳфаҳо аз ҷониби русҳо қабул карда шуд. Ҷавобан, русҳо ҳам ба хон ва аъзоёни сафорат туҳфаҳо дода гардонданд, ин сафорат ҳамин тавр бе натиҷа ба Ватан баргашт. Ҳамин тавр, Хӯқанд муаммоҳои худро бо Хитой мустақилона ҳал намудан маҷбур мешавад. Дар натиҷаи шартнома, эмбарго – тақиқи савдои тарафайн бекор карда шуд. Савдогарони Андиҷон дар Туркистони Шарқӣ ва дигар минтақаҳои Хитой, аз нав бо фаъолияти тиҷоратӣ машғул гардидан иҷозат гирифтанд. Савдогарони Хӯқанд аз андози гумрук дар ҳудуди Туркистони Шарқӣ, озод гардиданд. Хӯқанд дар ҳудуди Туркистони Шарқӣ, ба фоидаи хазинаи худ аз савдогарони Андиҷон ҳуқуқи ҷамъ намудани андозро ба даст даровард. Дар асоси ин банди шартнома, Хӯқанд вакили худро бо унвони «Худойдод» (бо хитойи - «Шанья» ва он дар Хӯқанд бо унвони «Катта оқсаққол» номида мешуд) таъйин мекард. Ӯ дар назди худ якчанд ёрдамчиҳо дошта, онҳо «оқсаққол» номида мешуданд. Ба вазифаи «Худойдод» аз тарафи хон шахсе, ки нозукиҳои савдо дар Туркистони Шарқӣ хабар дошт, таъйин карда мешуданд. «Худойдод» ҳуқуқҳои беохири

маъмурӣ ва сиёсӣ дошта, ба ҷамънамудани андоз ташкил ва роҳандозӣ мекард, ба ҳама амалҳои сиёсӣ ва иқтисодие, ки бо Хӯқандиҳо дар Туркистони Шарқӣ алоқамандӣ доштанд ҳаллу фасл мекард. Тибқи вазифа «Худайдод», аз консул ва сафирони давлатӣ ҳуқуқҳои беандоза дошт. Инчунин ӯ ҳуқуқӣ аз номи хон ба шартномаҳои байнидавлатиро имзо намояд, ҳама масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маъмурие, ки бо Хӯқанд ва шаҳрвандони он вобаста аст ҳал намояд. Империяи Син бар ивази моликияти савдогарони Андиҷонӣ, ки дар вақташ хитоиҳо бо зӯрӣ кашида гирифта буданд ба Хӯқанд 10 ҳазор лян нуқра контрубутсия- товон супорид. Аз вилоятҳои марказии Хитой 10 ҳазор занҳо ва бачагоне, ки баъди пахши шӯриши Ҷаҳонгир хоҷа ба асири афтида буданд ва ба ноҳияҳои дохили Хитой ҳамчун ғулом муҳоҷир шуда буданд, ба Ватан баргаштанд. Дар навбати худ Хӯқанд ҳам, ҳамаи асирони хитоӣ-манҷурие, ки дар ҳудуди хонигарӣ буданд озод кард.

Бояд қайд кард, ки шартномае, ки дар мобайни хонигарии Хӯқанд ва империяи Сини Хитой баста шуд, барои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодии Хӯқанд аҳаммияти калон дошт. Аз як тараф, ин шартнома барои буҳрони иқтисодие, ки дар натиҷаи эмбаргои Хитой ба вуҷуд омада буд, хотима бахшида шуд. Аз тарафи дигар, мавқеи Хӯқандро ҳамчун давлат дар ҳудуди Осиёи Миёна баланд бардошт. Ин шартнома муваффақияти дипломатияи хонигарии Хӯқанд буд, ки аз шароити қулаи байналхалқӣ истифода бурда, барои инкишофи савдо ва муносибатҳои иқтисодии Хӯқанд роҳ кушод.

Бояд хотирнишон кард, ки давраи эмбарго ва дар заминаи он коҳиши иқтисодӣ ва сустшавии низоми молиявию охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-уми асри XIX дар хонигарии Хӯқанд, нишон дод, ки алоқаҳои савдои Хӯқанд бо Хитой дар устуворӣ ва инкишофи ҳаёти иқтисодии на фақат Хӯқанд, балки дар Осиёи Миёна, аҳаммияти муҳим дорад. Дар навбати худ, барои империяи Сини Хитой ҳам ин шартнома манфиатовар буд. Хитоиҳо барои ҷамъ намудани андози ҳудуди Туркистони Шарқӣ ба Хӯқанд иҷозат дода, бо ҳамин роҳ ин ҳудудро дар дасти худ дошта тавонист. Ба роҳ мондани муносибатҳои

дипломатӣ дар Хонигарии Хӯқанд бо дигар давлатҳо барои рушди ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ мусоидат мекард.

Бояд қайд кард, ки ҳаёти иҷтимоии Хонигарии Хӯқанд, махсусан дар давраи ҳукмронии Худоёрхон аз рӯйи табақабандии иҷтимоӣ ба роҳ монда шуда, дар асри XIX Хонигарии Хӯқанд давлати хосси феодалии шарқӣ буд, ки ба он бузургтарин феодал - хон сарварӣ мекард. ки дар шаҳри Хӯқанд нишаста буданд. Мувофиқи нардбони иерархӣ пас аз хон дар мавқеи иҷтимоӣ рутбаҳои зерин омадаанд:

«1) Шайхул-ислом. қозикалон, хоҷакалон, нақиб ва муллоҳо;

2) Мингбошӣ, аталиқ, қушбегӣ, меҳтарс;

3) Парвоначӣ; 4) маълумот; 5) бии; 6) ишик-ағаси. Инакиҳо ва Шигаулҳо; 7) тохсабхо; 8) мирахура; 9) посбонон» [17, с.23-40].

Ба унвонҳо ва рутбаҳои Хонигарии Хӯқанд унвонҳои фахрии рӯҳониён, рутбаҳои ҳарбӣ, суд ва рутбаҳои маъмурӣ ва унвони вазифаҳои ҳукуматӣ дохил мешуданд. «Ҳуқуқи истисноии дода шудани рутбаи ҳоҷакалон, нақиб, мирасад, садр, судур ва саратон аз рӯйи шоистагӣ танҳо ба авлоди Муҳаммад ва чаҳор халифаи муътамад тааллуқ доштанд» [45, с.52].

«Бояд қайд кард, ки рӯҳониёни динӣ дар ҳаёти шаҳр нақши асосиро бозида, дар ҳалли масъалаҳои шаҳрвандӣ ваколатҳои пурраи судӣ доштанд. Фаъолияти суди Хӯқанд дар асоси шариат ва одоб ба роҳ монда шуда буд. Масалан, барои дуздии беш аз 10 танга бурида шудани даст, барои куштор бурда шудани сар, барои аз эътиқод баромадан сангсор кардан; сангсор кардани занони фосид пешбинӣ гардида буд» [44, с. 64].

Тавре маълум аст, дар ин давра дар Осиёи Миёна ҷамоаи ғуломдорӣ маълум буд. Бинобар ин, то охири мавҷудияти Хонигарии Хӯқанд боқимондаҳои ғуломдорӣ ва савдои ғуломӣ боқӣ мемонданд.

Дар Хонигарии Хӯқанд як ғуломи ҷавон 30 тилло ва канизаки ҷавон 40 тилло арзиш доштанд. Вобаста ба фаъолияти ҳарбӣ дар Хонигарии Хӯқанд чунин рутбаҳои ҳарбӣ мавҷуд буданд: мингбошӣ - фармондеҳи ҳазорон, одатан вазифаи вазирро иҷро мекард. Дар давраи Шералихон ва Худоёрхон мингбошӣ

ҳангоми муҳорибаҳою ҷангҳо фармондеҳи олӣ маҳсуб меёфт. Баъдан, «панҷсадбошӣ, юзбошӣ - мирисад. элликбошӣ - Пантикостал, унбошӣ (даҳбашӣ, топчибошӣ, зенбурачӣ ва ғайра ҳамчун рутбаи ҳарбӣ дониста мешуданд. Ҳар як сарбоз ҳангоми ворид шудан ба хидмат аз ҳукумат як аспу ароба мегирифт ва пеш аз ба муҳориба баромадан: юзбошӣ - 2 тилло, элликбошӣ (панҷабошӣ) - 1тилло, аскари қаторӣ - 1 тилло мегирифтаанд» [17, с.43].

**Ҷадвали 2.**

**Рутбаҳои ҳарбие, ки дар Хонигарии Хӯқанд вуҷуд доштанд.**

| **№** | **Унвони рутбаҳо** | **Шумораи воҳидҳои кормандон** | **Маблағи нигоҳдорӣ дар як сол** |
|---|---|---|---|
| | | | **дар натура. пуд** |
| **1.** | **Атолиқ** | 1 | 8000 |
| **2.** | **Қушбегӣ** | 4 | 4000 |
| **3.** | **Парвоначӣ** | 8 | 3200 |
| **4.** | **Додхоҳ** | 10 | 2800 |
| **5.** | **Бий** | 10 | 1600 |
| **6.** | **Ишик-ағаси** | 100 | 800 |
| **7.** | **Тухсабҳо** | 200 | 400 |
| **8.** | **Мирахурҳо** | 300 | 280 |
| **9.** | **Қараулбегӣ** | 400 | 200 |
| **10.** | **Курчи** | 200 | 120 |
| **11.** | **Дивечи** | 500 | 120 |
| **12.** | **Мирзобошӣ** | 100 | 100 |
| **13.** | **Чаарагосҳо дар (Хӯқанд)** | 1000 | 100 |
| **14.** | **Ботурҳо дар (Хӯқанд)** | 8000 | 80 |

Ҳамин тариқ, системаи иқтисодию иҷтимоии Хонигарии Хӯқанд, ки дар «Таърихи Шоҳрухӣ»- и Муллониёзи Хӯқандӣ инъикос ёфтааст, тасдиқи ҳаққонии ақидаи асосгузори марксизм Карл Марксро «дар бораи мавҷудияти се сохтори ҷамъиятӣ дар Шарқ - корҳои молиявӣ, ҳарбӣ ва ҷамъиятиро тасдиқ карда, мақоми онро ҳукумати марказӣ нишон медиҳад» [51, с.132]. Дар иқтисодиёти Хонигарии Хӯқанд истисмори меҳнаткашону деҳқонон аз ҷониби давлат нақши асосиро мебозид. Зеро ки қисми зиёди маҳсулоти зиёдатиро давлат дар шакли иҷораи мутамарказ, яъне андозҳо аз худ карда, дар байни синфи ҳукмрон ҳамчун маош, инъомҳо ва ғайра тақсим мекард.

Аз таҳлилу баррасии асари мавриди пажӯҳиш маълум мегардад, ки ҷамъияти Хонигарии Хӯқандро мардумони таҳҷоӣ ва муқимӣ дар бар гирифта, ҳукмронии кӯчманчиён ҳамчун унсури этникии бегона бештар ба назар мерасид. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки дар ин ноҳияҳо ҳокимиятро ба даст оваранд, то бо роҳи зулму авбошӣ маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ҳунармандиро ба даст оварданд. Ҳамин намуди робитаи мутақобила барои ҷамоати кишоварзии муқимӣ зарурати таърихии роҳи пешрафт нагашта, ба густариш ва рушди он монеагӣ пеш овард. Аз ин лиҳоз, сохти ҷамъияти муқимӣ бо таъсири манфии ҷамъияти кӯчманчигӣ сабабгори рукути Хонигарии Хӯқанд, то ба Россияи подшоҳӣ дохил шудани он гардид.

Ҳамин тариқ, мо дар зербоби аввали боби сеюм ба тадқиқӣ масъалаи вазъияти иҷтимоию иқтисодии Хонигарии Хӯқанд эътибор зоҳир намудем, ва ба чунин хулосаҳо ноил гаштем.

1. Вазъияти иҷтимоию иқтисодии Хонигарии Хӯқанд дар асри XIX ҳамчун раванди мураккаби таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тавсиф мегардад. Яъне, вазъи иқтисодӣ дар хонигарӣ дар давраи ҳукмронии хонҳо, аз ҷумла Шоҳруххон то Худоёрхон ва таъсири мусбӣ ва манфӣ онҳо. Ҷангҳои тӯлонӣ ва харобиовар дар Осиёи Миёна сабаби коҳиш ёфтани рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардидааст.

2. Кишоварзӣ, ки асоси хоҷагидории феодалӣ ба роҳ мондашудабуд, ки гандум, пахта ва зироатҳои полизиро ба маҳал овард, вале ин соҳа ба сабаби

устуворӣ ва анъанавӣ буданаш хеле суст инкишоф мегардид. Афзоиши қабилаҳои узбек, ба монанди манғит, барлос ва лақай, боиси ассемилатсияи этникӣ бо аҳолии тоҷикон гардид, ки дар натиҷаи он сохтори иҷтимоӣ куллан тағйир ёфтааст.

3. Вазъи иқтисодӣ дар тамоми давраи салтанати ҳукмронии хонҳо, бо рушди бозор ва густариши тиҷорат бо давлатҳои ҳамсоя, ба монанди Бухоро, Хива, Кошғар ва Россия дида мешавад. Мадрасаҳо, бозорҳои фаъоли савдо ва санъати хаттотӣ гардиданд, ки барои рушд мусоидат мекард ва боиси эҳё шудани фарҳанги миллӣ ва маданӣ гаштааст.

4. Бо вуҷуди дастовардҳо ба монанди таъмири сохторҳои обёрӣ ва фаъолиятҳои иқтисодӣ, таъсироти манфии оқибатҳои ҷангҳо ва баъдан таъсиси империяи Россия, яке аз сабабҳои қатъи ёфтани Хонигарии Хӯқанд соли 1876 гардид.

5. Ва дар охир, вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Хонигарии Хӯқанд дар асри XIX дар натиҷаи муборизаҳои сиёсиро бо тағйироти иҷтимоии овард, ки таъсирбахш ва мураккаб таъмин намуд.

### 3.2. Шароити табиӣ ва мавқеи таърихию ҷуғрофии Фарғона

Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Хӯқандӣ аз манба ва асарҳое ба ҳисоб меравад, ки чун сарчашмаи таърихӣ дониста шуда, хусусияти кишваршиносию ҷуғрофӣ дошта, дар он ахборотҳои гуногун оид ба вазъи сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, балки оид ба шароити табиӣ ва мавқеи таърихию ҷуғрофии Хонигарии Хӯқанд, аз ҷумла Фарғона маълумоти саҳеҳ оварда шудааст. Дар асари мазкур дар бораи шароити табиию иқлимӣ ва мавқеи ҷуғрофию сарҳадии Фарғона маълумоти саҳеҳ оварда шудааст. Ин маълумот имкон медиҳад, ки дар бораи экологияи макони зисти аҳолии он ва алоқаи онҳо бо олами беруна хулосаҳои муайян бароварда шуда, масъалаҳои асосии таърихи Хонигарии Хӯқандро, ки дар «Таърихи Шоҳрухӣ» ифода ёфтаанд, нишон диҳанд.

Бояд хотир нишон сохт, ки Фарғона яке аз музофоти Хонигарии Хӯқанд маҳсуб меёфт. Ҳамин тариқ, равшан мегардад, ки дар поёни қарни XVII мобақии хонадони минг аҳолии деҳоти аҳолинишини гирду атрофи шаҳри Хӯқандро дар гирди хеш муттаҳид намуда, давлати ҷадид бо номи хонигарии Хӯқандро таъсис доданд. Ин давалт муддати мадиде ҳамчун давлати мустақил побарҷо буд, дурусттараш то оғози қарни XIX. Инчунин, ба мо маълум аст, ки ин давлат аз тарафи Россия подшоҳӣ барҳам дода шуд. Тибқи таҳлили сарчашмаҳо муайян карда шуд, ки дар ин давра Хонигарии Хӯқанд ба яке аз давлатҳои калонтарин, тавонотарин ва босуръат рушдёбандаи Осиёи Марказӣ табдил ёфта, маҳз давраи гул-гулшукуфии Фарғона ба ташкил ёфтани Хонигарии мазкур рост меояд. Ҳангоми таҳлилу баррасии «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ маълум гардид, ки Фарғона аз дигар музофотҳо бо релеф ва манзараҳои гуногун фарқ мекунад.

Таърих гувоҳ аст, ки фарғонагиҳо низ чун ақвоми ориёӣ дар минтақаи водии Фарғона аз қадимулайём маскан ихтиёр намуда, ибтидо ба чорводорӣ ва баъдан, ба кишоварзӣ машғул мешуданд. Ин минтақа, чун яке аз марказҳои ташаккули аввалин тамаддунҳо ҳанӯз аз умқи таърих шуҳрат дошта, дар қарнҳои миёна ба яке аз конунҳои аслии тамаддун ва илму фарҳанги миллати тоҷик мубаддал мегардад. Ҳамзамон, дар ин муҳит садҳо фарзандони барӯманди халқи тоҷик ба воя расида, дар арсаҳои гуногуни илму фарҳанг нобиғагони даврони хеш гаштаанд ва онон дар муаррифии ин минтақа нақши бориз гузоштаанд. Дар бораи яке аз қавмҳои аҷдодони тоҷикон маҳсуб ёфтани фарғонагиҳо сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофӣ маълумот медиҳанд. Фарғона, дар ҳақиқат, яке аз сарзаминҳое маҳсуб меёбад, ки дар он гузаштагони тоҷикон ба сар бурда, аз худ барои пасмондагон мероси гаронарзише боқӣ гузоштаанд.

Аз ин лиҳоз, аз давраҳои дури таърихӣ Фарғона яке аз минтақаҳои аслии тоҷикнишин ба шумор мерафт. Масалан, дар асари «Ҳудуд-ул-олам»
-и муаллифаш гумном Фарғона чун яке аз ноҳияҳои ободон ва бузург бо неъматҳои бисёр ва шаҳрҳову обҳои равон муаррифӣ шуда, қайд шудааст, ки «

онҷо бардаи бисёр афтад турк», яъне туркон ҳамчун ғулом онҷо бисёр бошанд. Ибни Фақеҳ ва ибни Ҳавқал бошанд, дар асарҳои худ турконро берун аз ҳудуди ин минтақа нишон додаанд. Истахрӣ дар асари худ «Масолику-л-мамолик» аз ҷумлаи беҳтарин мардумон будани мардумони ин минтақаро баён дошта, Закариёи Қазвинӣ ҷуғрофидони машҳури асри XIII бошад, дар асари машҳури худ «Осору-л-билод ва ахбору-л-ибод» аз хушсуратии аҳли ин минтақа хабар додааст.

Ҳамзамон, ин донишмандон ва дигар муаррихони асримиёнагӣ аз сирату сурати туркон иттилоъ додаанд, ки аксаран дар ин давра дар ҳолати бодиянишинӣ ва аз илму маърифат дур қарор доштаанд. Мардуми Фарғона бошанд, аз ин сифату хислатҳои туркон тамоман дур буданд. Фарғонагиҳо ҳокимони худро «ихшид» мегуфтанд, ки ба забони туркӣ наздикие надорад. Худи Фарғона бошад, мисли дигар шаҳрҳои асримиёнагии тоҷикон сохта шуда буд.

Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ маълум мегардад, ки тахминан дар миёнаҳои асри XVIII дар Осиёи Марказӣ якчанд давлати феодалӣ-хонигариҳо ва вилоятҳои мустақил ташкил ёфтанд. Хонигариҳои Бухоро, Хӯқанд ва Хева калонтарини онҳо ба ҳисоб мерафтанд. Мулкҳои ниммустақил Ӯротеппа, Ҳисор, Кӯлоб, Қубодиён, Ургут, Қаршӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Бояд хотирнишон кард, ки «Фарғона водии даштҳои васеъ ва кӯҳҳои баланд, сероб ва иқлими солим мебошад» [12, в.23а]. «Дарёҳое, ки аз кӯҳҳои атрофи Фарғона ҷорӣ шуда, ба Сирдарё мефароянд, назар ба дарёи Зарафшон (Кӯҳак) чанд маротиба дарозтар аст» [11, в.23а]. Аз ин рӯ, «Фарғона «бузургтарин вилояти Мовароуннаҳр», ки ба мисли боғи Адан обод карда шудааст ва Хӯқанд «Руми дуюм» аст. Дар асари мавриди пажӯҳиш, боғҳо, майдонҳои кишт ва обёришаванда, яъне мавзеъҳои фарҳангӣ (абадӣ) борҳо зикр шудаас»т [10, в.226-23а].

Дар асри XIX дар Хӯқанд маҳаллаи боғбонон мавҷуд будааст. Дар асар шароити ҷуғрофии Фарғона чунин маълумоти дақиқ нисбат ба нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX оварда шудааст:

- дар бораи манотиқи ҳифзшаванда - қуруқ (воқеъ дар ғарби Шаҳрихон ва дар наздикии Конибодом);
- дар бораи дашту биёбон, ки дар он ҷо кӯчманчиён зиндагӣ мекарданд (биёбонҳо дар шимоли Фарғона, дашти Чаҳорбоғи девони фурӯзон; шимоли Хӯқанд, дашти Саманчӣ, шӯр);
- роҷеъ ба маконҳои пасти лаб-лаби соҳилҳои Сирдарё бо қамишзор ва ботлоқзорҳо, ки мавҷудияти онҳоро номи Кӯли Билкиллам ё худ « Кӯли ботлоқ» ва заҳбурҳои обкашӣ дар Хӯқанд;
- дар наздикии Хӯқанд мавҷуд будани бешазор;
- дар Фарғона мавҷудияти теппаҳои озод ва минтақаҳои кишоварзӣ ва ғайраҳо.

Муқоисаи ҳосили фаровони ғалладона дар замони ҳукмронии Норбутахон бо хонаҳои регпӯшӣ «ба таври ғайримустақим аз мавҷудияти хокҳои фуҷур дар Фарғона, ки ба минтақаҳои кишоварзии муқимӣ пеш мерафт, далолат мекунад»[52, с.31]. Далели мазкурро маълумоти ибтидои асри XX низ тасдиқ менамояд, ки тибқи он регҳои минтақаҳои биёбони Фарғона қариб 1,5 ҳазор метри мураббаъро ишғол карда, ба самти шарқ ва шимолу шарқ варзида (махсусан, доманаҳои баландии то 15 м) ҳаракат мекарданд.

Ҳамзамон, дар асари мазкур, дар бораи дараҳои сершуморе, ки аз сели атрофи Чуст ба вуҷуд омадаанд, дар бораи таъсири харобиовари сел ба Фарғонаи Шимолӣ сухан меравад: «Ва сарвати олами ҳайвонот и нотарори он «Боигарии олами ҳайвонот аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ибтидои асри XVIII дар наздикии Хӯқанд палангҳо мавҷуд будаанд» [65, с.158]. Дар асари мазкур, дар бораи савораи ҷанговарони бодиянишин, ки он ҳамчун қувваи зарбазани лашкари Хӯқанд маҳсуб ёфта, шутур низ, ҳамчун воситаи боркашӣ васеъ истифода мешуд, зикр шудааст. Дар Фарғона дар ҳаёти ҳаррӯза истифода бурдани гӯсфанду асп ва дигар навъҳои ҳайвоноти ҳамчун мол аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки онҳо ҳамчун навъи ҳайвоноти хонагӣ ба шумор мерафтаанд.

Умуман, омилҳои мусоиди ҷуғрофӣ ва табиӣ дар водии Фарғона барои фароҳам овардани шароити фароҳами зиндагии инсон мусоидат карданд.

Замини асосан ҳамвор барои обёрӣ хеле мусоид буд. Дастрас будани сарҳад, иқлими хушку гарм, мавҷуд будани манбаъҳои обгирӣ системаи дахлдори хеле интенсивии зироаткориро барои он замон муайян кард. Он имкон дод, ки ба ғайр аз ғалла як қатор навъҳои субтропикӣ ва гармдӯст парвариш карда шуд, ки дар натиҷа зироаткорӣ, кирмакпарварӣ рушд намоянд. Баъзе ноҳияҳои водӣ бо дараҷаҳои гуногуни шароити мусоиди табиӣ аз дигар ноҳияҳои Хонигарии Хӯқанд фарқ мекарданд.

Аз ин лиҳоз, қисмати ҷанубии он (вилоятҳои Хӯқанд, Марғелон ва Андиҷон) барои хоҷагидорӣ ва кишоварзӣ бештар мувофиқ будааст. Азбаски хоҷагии деҳқонӣ асоси иқтисодии феодализм ба ҳисоб мерафт, дар асоси он шаҳрҳо ба вуҷуд меомаданд ва Фарғона қисмати марказии сарҳади Хонигарии Хӯқанд ҳисобида мешуд. Аввалин қалъа - қароргоҳи ҳокимони ояндаи Хӯқанд дар атрофи водӣ дар ибтидои асри XVIII дар маҷрои ду рӯд бунёд ёфтааст, ки «мисли ду баҳр чун ду аждаҳо даштро фурӯ бурда, бо садои таҳдидомез мисли раъд омехта шуда, даштро ба оғӯш мегирифтанд» [9, в.326]. Дар дарёи Сир мавҷуд будани лой, ки қаъри лойолуд будани онро муаллифи «Таърихи Шоҳрухӣ» зикр кардааст, онҳо барои обёрӣ, махсусан мусоид мекарданд. Тасодуфӣ нест, ки дар миёнаи асри XIX аз он (аниқтараш, аз яке аз шохобҳои он - Кашқрадарё) заҳбури Чиниободро кашиданд, ки канали асосии обёрии заҳбурҳои хурд гардид.

Дашти Сирдарё, Қашқадарё ва минтақаи биёбон барои зимистонгузаронии чорво, чарогоҳҳои зимистонӣ ва барвақтии баҳорӣ комилан мувофиқ буданд. Масалан, даштҳои ҷангалҳо, доманакӯҳҳо ва миёнаи кӯҳҳо барои баҳор ва аввали тобистон, баландкӯҳҳо барои тобистон, кӯҳҳои миёна барои тирамоҳ, доманакӯҳҳо ва даштҳои ҷангал, минтақаҳои биёбон ва нимабиёбон бо фарорасии боронҳои охири тирамоҳ барои охири тирамоҳ ва ғайра. Экосистемаи Фарғона ҳам кӯчманчигӣ ва ҳам нимакӯчманӣ, ки дар замони феодализм дар ин ҷо паҳн шуда буд ва хоҷагии муқими кишоварзиро муайян мекард. Дар ҳудуди маҳаллӣ мавҷуд будани чорводории кӯчманчӣ, зироаткории муқимӣ ва ҳунармандӣ бо вайрон кардани

нишондодҳои иқтисодию иҷтимоӣ барои тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи Фарғона номусоид буд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Фарғона бо Тошканд ва вилоятҳои ҳамшафати Курама ва ҷануби Қазоқистон робитаи зич дошт. Ҳамзистии ин ду намуди хоҷагӣ дар «Таърихи Шоҳрухӣ» чӣ тавр инъикос ёфт? Кӯчманчиёне, ки аз самти «даштҳои васеъ ва кӯҳҳои баланд» ба ин сарзамин муҳоҷир шуда буданд, ки тарзи зиндагии серодамнишастаро эътироф намекарданд ва ҳамчун қувваи стихиявии харобиовар тасвир карда шудаанд.

Ҳамин тавр, муаллиф менависад: «Аз ин кӯҳҳо ки дар он як гурӯҳи бепарвои бодиянишин зиндагӣ мекунад, ба рӯйи киштзоре, ки аз канали васеи ин вилоят обёрӣ мешавад, сели ноором ва бетартибӣ мерезад, ки оқибати он ноором мешавад» [саҳ. 212]. Муаллиф аз лақабҳое, ки ба онҳо гуфта шудааст: «роҳзанон», «даррандаҳои биёбон», «гурги даштӣ», «малах дар симои одамӣ», «малаххҳои даштҳои Бухорову Самарқанд», «девҳои биёбон» -ро кам намекунад» [саҳ. 77, 84, 139 - 140, 158]. Чунин муносибат ба кӯчманчиён на танҳо бо сабабҳои сиёсӣ-иқтисодӣ, балки бо сабабҳои экологӣ низ шарҳ дода мешуд. Натиҷаҳои таҳқиқоти экологӣ нишон медиҳанд, ки чорводории васеъ ба табиат зарари калон мерасонад. Давра ба давра ба таври назаррас ҷамъ шудани чорво дар як минтақаи муайян боиси кам шудани сарпӯши растанӣ гардид, чарогоҳро алафҳои майда, ки ба ҷойи навъҳои сермаҳсули алаф гирифтанд, ташкил мекарданд.

Ҳамзамон, дар натиҷаи вайрон шудани мувозинати экологӣ биёбоншавии минтақаҳои чарогоҳ мушоҳида карда мешуд. Барои наслгирии фаровони хояндагӣ тамоми шароит фароҳам гардида, мубориза бар зидди нест кардани онҳо аз он сабаб душвор буд, ки дастгир кардани даррандаҳо, ки ин хояндаҳоро мехӯранд, танзим карда намешудааст. Ҳамин тавр, проблемаи экологӣ боз ҳам бадтар мешуд.

Илова бар ин, хавфи воқеии афзоиши саршумори ҳашарот ва малах вуҷуд дошт. Муайян шудааст, ки офатҳои марбут ба муҳоҷирати малах бештар аз ҳад зиёд чаронидани чарогоҳҳо ба амал меоянд. Агар аз ҳад зиёд алафхӯрон ба

майдони маҳдуд муддати дароз фишор оваранд, он гоҳ хок хеле фишурда, ҳосилнокии он паст шояд мешавад. «Чангу ғубор азимие, ки галлаи аспҳо ҳангоми задухурдҳои ҳарбӣ дар Фарғона ба вуҷуд омада буданд, ба ҷангал таъсири худро расонида, ҳатто пас аз рондани ҳайвонот барқарор кардан мумкин набуд. Дар натиҷаи аз ҳад зиёд чаронидани чорво даштҳо ба биёбон табдил меёфтанд» [23, с.220-224], ки дар шароити Фарғонаи феодалӣ чунин оқибатҳо хеле равшан зоҳир мегардид. Муаллифи асари «Таърихи Шоҳрухӣ» ба вуҷуд омадани чунин ҳолати экологиро дар биёбонҳои водӣ ба омилҳои зерин нисбат медиҳад:

1. Сарҳади начандон калон барои пеш бурдани хоҷагии кӯчманчӣ, ки аз он ноҳияҳоеро, ки аҳолии муқимӣ ишғол кардаанд ва заминҳои барои кӯчманчигӣ номувофиқро хориҷ кардан лозим буд; қаламрави хурди деҳқонии кӯчманчӣ, ки аз он ноҳияҳоер, ки аҳолии муқимӣ ишғол кардаанд ва заминҳои барои кӯчманчигӣ номувофиқро истисно кардан лозим аст;

2. Ноҳияи ҷудогона будани Фарғона;

3. Ба сабаби ноустувории сиёсӣ, дар минтақаҳои муайян тез-тез ҷойгир шудани кӯчманчиён. Онҳо, албатта, на танҳо ба хоҷагии кӯчманчигӣ ва нимакӯчманчигӣ, паст шудани ҳосилнокии меҳнат ва суст шудани тараққиёт, балки ба хоҷагии муқимӣ ҳам таъсири манфӣ мерасонданд.

Маводи сарчашмаи мавриди пажӯҳиш ба мо имкон медиҳанд, ки дар бораи робитаи Фарғона бо ҷаҳони беруна дар давраи ворид шуданаш ба Хонигари Хӯқанд маълумот гирифта бошем. Муносибати Фарғона бо олами беруна, аз рӯйи асари «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ.

**Ҷадвали 3**

**Давомнокии нуқтаҳои аҳолинишин аз рӯйи вилоят ва ноҳияҳо:**

| Макон | Миқдор | Макон | Миқдор |
|---|---|---|---|
| Тошкент | 276 | Қирғизияи марказӣ | |
| Қурама | 87 | | 14 |
| Дашти Қипчоқ ва Казоқистон (умуман) | 71 | Туркистони шарқӣ | 42 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ноҳияҳои наздисирдарёи Қазоқистон | 106 | Хитой<br>Аравия | 19<br>28 |
| Семиречие | 31 | Россия | 20 |
| Бухоро | 120 | Рум (Туркия) | 7 |
| Самарқанд | 35 | Афғонистан | 5 |
| Ҷизза ва Ӯротеппа | 85 | Эрон | 5 |
| Нови Қӯштегирмон | 810 | Муғулистон | 5 |
| Кӯҳистан, Бадахшон, Помир | | Ҳиндустон | 4 |
| Алай и Читрал | 131 | Хоразм | 3 |
| | | Аврупо | 3 |
| | | Шаҳрисабз | 2 |

**Ҷадвали 4.**

**Ҳуҷумҳо ва забткориҳои Фарғона:**

| **Макон** | **Микдор** | **Макон** | **Микдор** |
|---|---|---|---|
| Ӯротеппа | 9 | Тошканд | 27 |
| Пшагари Замин | 2 | Бухоро | 11 |
| Самарқанд | 2 | Ӯротеппа | 5 |
| Ҷиззах | 2 | Кӯҳистон, Бадахшон | |
| Қурама | 2 | Помиру-Алай ва Читрал | 5 |
| Тошканд | 7 | Курама | 4 |
| Қазоқистони ҷанубӣ | 7 | Аравия | 4 |
| Талас | 1 | Туркистони шарқӣ | 4 |
| Қошғар | 2 | Қирғистони марказӣ | 3 |
| Қаротегин ва Дарвоз | 1 | Қазоқистони ҷанубӣ | 2 |

**Ҷадвали 5.**

**Ҳуҷум ба самти Фарғона:**

| Макон | Миқдор |
|---|---|
| Бухоро | 7 |
| Тошканд | 3 |
| Алай | 2 |
| Маркази қирғизҳо | 3 |
| Ҷунгария | 1 |

Дар водии Фарғона: «дар ҷойи дуюм ноҳияҳои марказии Осиёи Миёна (Бухоро, Самарқанд, Ҷиззах ва Ӯротеппа) ҷой гирифтанд. Баъдан Тоҷикистони кӯҳистон ва манотиқи ҳамсояи Шарқи Наздик (ё Кӯҳистон), Туркистони Шарқӣ ва дигар минтақаҳо ва кишварҳо омаданд. Дар байни юришҳои Фарғона ду самти асосӣ фарқ мекард: шимолу ғарб (ба Тошканд ва вилоятҳои Сирдарёи Қазоқистон) ва ғарбӣ (ба Ӯротеппа, Ҷиззах ва Самарқанд). Хавф ба Фарғона ҳам аз Ғарб (пеш аз ҳама аз Бухоро) меомад» [2, с.63]. Ба ин мавҷудияти ағбаи Хуҷанд (тангии Хуҷанд) мусоидат кард. Ҳанӯз дар асри XVI Бобур навиша буд: «Дар атрофи Фарғона кӯҳҳо ҳастанд. Дар тарафи Ғарб, ки дар он ҷо Самарқанду Хуҷанд воқеъ аст, кӯҳҳо нест. Дар зимистон душман аз дигар тараф гузашта наметавонад» [15, с.11].

Чӣ тавре дида мешавад, мавқеи ҷуғрофӣ ва нисбатан дур будани Фарғонаро бештар аз ҳуҷуми берунӣ ҳифз карда бошад ҳам, вале дар айни замон барои барқарор намудани робитаҳои васеъ ва гуногунсоҳа бо Аврупо монеъ мешуд. Дар «Таърихи Шоҳрухӣ» баъзе омилҳои дигари ҷуғрофӣ, ки ба рафти воқеаҳои таърихии Фарғона таъсир расонданд, нишон дода шудааст. Роҳи асосии обии водӣ - Сирдарё барои армия монеаи ҷиддӣ буд. Соли 1803, вақте ки ба Фарғона аз шимолу ғарб ҳокими Тошканд Юнусхоҷа хуҷум кард, дар ин замина нақшаи стратегии Олимхон сохта шуда буд. Олимхон ба Раҷабқушбегӣ, ки дар минтақаи Хуҷанд қарор дошт, фармон дод, то ки қад-қади соҳили рости Сирдарё бо лашкараш ба сӯйи Гурумсарой, ки гузаргоҳ дар

он ҷо воқеъ буд, ҳаракат кунад, то аз дарё гузаштани душманро пешгирӣ намояд. Дар ҷанги Раҷабқушбегӣ ва Юнусхоҷа дастаҳои Олимхон ба соҳили чап расиданд. Дар натиҷа Юнусхоҷа аз неруҳои Раҷабқушбегӣ комилан шикаст хӯрд.

Ҳангоми таҳлилу баррасии асари мавриди пажӯҳиш маълум мегардад, ки муаллифи он иштирокчии воқеии таърихии замони мазкур ба ҳисоб мерафт, зеро ки дар соли 1844 ҳангоми бо асп убур кардани Сирдарё Ниёзмуҳаммад обхезӣ ба амал омада, қариб ҷони худро аз даст додааст. Ҳамин тавр, дар вақти обхезӣ савораҳо ва аскарони пиёда бе воситаҳои ёрирасон аз дарё гузашта наметавонистанд. Дар давраи ҷангҳо кӯҳҳо аҳаммияти камтар надоштанд. Ҳамин тавр, довталаби тахт Маллахон соли 1858 дар кӯҳистони киргизҳои Уч-Қурғон паноҳ бурда, муборизаро аз он ҷо оғоз мекунад.

Дар соли 1863, вақте ки лашкари амири Бухоро, ки кӯчманчиҳои Фарғона - қирғизҳо ва қипчоҳқоро таъқиб карда, ба Узганд расид ва дар «дашти санглох ва дараи кӯҳистонӣ» қарор гирифт, муборизаи минбаъда бо онҳо бефоида шуд. Ин амирро маҷбур кард, ки ба ақибнишинӣ шуруъ намояд. Сарчашмаи бухороии «Туҳфаи шоҳӣ», ки дар бораи ин воқеаҳо нақл мекунад, на танҳо ин далелро тасдиқ мекунад, балки тафсилоти фасеҳ медиҳад: кӯчманчиёне, ки дар кӯҳистон паноҳ бурдаанд, як нафарро ҳам талаф надодаанд, дар ҳоле ки Бухорои 20 ҳазорнафарӣ кушунҳои ба муқобили онҳо фиристодашуда зарари калон диданд. Тибқи маълумоти «Зафарномаи Хусравӣ» - и муаллифаш номаълум, «дар Хонигарии Хӯқанд, лашкари халқӣ аз манотиқи мухталиф, аз ҷумла аз Хуҷанд, Конибодом, Исфара ҷамъ оварда мешуд. Ҷойҳои ҷамъшавии лашкар Фарғона, Ӯш, Чоркӯҳи Исфара, Наманган, Косон, Чуст, Ахси, Андиҷон, Шоҳрухия, Пискат (Бискат), Чиноз, Дилварзин, Ём, Хавас, Ӯротеппа, Зомин ба шумор мерафтанд» .

Ҳамин тариқ, дар давраи мавҷудияти Хонигарии Хӯқанд, вазъияти Фарғона тамоман ранги дигар гирифта буд ва ба вазъи ҷуғрофии он таъсиргузор буд. Адабиёти илмӣ шаҳодат медиҳад, ки дар водии Фарғона, бар асари камашкашиҳо дар байни сарватмандони маҳаллӣ дар поёни қарни XIIIV

ҳукумати минтақа ба дасти «хоҷагон» афтод. Ин ҳокимон соли 1710 аз тарафи Шоҳруххон сарнагун карда шуда, дар натиҷа Хонигарии Хӯқанд таъсис ёфт.

Маълум аст, ки «Аз даврае, дар Фарғона яке аз қадимтарин марказҳои зироаткории тоҷикон – Хуҷанд дар он падидаи болоравии хоҷагидорӣ ба чашм мерасид, ки дар натиҷаи он Фарғона бо тезӣ ба яке аз минтақаҳои аз нигоҳи иқтисодиёт пурқуввати Осиёи Миёна табдилёфта ва дигаргунгашта мегардид. Дар асри XVIII, баъд аз гузаштани муддати зиёд, дар он ҷо махсусан пиллапарварӣ бо суръат ривоҷ ёфт. Шоҳрухбий қайд менамояд: «шаҳри «Хӯқанд - ро дар ҷойи деҳаи «Хӯқанд -и қадимии асрҳои миёна сохта ва асосгузори сулолаи хонҳои Хӯқанд гардид. Вазифаҳои давлатии хонигарии Хӯқанд дар ибтидои асри XIX вақте ба қаламрави вай бекигариҳои алоҳидаи Фарғона шомил гашту сарҳадҳои ин хонигарӣ то ба Тошкенту Чимкенту Ӯротепа пеш рафт» [25, с.169-170] пурра муайян шуд

Ҳамин тариқ, таҳлили асари мавриди пажӯҳиш нишон медиҳад, вазъи ҷуғрофии Фарғона барои он мусоидат мекард, ки барои феодалони муқимӣ дар кӯҳистон торумор кардани кӯчманчиён ниҳоят душвор буд. Ҳамзамон, маълумоти маҳдуди «Таърихи Шоҳрухӣ» дар бораи шароити табиии Фарғона аҳаммияти калон дорад. Дар асоси маълумоти «Таърихи Шоҳрухӣ», асарҳои таърихнигории Хӯқанд ва дигар маъхазҳо минбаъд дар бораи ҷуғрофияи таърихӣ ва экологияи Фарғонаро аз нав барқарор кардан мумкин аст, ки дар шарҳи як қатор мушкилоти таърихи халқи тоҷик мусоидат хоҳад кард.

Дар бораи фаъолияти сохтмони хон дар пойтахт, марги аъзои оилаи ӯ ва далелҳо, ки асосан ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсии митақа ва махсусан пойтахт аз ҷумла, халифаи нави ҷараёни нақшбандия дар Хӯқанд дахл доранд, оварда шудаанд.

Ҳамин тавр, дар асари Мулло Ниёз Муҳаммад Ҳуқандӣ - «Таърихи Шоҳрухӣ», таваҷҷуҳи асосӣ ба фаъолияти ҷангӣ ва сиёсии ҳокимони хонигарии Хӯқанд дода мешавад, вале асари «Таърихи Шохрухӣ» аз далелҳо воқеъаҳои таърихӣ чунон бой аст, ки дар мавриди омӯзиши он ахбори бисёре оид ба

таърихи халқи тоҷик, сарзаминҳои тоҷикнишин ва ҳаёти тоҷикони ин водӣ, ки характери иҷтимоию иқтисодӣ, этнографии он зоҳир мегардад.

Ҳамин тариқ, дар зербоби дуюми боби сеюм шароити табиӣ ва мавқеи таърихию ҷуғрофии Фарғона мавриди таҳқиқот ёфта, таҳлили шариоти табии водиии Фарғона, мавқеъи ҷуғрофии он, даштҳои ин водӣ, сарзаминҳои алоҳида бо нишон додани мавзеъҳои ҷуғрофии ин минтақа, вазъи ҷуғрофии Фарғона шароит дар кӯҳистон

Шароити табиӣ ва мавқеи таърихию ҷуғрофии Фарғона дар «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Хӯқандӣ бо маълумоти муҳим ва дақиқ дар бораи иқлим, ҷуғрофиия ва фаъолияти иҷтимоию иқтисодии ин минтақа ҳамаҷониба таҳлил гардидаанд. Водии Фарғона бо шароити табиӣ ва манзараҳои гуногун ба яке аз сарзаминҳои аслии тоҷикнишин табдил ёфта, дар таърихи тамаддун ва фарҳанги Осиёи Миёна нақши муҳим гузоштааст.

Хонигарии Хӯқанд, ки дар охири асри XVII таъсис ёфта, то оғози асри XIX чун давлати мустақил бо гулгулшукуфии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ шӯҳрат пайдо карда будааст.

Вале, муаммоҳои мавҷуда, хусусан ҷангҳои дохилӣ ва амалиёти ҳарбӣ ба паст шудани рушди чорводорӣ, соҳаи деҳқонӣ таъсири манфӣ расонидааст. Хоҷагидории кӯчманчиён омили муҳими харобиҳои иқтисодӣ ва экологӣ гардида, дар мавриди иқлими навтарин, биёбоншавии минтақа ба паст шудани ҳосилнокӣ гаштааст.

Мухолифатҳои байни ҳокимият, назорати обёрӣ ва ноустувории вазъияти байналмилалӣ сабаб он гардид, ки Фарғона дар таърихи худ тадриҷан ба давраҳои гуногун ва тағйирот пешниҳод кунад. Баҳсҳо ва рақобат байни ҷомеаҳои муқимӣ ва кӯчманчиён ба масоили иҷтимоии минтақа таъсир расонданд.

Иқтидори табиӣ ва иқтисодии водии Фарғона таъғир ёфта, ки он дар осории таърихии Осиёи Марказӣ фарҳанги деҳот чун як қисми муҳими ин минтақа мавриди омӯзиш қарор ёфтааст.

## 3.3. Инъикоси ҳайати этникии Хонигарии Хӯқанд дар «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ

«Тоҷикон аз қадимтарин мардумони муқимии манотиқи Осиёи Миёна маҳсуб меёбанд ва аксари донишмандон ва муаррихон ин далелро эътироф кардаанд»[8-М, с.60], ба ҷонибдории он фикру андешаҳои хешро иброз доштаанд. Инчунин, ковишҳои археологӣ ва дигар дастовардҳои олимони таърихшинос низ гувоҳи ин андеша мебошанд.

Дар «Таърихи Шоҳрухӣ»- и Муллониёзи Хӯқандӣ дар бораи ҳайати этникии Хонигарии Хӯқанд маълумоти саҳеҳ оварда шудааст. Мувофиқи маълумоти муаллифи асари мавриди пажӯҳиш, тоҷикон низ дар радифи дигар халқияти Хонигарии Хӯқанд, ба ҳайати этникии ин минтақа дохил карда шудааст. Муаллифи китоби «Тарихи Шахрухи» как исторический источник» қайд менамояд: «таркиби этникии аҳолии Хонигарии Хӯқанд ва ноҳияҳои ҳамсоя аз ҳам тафовут доштанд. Сокинони муқимии Фарғона сартҳо, тоҷикон ва ӯзбекхо (59, с.19, с.156, с.192-193, с.209), кӯчманчӣ ва нимкӯчманчӣ қипчоқҳо, қиргизҳо, туркҳо, қароқалпоқҳо, ҷонбагишҳо ва қалмикҳо буданд» [2, с.78].

Ҳамзамон, аз мазмуни асар маълум мешавад, ки «қирғизҳо дар мавзеи Шаҳрихон, Баликча ва дарёҳои Қародарё ва Норин» [42, с. 155-156, 190-197] маскан гирифта, «қирғизҳо асосан дар кӯҳҳо ва ҳавзаҳои кӯҳии атрофи Фарғона (Кетмантеппа, Олой) сайру гашт мекарданд» [42, 170-171, 182,204, 216]. «Дар вилояти Тошканд ва Қурама сокинони муқим сартҳо, тоҷикон ва «андиҳо», бодиянишин ва нимкучман - қазоқҳо ва қурамаҳо буда, барои ифодаи мафҳумҳои «ҳамаи қазоқҳо» ва «ҳамаи андиҳо» ибораи «Олтин сан алаш»-ро ифода мекарданд. Қарақалпакҳо дар минтақаи Чиноз» [42, 233], «қазоқҳо ва «андиҳо» дар Қазоқистони Ҷанубӣ» [42, 77] мезистанд. «Сокинони сокини мулки Ӯротеппа сартҳо ва тоҷикон, аҳолии бодиянишин юз ва қирқ буданд» [42, 48, 105]. «Хитой-қипчоқҳо ва қароқалпоқҳо дар наздикии Самарқанд ва Ҷиззах сайру гашт мекарданд» [42, 99].

Бояд қайд кард, ки Бейсембиев Т. К. дар асараш - «Тарихи Шахрухи» как исторический источник» зикр менамояд: «Қипчоқҳо худро яке аз 92 қабилаҳои ӯзбек медонистанд, ки аз наздикии этникии қипчокҳои Фарғона ва сокинони муҳоҷир, ки бо этноними ӯзбек (онҳо бо асли даштиқипчоқӣ умумият доранд) нишон дода шудааст, далолат мекунад (саҳ. 261). Муллониёзи Хӯқандӣ дар «Таърихи Шоҳрухӣ» низ қабилаи мингро ба ӯзбекҳо дохил мекунад» [42, 41]. «Ҳангоми нишон додани воқеаҳои солҳои 1858-1865 этноними қирғиз-қипчоқ ё қипчоқ-қирғиз борҳо ҳамчун муродифи вожаҳои қипчоқу қирғиз зикр шудааст» [42, 205, 207, 209, 212, 214, 271-272].

Бояд хотирнишон сохт, ки истифодаи ин этноним дар давраи муттаҳидшавии ҳарбию сиёсии ин ду қавм алайҳи ҳукумати марказӣ сурат гирифтааст ва шояд «муттаҳидшавӣ шакли иттиҳоди қабилавӣ дошта бошад. Аз қабилаҳои қирғизҳои мундуз, дуз ва авабат номбар шудаанд» [42, 172, 229]. «Дар байни қазоқҳое, ки дар вилояти Тошканд ва Қурама зиндагӣ мекарданд, қабилаи санчқлӣ» [42, 61, 149, 224] ва «аз қабилаҳои қурама - тама, ки қалъаи Букаро соҳибӣ мекард» [42, 147-148]. Ҳамин тариқ, «ба иттиҳодияи этникии курамӣ ба ғайр аз ӯзбекҳо, гурӯҳҳои қазоқ аз ҷузҳои гуногун дохил мешуданд. Аз гурӯҳҳои қабилаи Аморати Бухоро Манғит ва митон зикр шудаанд» [42, 47, 49, 55, с.134-137, 147].

Агар ба таърихи муҳоҷирати халқҳои кӯчмандӣ ба самти Осиёи Миёна назар афканем, маълум мегардад, ки ҳанӯз дар асри XVI ба қаламрави музофоти тоҷикинишин давлати ӯзбекони шайбонӣ дохил шуда, шаҳри Бухороро ҳамчун пойтахт интихоб менамоянд. Дар ин давра хонигарии Бухорою Хива ва дертар, дар асри XVIII хонигарии Хӯқанд ташкил ёфта, дар онҳо хонҳои сулолаҳои ӯзбек ҳукмронӣ мекарданд. Дар аморати Бухоро ва хонигарии Хӯқанд тамоми ҳуҷҷатгузории дарбор бо ҳуруфоти тоҷикӣ ба роҳ монда шуда буд, гувоҳи ин гуфтаҳост, сарчашмаҳои таърихӣ мебошанд.

Тоҷикон ҳамчун қавми этникӣ, асосан дар хонигариҳои Бухорою Хӯқанд зиндагӣ менамуданд, ки маълумоти китоби баррасишаванда низ онро тасдиқ

менамояд. Асрҳои XVI-XVIII хонигариҳои осиёмиёнагӣ дорои чунин хусусияти хос буданд:

- давлати мутамаркази феодалӣ ва ҷангу низоъҳои тулонӣ дар байни хонадонҳои гуногуни сарватманди маҳаллӣ;

- ба иллати ҷангҳои дохилӣ ба кулли хароб гаштани иқтисоди маҳаллҳо минҷумла низоми обёрии минтақа;

- бар асари ин ҷангҳо шадид паст шудани сатҳи зироаткорӣ ва низоми кишоварзӣ;

- харобӣ ва вайронии комил ва пурраи минтақаҳо;

- ба синфҳо тақсимшавии аҳолӣ ва боло рафтани сатҳи фақру нодорӣ дар байни аҳолӣ, бавежа кишоварзону косибон ва дигар табақаҳои иҷтимоӣ;

- муқобилият нишон додани деҳқонону косибони истисморшаванда ба заминдорони феодал, хону амалдорони онҳо, низомиёну рӯҳониён;

- доимо қарздор буда, торафт бештар хонасалоту қашшоқ гардидани деҳқонон -тоҷикону ӯзбекҳо, ки дар заминҳои давлативу хусусӣ заҳмат мекашиданд ва ба амалдорону бойҳо андозу хироҷҳои миёншикани ҳархела месупориданд ва ғайраҳо.

Дар хонигарии Хӯқанд қариб дар тамоми ноҳияҳои он тоҷикон зиндагӣ мекарданд. Онҳо қариб нисфи ахолии Шаҳрисабз ва аксарияти аҳолии Китоб, болооби Чирчик ва ғайраро ташкил медоданд. Дар асар дар бораи шумораи этникии Хонигарии Хӯқанд ягон маълумоти дақиқ вуҷуд надорад. Танҳо нишон дода шудааст, ки «аҳолии шаҳри Ӯротеппа дар ибтидои асри XIX 12 ҳазор нафар будааст» [42, 49]. Дар асоси зуд-зуд зикри гурӯҳҳои алоҳида дар сарчашма ва муайян намудани нақши онҳо дар таърихи сиёсӣ шумораи зиёди онҳоро метавон мушаххас намуд.

Дар водии Фарғона инҳо: сартҳо, қипчоқҳо, қирғизҳо ва дар вилояти Тошканд ва Қурама: сартҳо, курамҳо ва қазоқҳо ва бавежа қабилаи санчқлӣ маҳсуб меёфтанд. Лекин, дар рисолаи илмӣ тасмим гирифтем, ки дар бораи миқдори аҳолӣ, ки аз ҷониби Россияи подшоҳӣ соли 1897 руйхатгирии умумӣ гузаронида шуда буд, маълумот оварда шавад:

**Ҷадвали 6.**

**Аҳолӣ ва таркиби қавмии вилояти Фарғона дар шаҳрҳо соли 1897:**

| Шаҳрҳо | Микд. умумӣ | сортҳо | ӯзбекҳо | тоҷикон | русҳо | қирғизҳо | қашғариҳо | туркҳо | лаҳистониҳо | олмониҳо | арманиҳо | лӯлиҳо | яҳудиҳо | тоторҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хӯқанд** | 81354 | 20907 | 54673 | 2696 | 1542 | 74 | 73 | 69 | 215 | 61 | 36 | 439 | 275 | 206 |
| **Намангон** | 62017 | 52890 | 6 | 691 | 1026 | 48 | 10 | 6670 | 192 | 46 | - | 2 | 110 | 194 |
| **Андиҷон** | 47627 | 45366 | 4 | 51 | 950 | 37 | 4 | 5 | 194 | 49 | 7 | 2 | 97 | 114 |
| **Марғелони кuҳна** | 36490 | 35645 | - | 3 | 98 | 20 | 33 | 4 | 1 | - | 2 | - | 652 | 7 |
| **Ӯш** | 34157 | 8 | 5 | 107 | 989 | - | - | 32 432 | 188 | 45 | - | - | 46 | 24 |
| **Чуст** | 13785 | 257 | 376 | 12 718 | - | - | - | 421 | - | - | - | - | - | - |
| **Марғелони нав** | 8928 | 2308 | 300 | 236 | 4563 | 88 | 19 | 5 | 727 | 158 | 49 | 9 | 186 | 151 |

Муҳаққиқони замони шуравӣ доир ба мақоми тоҷикон дар ин давра чунин ибрози назар намудаанд, ки дар «давраи истилоҳо, чунон ки ба ман гуфтанд, дар деҳаҳои кӯҳистони боло то Чирчик забони туркиро касе намефаҳмид» [16, с.10]. «Шумораи зиёди тоҷикон дар ибтидои асри XIX дар Хонигарии Хева зиндагӣ мекарданд» [56, с.68]. Ҳамзамон, пажӯҳишгари таърихи

мардумшиносии тоҷикон А. Валиев доир ба сукунати тоҷикон ва халқи муқимӣ будани тоҷикон чунин абрози ақида намудааст: « Дар маохизи карнҳои XVI-XVIII роҷеъ ба тоҷикон маводи зиёд ва мушаххас мавҷуд аст, ки дар онҳо на танҳо искони тоҷикон, балки навъи нажоди онҳо низ тавсиф шудааст. Муҳаққиқони то инқилобии рус ва муҳаққиқони шӯравиву хориҷӣ чунин натиҷа гирифтанд, ки дар асри XVIII тоҷикон на танҳо дар аморати Бухоро ва хонигарии Хӯқанд, балки дар Эрон, Афғонистон низ зиндагӣ мекарданд. Тоҷикони Афғонистон дар Кобул, Ҷалолобод ва кӯҳистон ба сар мебурданд» [21, с.18].

Шодравон, директори институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ, муаррихи бузург, академик Раҳим Масов доир ба таърихи халқи тоҷик, сарзаминҳои тоҷикнишин дар асарҳои хеш андешаҳои худро баён намуда, оид ба ҳайати этникии халқҳои Осиёи Миёна чунин зикр кардааст: «Дар хонигариҳои Бухоро ва Хӯқанд тоҷикон ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар рустоҳо аксарияти мардумро ташкил медоданд... Муқимӣ шудани тадриҷии қабоили кӯчнишини турку ӯзбак ва сиёсати давлативу иқтисодии хонадони турку муғул, ба тоҷикони бумии Осиёи Миёна бетаъсир набудааст. Онҳо ба ҳадди қобили мулоҳизае ба муҳоҷирати иҷбории тоҷикон аз зистгоҳи ҳамвору густарда ба дараҳои кӯҳистонии фоқиди замин, суръат бахшиданд. Омезиши мардуми ориёинажод бо қабоили кӯчнишини турку муғул якбора ё пай дар пай ва дар муддати кӯтоҳ анҷом нагирифтааст. Ин ҷараён дар тӯли куруни мутамодӣ сурат гирифтааст» [53, с.23-24].

Ҳамзамон, «дар ноҳияҳои кӯҳистонӣ ҳам, аморати Бухоро ва ҳам хонигарии Хӯқанд тоҷикон сукунат доштанд. Дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи якуми асри XIX дар натиҷаи тез-тез ба амал омадани ҷангҳои ғоратгарона ва феодалӣ, вазъияти ноустувори сиёсӣ ва дигар сабабҳо бисёр оилаҳои тоҷик, монанди ӯзбекҳо маҷбур мешуданд, ки хонаҳои худро тарк карда, дар минтақаҳои дигар маскан гиранд. Аз ҷумла, дар ҳудуди Фарғона ва дигар водиҳо, шаҳракҳо ва деҳоти нав ташкил карда мешуданд, ки бо номҳои

Мастчоҳӣ, Қаротегинӣ, Даҳбедӣ ва ғайра. Дар Самарқанд маҳаллаҳо бо номи Ховосӣ, Зоминӣ, Эминӣ, Хуҷандӣ ва амсоли инҳо» [35, с.291].

Ҳамзамон, «Тоҷикон дар дохили қисмати марказӣ ва шарқии водии Фарғона, дар вилоятҳои кунунии Фарғона ва Намангони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, қисман дар вилоятҳои Андиҷон ва Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва маконҳои ба ин вилоят наздик умр ба сар мебаранд » [89].

Дар бораи типҳои антропологии аҳолии Хонигарии Хӯқанд маълумот дода, Муллониёзи Хӯқанд қайд мекунад: «бодиянишинон «чашмтанг» ё худ каҷчашм мебошанд» [42. 185, 205]. Ба ҳамин тариқ, қипчоқҳо ҳам мисли дигар кӯчманчиён аз ҷиҳати намуди антропологи ва ҷисмонии худ аз аҳолии қафқозӣ, асосан муқимии Фарғона, ки Ниёзмуҳаммад ба онҳо мансуб буд, фарқ мекард. Ин хусусияти нисбатан равшантар аз муғулии бодиянишинони Хонигарии Хӯқанд дарак медод. «Таърихи Шоҳрухӣ» дузабона аст. Матни ёдгориҳое, ки ба забони форсии Осиёи Марказӣ навишта шудааст, «миқдори зиёди унсурҳои забони туркиро ҳам ошкор ва ҳам, пӯшида дорад (масалан, фармудан ба маънои «фиристондан» дар натиҷаи таҳлили махсуси мо бештар аз 250 вожа ба маъноӣ туркӣ вомехӯрем)» [2, с.79]. Далелҳои овардашудаи Муллониёзи Хӯқандӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар байни аҳолии муқими Фарғона маҳз дар асри XIX дузабонии туркию тоҷикӣ васеъ паҳн шудааст. Дар сарчашма дар бораи робитаҳои этнофарҳангии Фарғона бо Ҷунғория, Семиградӣ Туркистони Шарқӣ ва Шарқи Наздик маълумотҳои ҷолиб оварда шудаанд. Дар достони Бобобек гуфта мешавад, ки ӯ баъди муҳосираи Хӯқанд (1740) аз ҷониби қалмиқҳо ба гарав гирифта шуда, дар байни онҳо дар мавзеи Қайнар, наздикии Хӯқанд зиндагӣ мекард ва с. 1752-1753 ҳатто дар тахти Хӯқанд ҳомиёни ӯ буданд (саҳ. 30-31). Мувофиқи маълумоти дигар, маълум аст, ки дар солҳои 1740 Фарғона зери истилоҳои Ҷунгарҳо қарор дошт.

Аз ин рӯ, «як қисми ҷунгарҳо аз ҳамон вақт дар Фарғона монда, дар миёнаҳои асри XVIII ба корҳои дохилии он таъсир расониданд ва авлоди онҳо бо этноними қалмиқ дар байни кӯчманчиёни Фарғона дар миёнаҳои асри XIX пайдо шуд» [42, 205]. «Этимологияи номи ҳокими Хӯқанд Ирдона (муғулӣ

erdene -санги қиматбаҳо, ганҷҳо, ҷавоҳирот аз санскрит ratna), ки дар миёнаҳои асри XVIII зиндагӣ мекард» [42,32 63], инчунин метавонад таъсири Ҷунгарро нишон диҳад. Дар бораи «робитаҳои этникии Фарғона бо Туркистони Шарқӣ дар Кошғария бо номи андиҷонӣ ҷойгир шудани муҳоҷирони Осиёи Марказӣ» [42 75], зикри этноними тағлик, ки мардуми Кошғарро дар Осиёи Миёна ном бурдааст ва кӯчонидани онҳо пас аз торумор карда шудани ҳаракати хоҷагон (1827), « асири ҷанговарони хитой ва қалмиқ ва дар юриши қушунҳои Қошғар бо оилаҳои худ ба Фарғона оварда шудани онҳо (1830) шаҳодат медиҳад» [42, 116-118]. Мавҷудияти асирони ҷангии Манчур-Хитойро метавон бо номи Чиниобод, ҷӯйборе, ки дар ибтидои солҳои 50-ум кофта шуда буд, нишон дод, асри XIX дар шарқи Фарғона.

Дар асари Муллониёзи Қӯқандӣ «Таърихи Шоҳрухӣ» воқеаҳои таърихии хонигарии Қӯқанд дар асрҳои XVIII–XIX инъикос гардидаанд.

«Омӯзиш, таҳлил ва баррасии маълумоти асар собит менамояд, ки он ҳамчун яке аз сарчашмаҳои нодир барои омӯзиши таърихи хонигарии Қӯқанд, махсусан тоҷикони ин минтақа, бахусус вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ин минтақа дар асрҳои мазкур, арзиши баланди илмӣ дорад.» [8-М, с.62].

Бояд қайд кард, ки Бейсембиев Т. К. дар асари « Тарихи Шахрухи» как исторический источник» овардааст, ки қисми асосии маълумотҳо асари мавриди пажӯҳиш, дар бораи робитаҳои Фарғона бо Помир ва Шарқи Наздик дар атрофи робитаҳои Хонигарии Хӯқанд бо Кӯҳистон ҷамъ оварда шудааст. Дар ибтидои асри XIX ба лашкари навташкилкардаи Олимхон 3700 нафар қаротегиниёну вахониён ва 2200 нафар дарвозиён, бадахшониён, шуғнониҳо, рушониҳо, ҷиргатолиҳо, ғундиҳо ва эрониён аз озоду ғуломон дар Фарғона дохил мешуданд. Рақамҳои овардашуда онро нишон медиҳад, ки дар асри XIX шумораи зиёди муҳоҷирон аз Кӯҳистон ба Фарғона омада ба ҳисоб мерафтанд. Дар «Таърихи Шоҳрухӣ», инчунин дар бораи чӣ тавр ба Фарғона омадани онҳо шарҳ дода шудааст: баъзеҳо аз зулми шоҳҳо маҷбур шуданд, ки зодгоҳашонро тарк кунанд; баъзеи дигарҳо ба сифати тухфа ба хони Хӯқанд фиристода

шуданд. Кӯҳистониён аз фарғонагиён бо тарзи либоспушӣ ва бо лаҳҷаи махсуси забони тоҷикӣ ҳарф задан фарқ мекарданд. Вазъияти иҷтимоӣ ва молу мулкии онҳоро бо лақабҳои «бечора», «аз ҳама чиз маҳрум» баҳо додан мумкин аст; суханҳои нафратангези ашрофзодагони маҳаллии Хуқанд, ки дар онҳо «равғангарони бекор, ғуломони беном, ки ба кори дағалона машғуланд» номида мешаванд. Гумон меравад, ки аксарияти мардуми кӯҳистон дар Фарғона замин надоштанд ва аз ин рӯ, мардикор буда, ба коркарди нафт ва дигар касбу ҳунар машғул буданд. Ҳамин тавр, онҳо ба ҳаёти истеҳсолот дохил шуда, унсури фоиданоки меҳнатии хоҷагии қишлоқ гардиданд. Бо гузашти вақт, бисёре аз онҳо муқимӣ шуданд. Хусусияти корбурди этноними тоҷик дар асари мазкур ҷолиб буда, ба намояндагони қисмҳои низомии аз кӯҳистониён ташкилкардаи Олимхон вобаста аст. Дар ду рӯйхати «Таърихи Шоҳрухӣ» «калимаи тоҷик ба калимаи ғалча «тоҷики кӯҳистон» иваз карда шудааст» [9, в.486]. Дар зер этноними тоҷик чун қоида ба дастаҳои ҳарбии Хонигарии Хӯқанд замима шудааст (с. 87, 92, 146, с. 162, 185, 193, 218, 223-224). Аз ин рӯ, халқи тоҷик дар «Таърихи Шоҳрухӣ» сухан оид ба тоҷикони кӯҳистон ва халқҳои ба онҳо наздики Кӯҳистон, инчунин авлодҳое, ки дар хонгарӣ сукунат гирифтаанд, баён намудааст. Ба фикри мо дар ҳудуди хонигарӣ, дар қисмати асосии он тоҷикон аз қадимулайём зиндагӣ ва умр басар бурдаанд. Дар асари мазкур этноними афғон низ зикр шудааст. «Дар аввали солҳои 20-уми асри XIX дар Хӯқанд отряди (тӯб) афғонҳо вуҷуд дошт» [9, с.в.138а]. «Соли 1864 ба артиллерияи Хӯқанд Ҷамодари Афғон фармондеҳӣ мекард (с. 270), ё Ҷамодари Кобулӣ, ки аз рӯйи намунаи аврупоӣ ба корҳои низомӣ ошно буд » [77, с.117-124].

Бояд қайд кард, ки «робитаҳои адабии Фарғона бо Шарқи Наздик дар баробари зикри порчаҳои шеърҳои Абулқосим Фирдавсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Абдуқодири Бедил дар «Таърихи Шоҳрухӣ», зикри иҷрокунандагони таронаҳо бар ашъори А. Бедил» [42, 95], ки барои таърихнигории Хӯқанд маъмул аст, шаҳодат ва далолат мекунад: «Як ҷузъиёт - истифодаи ҷаноби асп, ки аз пӯсти қутос сохта шудааст, мавҷуд будани робитаҳои иқтисодиро бо Кӯҳистон таъкид мекунад» [42, 165].

Ҳамин тавр, дар «Таърихи Шоҳрухӣ» оид ба таърихи этникии Хонигарии Хӯқанд маводи камёб бошад ҳам, вале арзиши илмии он хеле гарон доранд. Дар рушди робитаҳои этникӣ бо назардошти омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ ду тамоюлро ҷудо кардан мумкин аст. Аз як тараф, паст будани дараҷаи истеҳсолоти моддӣ, таносуби қувваҳои мушаххас ва этникӣ (аз ҷумла таркиби мураккаби этникӣ) душманиии байни миллатҳоро дар хонӣ ҳамчун яке аз зуҳуроти муборизаи сиёсӣ ногузир мегардонд.

Шароитҳо оид ба дигаргуниҳи вазъи иқтисодию иҷтимоии хонигарӣ хеле вазнин мегардид, ки он заминаҳои шӯриш гардиданд. Чанд воқеаҳое, ки заминаҳои шӯриш гардиданд. Бо фармони Муҳаммад Алихон чор рӯз шабу рӯз қӯшунҳои Хӯқанд ва аҳолии шаҳр, ҳама якчоя шаҳрро ба мудофиа омода мекарданд. Онҳо дар атрофи шаҳр хандақҳо кофта, дар кӯчаҳо иншоотҳо, монегиҳои сунии мудофиавӣ - баррикадаҳо ташкил карданд. Дар ибтидои моҳи рабиус-сонии 1258 ҳиҷрӣ - 12 майи соли 1842 сарлашкарони аскарони амир ҳудуди шаҳрро байни худ тақсим карда, аз ҳар тараф ба ҳуҷум шуруъ карданд. Хӯқандиён шаҳрро қаҳрамонона ҳимоя карданд, ки дар шаҳр, қувваҳо нобаробар буд, муҳориба барои шаҳр як ҳафта давом кард. Аз тарафи дигар, дар дохили шаҳр тарафдорони душман пайдо шуданд, ки онҳо муридҳои Абдулқодир шайхи Бухороӣ буданд. Онҳо ошкоро ғосибгарон-бухорогиҳоро дастгирӣ намуда, дар дохили шаҳр ба лашкари Хӯқанд ошкоро ҳуҷумро ташкил карданд.

Бояд хотирнишон сохт, ки дар ин давра таъсири пурзӯри рӯҳониёни иртиҷоъпараст ба ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти халқи Хонигарии Хӯқанд, ба инкишофу тараққии илму санъат таъсири манфӣ мерасонд, ки боиси таназзул гардидани фарҳанг гардида буд. Баъди аз ҷониби Россияи подшоҳӣ забт гардидани Осиёи Миёна, айни замон тоҷикон низ чун дигар халқҳои Хонигарии Хӯқанд (минбаъд вилояти Фарғона –«М») зери зулму истибдоди дукарата монда буданд. Маҳз, зулму ситами дутарафа боис гардид, ки дар кишвари Туркистон шӯришҳои пайдарпай ба амал ояд. Тоҷикон низ дар ҳаракати миллии озодихоҳона фаъолона ширкат доштанд. Масалан, солҳои 1873-1876

дар Хонигарии Хӯқанд низ шӯришҳои халқӣ ба амал меомаданд, ки дар он гурӯҳҳои этникии минтақа, тоҷикон низ иштирок мекарданд. Шӯришҳои халқӣ якчанд омилҳо дошт. Аз ҷумла:

1. Қисми зиёди аз мардумони Хӯқанд аз имзошавии шартнома бо империяи Россия (13-уми феврали соли 1868) зид ва муқобил буданд, мувофиқи он, хонигарӣ на танҳо аз сазаминҳои забтнамудаи қӯшунҳои Россияи подшоҳӣ маҳрум мегашт, балки Хонигарии Хӯқанд ба вассали империяи Россияи подшоҳӣ мубадал мегардад.

2. Дар натиҷаи ҷангҳои мансабхоҳонаи Худоёрхону Маллахон ва набардҳо бо Россияи подшоҳӣ, иқтисодиёти минтақа хеле паст рафта, ба он оварда расонд, ки хазинаи хонигарӣ холӣ гардида, микдор ва намуди андозҳо дар муқоиса аз даврон пешин зиёд гашт. Ҳамзамон, ҳангоми муайян намудани ҳаҷми андоз ва ситонидани он соҳибмулкони маҳаллӣ ба худсариҳои бисёр роҳ доданд, ки он дар натиҷа норозигии халқи меҳнаткашро афзун намуд.

3. Барои чорво зиёд намудани андоз – закот ва ғайраҳо.

Вазъи ба амал омадани шӯришҳои халқиро аз рӯйи китоби мазкур Бейсембиев Т. К. чунин баён намудааст: «Истисмори бераҳмона норозигии халқро зиёд кард. Обрӯи Худоёрхон паст мешуд. Ҳокимони қирғизҳо ва қипчоқҳо аз соли 1873 дар шимоли Фарғона таҳти роҳбарии як фиребгаре, ки номи набераи Олимхон Пӯлодхонро гирифт, амалиёти ҳарбӣ оғоз намуда, бори дигар сар бардоштанд. Вақте ин ҳаракат вусъати васеъ пайдо кард, аскарони Хӯқанд аз мавқеи худ норозӣ бо сардории писари Мусулмонқул Абдурраҳмон офтобачӣ соли 1875 ба тарафи Пӯлодхон (Мулло Исҳоқ) гузаштанд. Худоёрхон бо дастгирии русҳо, таҳти ҳифзи маъмурияти вилояти Туркистон ба Хуҷанд гурехт. Моҳи августи соли 1875 ба тахти Хӯқанд писараш Насриддинхон нишаст. Талаб карда шуд, ки мулки пештараи хонӣ ба аскарон ва руҳониёни Хӯқанд баргардонида шавад. Онҳо бо эълони ғазавот тавонистанд, ки оммаи аҳолии одиро ба худ ҷалб намуда, норозигии синфии худро ба мубориза барои манфиатҳои ба онҳо бегона дар зери шиори клерикализми ҷанговар равона созанд. Пас аз ҳамлаи бемуваффақияти Хӯқандиён ба Хуҷанд ва Қурама, ки дар

ихтиёри Россия буданд, аскарони рус Хӯқанд, Марғилон ва Ӯшро ишғол карданд. Тибқи созишномаи нав, ки 22 сентябри соли 1875 имзо шуда буд, Хонигарии Хӯқанд худро тобеи Россия эътироф намуда, ба он заминҳои хониро дар соҳили рости Сир (Фарғонаи Шимолӣ) дод ва маҷбур шуд, ки ба он товони зарарро ба маблағи 600 ҳазор сум пардохт кунад» [2, с.26].

Маҳз, ҳаракатҳои халқии Хонигарии Хӯқанд ба дигар минтақаҳо таъсири худро расонида, боиси ба вуҷуд омадани шӯришҳои нав ба нав гардидааст. Масалан:

- шӯришҳои охири асри Х1Х дар Ӯротеппа (соли 1875);
- шӯриши халқӣ дар уезди Хуҷанд (соли 1880);
- шӯриши халқӣ як қатор уездҳои Фарғона (соли 1880);
- шӯриши соли 1885 дар Балҷувон таҳти сарварии Восеъ ва ғайраҳо.

Аз ин муқобиляти якҷояи кишоварзони диловари тоҷику ӯзбек бар муқобили зулми иҷтимоии вазнин, ки дӯстии анъанавии онҳоро мустаҳкам мегардонид, якчанд шӯришҳои нимаи дуюми асри XIX дар ҳудудҳои Осиёи Миёна шаҳодат медиҳад: «моҳи майи соли 1875 ҳаракати ҷиддие дар Ӯротепа рӯй дод. Ҳазорҳо тоҷикон аз супурдани андози вазнини барояшон боршуда рӯ тофта, намояндагони молиётғундорро ба зада нест кардан даромаданд. Ин шӯриш, ки қисми аҳолии ӯзбекзабони Ӯротепа низ дар он ширкат варзиданд, бераҳмона пахш карда шуд» [25, с.181].

Доир ба шӯришу ошӯбҳои халқӣ Б. Ғафуров ва Н. Прохоров маълумот дода, чунин қайд мекунанд: «Яке аз саркардагони шӯриши Ӯротеппа Тӯхтамишбек аз таъқибот фирор карда, бо гурӯҳии начандон калони шӯришгарон, сарҳади хонигарии Хӯқандро убур кард. Дар деҳаи Андорак бошад, тоҷикони аз сарҳад убур кардаро ӯзбекҳои Хӯқанд дастгирӣ мекарданд. Теъдод ва қувваи шӯришиён ҳар рӯз бештару бештар мешуд. Вассали ҳукумати подшоҳӣ - хони Хӯқанд Худоёр дере нагузашта даст ба иқдоме зад, ки шӯришро пахш намояд. Аз ин рӯ, ӯ дар моҳи июни соли 1875 бо қувваи чандин карат аз шӯришгарон зиёд ба шӯришгарон ҳамла оварда, онҳоро тору мор намуд. Тоҷикони Хуҷанд дар навбати хеш шӯришеро, ки аз сӯйи кишоварзони

ӯзбек худи ҳамон сол дар Хӯқанд сар зада буд» [25, с.181] ва ба он ду нафар, роҳбарӣ доштанд, яъне Мулло Исҳоқ бо номи Пӯлодхон ва Абдураҳмони Офтобачӣ тарафдорӣ намуданд. Тамоми тоҷикони гирду атрофи шаҳри Хуҷанд аз ин шӯришҳо дастгирӣ намуда дар ҷараёни он фаъолона ширкат варзиданд. Шӯришиён пас омадани аскарони рус ақибнишинӣ карданд. Шӯриши дар Хӯқанд сар зада боиси он шуд, ки заҳматкашон ва кишоварзони минтақаҳои Ҳисор, Қаротегин, Кӯлоб, Дарвоз низ ба шӯриш алайҳи зулму истибдоди боёну ашрофон бархезанд. Шӯриши соли 1877 дар бекигарии Дарвоз рух дода, хеле тулонӣ буд. Ин шӯриш пас аз як сол, яъне соли 1878 танҳо баъд аз дахолати амири Бухоро ва қатли бераҳмонаи шӯришгарон пахш карда шуд.

Академик Бобоҷон Ғафуров вазъи хонигарии Хӯқандро то оғози шӯриш чунин баён намудааст, ҳукуматдорони подшоҳӣ дар Петербург ва Тошканд аз ҳукмронии давлати хонгарии Хӯқанд доимо изҳори хурсандӣ ва қаноатмандӣ доштанд. Ин аст, ки Худоёрхон барои нармию хушмаҳзарӣ ва гузаштҳояш доир ба талаботҳои империяи Русия чандин маротиба бо нишону унвонҳои ифтихорӣ ва ташаккурномаҳои «Аълоҳазрат» ноил гашта буд. Аммо вазъи худи хонигарӣ хеле нооршом ба назар мерасад. Манбаҳои мавҷуда «аз мавриди таҳқир қарор гирифтани одамони меҳнаткаш, ваҳшонияти политсия, андозу хироҷҳои зиёде, ки ҳатто «барои хори дар биёбон рӯида, дарахтони аз кӯҳ оваранда, барои най, барои золуи аз кӯл ҷамъкунанда ва ғайра меситониданд» [25, с.182] , гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳамин тавр, шӯриши солҳои 1873 - 1876 ба барҳам гардидани хонгарии Хӯқанд, зеро шӯриш ба тезӣ мавзеъҳои дигари минтақаро дар бар гирифт, ва дар он мисли тоҷикон, ӯзбекҳо ва қирғизҳо низ фаъолона ширкат дошта, аз моҳи июли соли 1873 ва он характери муборизаи ошкорро гирифт.

Ба имзо расидани шартномаи пинҳонӣ байни Насриддинбек ва генерал-губернатор фон Кауфман, шӯришгарон аввали моҳи октябр Хӯқандро ишғол карданд, аммо аввалҳои моҳи январ шӯришгарон дар муҳориба ва мудофиаи Андиҷон аз қӯшунҳои Русияи подшоҳӣ шикаст хӯрданд ва ҳамин ба барҳам шудани хонигарии Хӯқанд оварда расонид.

Ҳамин тариқ, мавод ва маълумотҳои «Таърихи Шоҳрухӣ» -и Муллониёзи Хӯқандӣ, ки аз тарафи дигар маъхазҳо тасдиқ карда шудааст, аз робитаҳои зич ва гуногунсоҳаи байни халқҳои Шарқи Наздик, Осиёи Миёна, Қазоқистон ва Туркистони Шарқӣ шаҳодат медиҳад. Дар ин бобат махсусан минтақаи Кӯҳистон нақши калон бозидааст, зеро ки инкишофи робитаҳои табиӣ-таърихӣ монеаҳои сиёсиро барҳам медод. Сокинон ба Фарғона ҳам аз ноҳияҳои ҳамсоя ва ҳам, аз Афғонистон, Эрон, Покистон, Ҳиндустон ва Туркистони Шарқӣ муҳоҷират кардаанд. Онҳо дар таърихи Фарғона мақоми баланд дошта, қисми таркибии идораи ҷамъиятии Хонигарии Хӯқанд ба шумор мерафтанд. Баъзеи онҳо, ҳатто то ба мақоми арбоби бузургтарини Хӯқанд расида буданд. Онҳое, ки ба туркзабон тааллуқ надоштанд, дар раванди туркзабонӣ ширкат доштанд. Ин далелҳоро бояд зуҳуроти муносибатҳои дӯстонаи байни халқҳо дар он шароит бояд арзёбӣ кард. Маълумоти маҳдуд, лекин арзишманди «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ нишон медиҳад, ки ҳайати этникии мухталифи ин минтақа бо робитаҳои таърихӣ ба ҳам пайваст гардида, бо вуҷуди зиддияти ҳамдигарӣ, саҳми худро дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гузоштаанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки имрӯз дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, маҳз дӯстии халқҳои Осиёи Марказӣ зарур аст, зеро ки барои дар сулҳу амонӣ ва тинҷию осоиштагӣ зиндагӣ кардани кишварҳои дӯсту бародар, ҳар як ҳайати этиникии минтақаи мазкур саҳми худро гузошта, барои мавҷудияти худ дар арсаи умумиҷаҳони нақши бориз дошта бошанд.

Дар доираи таҷлили Наврӯзи байналмиллалӣ, ки рамзи эҳёи табиат, ҳамзистии осоишта ва ҳамгироии фарҳангҳо ба шумор меравад, ба имзо расидани Эъломияи Хуҷанд аз ҷониби сарварони сиёсии Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон 30 марти соли 2025 дар бораи сулҳи абадӣ ҳамчун як санади муҳими байналмилалӣ аҳамияти хоса дошта, он на танҳо иродаи муштараки давлатҳои ҳамсояро дар самти таҳкими сулҳи пойдор ва ҳамкориҳои стратегӣ инъикос менамояд, балки, инчунин арзишманд гардидани

масъалаҳои амният, суботи минтақавӣ ва рушди устуворро дар шароити муосири геополитикӣ ба таври возеҳ исбот мекунад.

Ҳамин тавр, дар зербоби сеюми боби охирон мо маълумотҳои мушахасро оид ба инъикоси ҳайати этникии Хонигарии Хӯқанд дар «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ, яъне киҳо ҳайати этникии водии Фарғона ташкил мекард: сартҳо, қипчоқҳо, қирғизҳо ва киҳо ҳайати этникии вилояти Тошканд ва Қурама: сартҳо, курамҳо ва қазоқҳо ва қабилаи туркӣ маҳсуб меёфтанд. ва дар рисолаи илмӣ ҷадвал бо микдори аҳолӣ, ки аз ҷониби Россияи подшоҳӣ соли 1897 руйхатгирии умумӣ гузаронида шуда буд, маълумот оид ба аҳолӣ ва таркиби қавмии вилояти Фарғона дар шаҳрҳо дар соли 1897 оварда шудааст.

Хулоса мо дар боби сеюми рисола масъалаҳои вазъияти иҷтимоию иқтисодии Хонигарии Хӯқанд, шароити табиӣ ва мавқеи таърихию ҷуғрофии Фарғона ва инъикоси ҳайати этникии Хонигарии Хӯқанд дар «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ мавриди омӯзиш, таҳқиқ қарор намудем

Муллониёзи Хӯқандӣ дар асараш «Таърихи Шоҳрухӣ» маълумоти муфассал ва амикро дар бораи ҳайати этникии Хонигарии Хӯқанд пешниҳод намудааст. Ин дастур назарҳои гуногун ва маълумотҳо, ки гувоҳи зиндагии тоҷикон, қирғизҳо, қипчоқҳо ва дигар халқиятҳо дар ин минтақа мебошанд, ба назар гирифта, зикр менамояд, ки тоҷикон дар радифи дигар халқиятҳо, аҳамияти бузург доранд.

Таърихи муҳоҷирати халқҳои кӯчмандӣ, таъсиси хонигарии Бухоро, Хива ва Хӯқанд, инчунин, муқобилиятҳои иҷтимоии байни табақаҳои гуногун дар асрҳои XVI-XVIII, бар манбаҳои таърихӣ таҳлил гардида, хусусияти хонигарии Хӯқанд ва нақши тоҷикон дар ин воқеа ва ҳодисаҳоо таъкид карда мешавад.

Маълумоте, ки дар асар баррасӣ шудааст, нишон медиҳад, ки аҳолии шаҳру ноҳияҳои Хонигарии Хӯқанд, аз ҷумла тоҷикон, қисми асосӣ ва марказию таърихии ин минтақа ба ҳисоб мерафтаанд. Ин хулосаҳо тавассути таҳлили этнонимҳо, гурӯҳҳои этникии мухталиф ва вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва таърихи сиёсии хонигарӣ ва минтақа чун манбаи муҳим ва аз ҷиҳати этникӣ муфид мебошанд.

Асари Муллониёзи Хӯқандӣ ҳамчун манбаи таърихӣ ва фарҳангӣ оид ба муносибатҳои этникии Хонигарии Хӯқанд ва аҳолии он аҳамияти хосаи таърихӣ дорад.

## ХУЛОСА

### 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Муллониёзи Хӯқандӣ тавассути асари «Таърихи Шоҳрухӣ» таҷассумгари воқеаҳои таърихи Хонигарии Хӯқанд маҳсуб меёбад. Ӯ ҳодисаҳои охири қарни XVIII ва аввалҳои қарни XIX-ро дар китоби хеш тасвир намудааст. Таҳлилу баррасии асари мавриди пажӯҳиш нишон медиҳад, ки ӯ чун муаррихи тавоно дар «Таърихи Шоҳрухӣ» давраи таъсисёбии Хонигарии Хӯқанд ва вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар поёни асри XVIII ва аввали асри XIX ин ҳудудро инъикос кардааст.

Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва тадқиқи мавзуи «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Хӯқандӣ ба сифати манбаи таърихи халқи тоҷик, бағайр азин

иштироки халқи тоҷик ва сарзаминҳои тоҷикнишини ин минтақаро дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Хонигарии Хӯқанд, яъне замони ҳукуматдории хонҳои минг ва Россияи подшоҳӣ ба шумор меравад.

Муллониёзи Хӯқандӣ, дар як давраи пурфоҷиаи таърих тавассути иншои асари мазкур дар бораи таъсиси давлати нав дар қисмати марказии водии Фарғона ва сарзаминҳои тоҷикнишин он ва бо номи Хонигарии Хӯқанд, ки бо авҷгирии парокандагии сиёсии Осиёи Миёна вобаста аст, маълумоти саҳеҳ додааст.

Зимни таҳқиқу баррасӣ мушаххас карда шуд, ки муассиси давалти ҷадид, яъне Хонигарии Хӯқанд Шоҳрухбий аз қабилаи минги ӯзбекон мебошад. Ин қабил дар водии Фарғона ва ҳаёти сиёсии он мақому манзали махсусро ишғол мекард. Дар давраи ҳукмронии аввалин хонҳо - Шоҳрухбий (1709-1722), Абдураҳимбий (1722-1734) ва Абдукаримбий (1734-1750) аввалин асосҳои сохтори давлатӣ ташкил карда шуд. Миёнаҳои асри XVIII яке аз мушкилтарин давраи Хонигарии Хӯқанд ба ҳисоб меравад, зеро ки дар ин давра қалмиқҳо ба ҳудуди Осиёи Миёна ҳуҷум карда, мавзеъи даштҳои қазоқ ва ҳудуди муосири Қирғизистони шимолиро ишғол намуданд.

Аз омӯзиши ин манбаи таърихӣ муайян гардид, ки дар давраи ҳукмронии Хонигарии Хӯқанд, вазъи води Фарғона куллан таъғир ёфт якхел, яксону як

ранг набуд ва ба вазъи ҷуғрофӣ ва этникӣ таъсири худро гузошт. Адабиёти илмӣ шаҳодат медиҳад, ки дар водии Фарғона, дар поёни қарни XVIII бар асари низоъҳои дохилӣ дар байни ҳокимони маҳаллӣ ба дасти «хоҷагон» афтод. Ин ҳокимон соли 1710 аз тарафи Шоҳруххон сарнагун карда шуда, дар натиҷа Хонигарии Хӯқанд таъсис ёфт.

Таҳлили асари мавриди пажӯҳиш нишон медиҳад, вазъи ҷуғрофии Фарғона барои он мусоидат мекард, ки барои феодалони муқимӣ дар кӯҳистон торумор кардани кӯчманчиён ниҳоят душвор буд. Ҳамзамон, маълумоти маҳдуди «Таърихи Шоҳрухӣ» дар бораи шароити табиии Фарғона аҳаммияти калон дорад. Бо такя бамаълумотҳое, ки аз китоби «Таърихи Шоҳрухӣ», ба даст омадаанд, баъзе аз нуктаҳои таърихи маҳалро ба таври хеле мушикофона барқарор намудан имконпазир аст, инчунин таърих ва экологияи Фарғонаро омӯхта барқарор кардан мумкин аст.

